باللغة التاجيكية

# سيف الله على من كذب على أولياء الله

تأليف

صنع الله بن صنع الله الحلبي المكي الحنفي

المترجم

شهاب الدين صالح

# САЙФУЛЛОҲ АЛО МАН КАЗАБА АЛО АВЛИЁИЛЛОҲ


## МУАЛЛИФ
## СУНЪУЛЛОҲ ИБНИ СУНЪУЛЛОҲ АЛ-ҲАЛАБӢ АЛ-МАККӢ АЛ-ҲАНАФӢ
## МУҲАҚҚИҚ
## АЛӢ ИБНИ РИЗО ИБНИ АБДУЛЛОҲ ИБНИ АЛӢ РИЗО

## ТАРҶУМОН
## ШАҲОБИДДИН СОЛЕҲ



**1438 ҳиҷрӣ-2017 мелодӣ**

# Бисмиллоҳир Раҳмонир Раҳим

Ва эътимоди ман ба Ӯ ва ҳидоят, иноят ва дарку фаҳм аз ҷониби Ӯст ва Ӯ ёридиҳанда дар исботи яқини софу комил аст. Туро ҳамду сипос мегуем, эй касе ки синаҳои моро ба маърифати некиҳои имон кушодӣ ва Туро шукр менамоем, эй касе ки арвоҳи дилҳои моро ба далелу бурҳонҳои қатъӣ оромӣ бахшидӣ. Боз ва боз Туро ҳамду сипос мегуем ва инчунин идома деҳ бар он чизе ки муваффақ гардондааст, дар он чизе ки мутаҳаққиқ намудааст аз баромадгоҳи нурҳои яқин ва бар он неъматҳои накӯе, ки неъмат додааст, ки ба сабаби он чашмони шахсҳо ором мегирад ва гушҳои зеҳнҳо (шахсҳо аз шунидани он) фараҳманд мешавад. Ва салоту салом мегуем бар касе ки бар Ӯ Фурқон (Қуръон)-ро нозил намудӣ, пас ба он ҳар як забоновари моҳири Қаҳтон ва Аднонро оҷиз гардонд ва ҳар як фасеҳи моҳире, ки дар баён намудан баёни соҳирона дорад, сокиту хомуш гардонд, ба ҳайсияте ки агар бо ҳамроҳи онҳо сақалайн (инсу ҷин) бар мубоизаи як ояти он ҷамъ оянд, ҳароина аз овардани мисли он оҷиз меоянд, балки наздик аст, ки аз ҳайбати он кӯҳҳо ба изтироб оянд ва барои як ояти он сангҳои сахт об мешавад. Ва барои равшании бурҳонаш гарданҳо фурӯ меоянд, пас касе хоҳад, ки ба мақсадаш даст ёбад, роҳнамоии Ӯро пайравӣ намояд ва касе аз роҳнамоии Ӯ рӯй гардонад, хоҳишоти нафсашро илоҳи худ мегирад ва дар ҷойҳои гумроҳӣ ва туғён меафтад. Ва бар аҳли Ӯ ва саҳобагони Ӯ, ки нурҳои коинот ва марворидҳои муназзам ва гарданбандҳои тилои холиси соф ҳастанд ва бар касоне ки ононро ба некӯи пайравӣ мекунанд, то вақте ки шабу рӯз аз паи ҳам меоянд ва замон давр мезанад, нозил бод. Ва баъд аз ин, ниёзманд ба Мавлояш, бандаи Ӯ, Сунъуллоҳи Ҳалабӣ, сипас Маккӣ мегӯяд:Албатта мақсади олӣ аз ин дунё ҳамон талаби тақво барои дори қарор (охират) аст ва ин мақсад беилму амал ҳосил намешавад ва асоси илм эътиқод аст, зеро эътиқод асоси Дин ва бинои яқин бар он аст ва аз он аҳком фаръ-фаръ мешавад ва мадори Ислом бар он аст.

Ва оқил бо ақли расояш мунофаса намекунад, магар дар чизи боарзиш, зеро умр қимат аст, дар мисли он сарф карда мешавад ва соҳибақл мислро барои ҳамонанди он ва ҳақро барои аҳлаш боз мегардонад.

Ва дар миёни ақл ва нақл (ваҳй) низоъе нест, ки илми эътиқод, ки он асоси зиндагӣ ва миод (бозгашт) аст, бузургтарини илмҳо аз рӯи қадру манзалат ва олитарини он аз рӯи сано ва фахр аст, зеро шарафи ҳар илм

ба мавзӯи он аст. Ва мавзӯи ин илм Зоти илоҳӣ муқаддас ва баҳс дар он аз аҳволи васфи муқаддаси Ӯст. Ва чигуна инчунин нест ва он (илми ақида) нури ҳидоят ва оғози дироят (фаҳм) аст ва ифода ва нуфузи саодат дар он аст. Ва агар он намебуд, хато аз савоб ва шароб аз сароб[1] фарқ карда намешуд. Пас беҳтар ин буд, ки дар он нафасҳои парҳезгорон сарф шавад ва поктар буд, ки бар он ҳимматҳои бохирадон ҷамъ ояд. Ва аз инҷо имомони бузург ба он аҳамият доданд ва маънидод кардани қоидаҳои онро барои уммат омода карданд, аз китоби азизи пайравишуда (Қуръон) ва аз ҳадиси расули Мустафо бардошт карданд, зеро бар ғайри ин ду барои пешрафти фаҳму дироят эътимод карда намешавад ва аз ғайри ин ду барои пешрафти ҳидоят таъхир карда намешавад ва барои ҳуҷҷату бурҳони усул роҳе ба сӯи даст бардоштан нест. Пас дар минҳаҷи устувор ва роҳи рости устувор будани он шакке нест аз рӯи нигаҳ доштани ҳидоят ва аз рӯи ниҳояти дироят (фаҳм) будан.

Ин (ишора ба гузашта), ва албатта ҳозир дар миёни мусалмонон ҷамоатҳое пайдо шудаанд, ки даъво доранд, ки барои авлиё дар ҳоли зиндагияшон ва пас аз маргашон тасарруфот аст ва ба онҳо дар сахтиҳо ва балоҳо фарёдрасӣ карда мешавад ва бо ҳимматҳои онон чизҳои муҳим кашф мешавад, пас ба назди қабрҳои онон меоянд ва дар баровардани ҳоҷатҳо ононро фарёд мекунанд, далел меоранд, ки ин аз ҷониби онҳо каромот аст![2]

Ва онҳоро дар ин, касе ки иддиои илм дар масъалаҳоро дорад, қарор дода ва онҳоро ба фатвоҳо ва рисолаҳо кӯмак карда аст ва ба гумонашон барои авлиё хабар додани аз ғайбро ба тариқаи кашф барои онон беягон шак, ё ба тариқаи илҳом, ё хоб дидан исбот кардаанд!

Ва гуфтанд:Аз ҷумлаи онон абдол, нуқабо, автоду нуҷабо, ҳафтоду ҳафт ва чилу чор[3] аст ва қутб ҳамон фарёдрасӣ мардум аст ва бешак

---

[1] Сароб-чизе ки аз дур ҳамчун об менамояд.

[2] Дар асри наздик, онҷо қабрпарастон ба он чизе, ки гузаштагонашон дар он буданд, ошкор шуданд. Пас пешвои қабрпарастони асри нав, Кавсарӣ ба олитарини овозаш нидо мекунад ба ин ки валӣ дар дунё монанди шамшери дар ғилоф аст, пас вақте бимирад, аз ғилоф берун шуда, пас дар тасарруф қаввитар мегардад. "Ирғом-ул-мурид"-и Кавсарии қубурӣ саҳ:28. Ва шогирдони ӯ бар нақшаи шайхашон мераванд!!

[3] Дар ин ҷо ҳадиси мавзӯъ (бофта) аст, ки онро зикр мекунанд ва барои исботи ин автод, ё нуҷабо, ё нуқабо бар он эътимод мекунанд, он ҳадис ин аст:"Албатта

эътимод бар ӯст. Ва барои онон мол куштан ва назрҳо карданро ҷоиз шумориданд ва дар он ду барои онҳо аҷрҳо исбот намуданд. Ва инро ҳамонгуна ки мебинӣ суханест, ки дар он кутоҳӣ ва зиёдаравӣ ва ғулуви дар дин ба тарки эҳтиёт аст, балки дар он ҳалоки абадӣ ва азоби сармадӣ (ҳамеша) аст, барое ки дар он аз бӯйҳои ширки муҳаққақ ва мухолафатии китоби азизи тасдиқшуда ва мухолифати ба ақидаҳои имомҳо ва бар хилофи иҷмоъи ин уммат мебошад.

Пас ҳар биное бар ғайри усули онон талбис ва дар ғайри минҳоҷи онон хаёлҳои Иблис аст. Ва дар Қуръон омадааст:**"Ва касе ки пас аз он ки ҳидоят (ва роҳи ҳақ) барояш равшан шуд, ба паёмбар мухолифат кунад ва аз роҳе ҷуз роҳи мӯъминон пайравӣ кунад, Мо ӯро ба он чи пайравӣ карда во гузорем ва ӯро ба Ҷаҳаннам дарафканем ва бад ҷойгоҳе аст"**.[1]

Пас, агар монанди ин ваъдаи азоб барои ҳазар кардан аз майли аз роҳи устувор бошад, пас зарур аст, ки ҳақ дар он чизе ки аз барои онҳост аз аҳком бошад ва дар тариқи онҳо эътисом (чанг задан) аст, балки ба он аҳли Ислом аз аҳли интиқом ҷудо мешавад. Ва локин на ҳар касе ки низомашро маҳкам кард, низомаш бо ӯст ва на касе ки исломашро

---

барои Аллоҳ дар халқаш сесад нафар аст, дилҳояшон мисли қалби Одам алайҳис салом аст ва барои Аллоҳ дар халқаш чил нафар аст, дилҳояшон мисли қалби Мусо алайҳис салом аст ва барои Аллоҳ дар халқаш ҳафт нафар аст, дилҳояшон мисли дили Иброҳим алайҳис салом аст ва барои Аллоҳ дар халқаш панҷ нафар аст, дилҳояшон мисли дили Ҷибраил алайҳис салом аст ва барои Аллоҳ дар халқаш се нафар аст, дилҳояшон мисли қалби Микоил алайҳис салом аст ва барои Аллоҳ дар халқаш як нафар аст, дилаш мисли дили Исрофил алайҳис салом аст, пас вақте як нафар бимирад, Аллоҳ дар ҷои ӯ аз се нафар бадал намояд ва ҳаргоҳ се нафар бимирад, Аллоҳ дар бадали ӯ аз панҷ нафар бадал намояд ва ҳаргоҳ аз панҷ нафар бимирад, Аллоҳ дар бадали ӯ аз ҳафт бадал намояд ва ҳаргоҳ аз ҳафт нафар бимирад, Аллоҳ дар бадали ӯ аз чиҳил нафар бадал намояд ва ҳаргоҳ аз чиҳил нафар бимирад, Аллоҳ дар бадали ӯ аз сесад нафар бадал намояд ва ҳаргоҳ аз сесад нафар бимирад, Аллоҳ дар бадали ӯ аз омма бадал намояд, пас ба сабаби онҳо зинда мегардонад ва мемиронад ва боронро нозил менамояд ва мерӯёнад ва балоро дур месозад". Ва ин ҳадис аз мавзӯъоти китоби "Ҳулият-ул-авлиё (1/8-9) аз вазъи Усмон ибни Амора аст ва ӯ бисёр дурӯғгӯ аст. Ва боқии ҳадисҳои заифи абдолро дар "Силсилут-ул-аҳодис-из-заифа ва-л-мавзӯъа (1474, 1475, 1476, 1477, 1478, 1479)"-ро назар кун!

[1] Сураи Нисо:115.

устувор кард исломаш бо ӯст, зеро гоҳо дар калом килом[1] ва дар салом силом[2] аст!.

Чигуна ва ба рости гуфтааст, касе ки аз ҳавову ҳавас сухан намегӯяд: **"Ба зуди уммати Ман ба ҳафтоду се гурӯҳ тақсим мешавад, ҳамааш дар оташи Дӯзах аст, ба ҷуз як гурӯҳаш"**. Ин ҳадисро Тирмизӣ[3] ва ғайри ӯ[4] ривоят кардаанд ва дар Саҳеҳи Бухорӣ ва Муслим[5] ҳамонанди ин аст.

---

[1] Килом-ҷароҳатҳо ва сиғаи танҳояш ал-калм аст. (ал-Мӯъҷам-ул-васит 2/796).

[2] ас-Силом- ба касраи сини муҳмала, навъе аз сангҳои сахт аст, ҳамчуноне ки дар "Лисон-ул-араб 12/297" омадааст. Пас гӯё, ки муаллиф мегӯяд:На ҳар сухане ки инсон мегӯяд, ҳаққу рост аст, балки гоҳо дар суханаш хатоҳои бузург аз ширк, бидъатҳо ва хурофот аст, ки муаллиф онро ба ҷароҳатҳо ташбеҳ кардааст. Ва инчунин на ҳар инсоне, ки ба ислом сухан мекунад, ӯ барои амри Аллоҳ таъоло таслимшуда ва барои шаръи Ӯ сархамкунанда аст, балки гоҳо барои ӯ ҳамонгуна ки гузашт шубҳаҳо мебошад, ки ба он бар мардум талбис мекунад. Онро муаллиф ба сангҳои сахте, ки мекӯшад ва ҷароҳатдор мекунад касеро, ки ба ӯ мерасад, ташбеҳ кардааст. Ва Аллоҳ донотар аст.

[3] СунаниТирмизӣ (2640), боб:Мо ҷоа фи ифтироқи ҳозиҳил уммат, китоби Имон, 5/25, ал-Мактабат-ул-Исломия. Ҳадиси Абӯҳурайра разияллоҳу анҳу ба исноди ҳасан, аз рӯи хилофи маъруфе, ки дар Муҳаммад ибни Амр ибни Алқама аст.

[4] Пас ин ҳадисро Ибни Моҷа (3991) дар китоби ал-Фитан ва Абӯдовуд (4596) дар китоби ас-Суннат ва инчунин имом Аҳмад дар ал-Муснад (2/332) ривоят карда аст ва ҳадисро Ибни Ҳиббон 15/125, зери рақами:(6731) саҳеҳ гуфтааст ва инчунин ҳадисро Ҳоким бар шарти Муслим саҳеҳ гуфта ва ӯро Заҳабӣ мувофиқат кардааст. Ва албатта исноди он ҳасан аст ҳамонгуна ки гузашт. Сипас он бар шарти Муслим нест, зеро охирон онро барои Муҳаммад ибни Амр ибни Алқама дар мутобаъот овардааст, ҳамонгуна ки он дар ал-Мизон (3/673) аст, локин ҳадис бешак барои шоҳидҳояш аз ҳадиси Авф ибни Молик ба исноди саҳеҳ дар назди Ибни Абӯосим дар ас-Суннат (63) ва Ибни Моҷа (1322) ва ғайри ин ду саҳеҳ мебошад. Ва боқии шоҳидҳоро дар ас-Суннат (64, 65, 68, 69) назар кун!.

[5] Мегӯям: Шояд он ҳадиси Абӯсаъиди Худрӣ ба таври марфӯъ аст, бошад: "Ҳароина равиши касонеро, ки пеш аз шумо буданд, ваҷаб ба ваҷаб ва зироъ ба зироъ пайравӣ мекунед, ҳатто агар онҳо дар сурохи сусмор дохил шаванд, ҳароина онро равиш мегиред. Гуфтем:Эй Расулуллоҳ! Оё мақсадат яҳуд ва насоро аст? Фармуд:Пас кист?". Бухорӣ дар рақами:4356, 7320 (Фатҳ-ул-Борӣ) ва Муслим (2669) ривоят кардаанд. Ва инчунин Аҳмад (3/84, 89, 94) ва Таёлисӣ дар рақами:(289) ривоят кардаанд. Ва Ибни Ҳиббон дар рақами (6703) ҳадисро саҳеҳ гуфтааст. Ва инчунин ҳадисро Ибни Абӯосим дар ас-Суннат (74-75) ва Абдурразоқ дар ал-Мусаннаф (20746) ва Ибни Батта дар ал-Ибона (711) ривоят кардаанд.

Пас, аз ҷойгоҳи афтодани дигаре ҳазар кун-ҳазар! Аллоҳ ҷалла зикруҳу фармуд:**"Бегумон касоне ки дар оёти Мо каҷравӣ мекунанд, бар Мо пӯшида нестанд, оё касе ки дар оташ андохта шавад беҳтар аст, ё касе ки рӯзи қиёмат эмин ва бидуни ваҳшат) биёяд!? Ҳарчи мехоҳед бикунед, мусалламан Ӯ ба он чи мекунед, биност"**.[1]

Пас ононе ки инро пазируфтанд роҳҳои ҳалокоеарро пеш гирифтанд ва аз далелҳои қатъӣ рӯй гардонданд ва ба он чизе чанг заданд, ки барои ҳавову хоҳишоти онҳо дурахшон буд ва он чизе ки дар ақидаҳои исломӣ ба он қатъшуда аст, таҳриф намуданд. Ва гумон карданд, ки онҳо дар роҳи саломат ҳастанд. Ҳаргиз чунин нест ва албатта онҳо дар лағжишҳои фаҳмҳо ва қадамҳо воқеъ шудаанд. Ва касе ки роҳнамоии аҳли суннат ва Қуръонро пайравӣ намекунад, ӯ аз авлиёи шайтон мебошад.

Ва ана ман бар ту баён мекунам он чизеро, ки ба он нафсҳои пок ором мегирад ва арвоҳи ботақвои соф роҳат мекунанд, хоссатан дар ин савол қилу қол бисёр шуд ва дурӯғгӯён худро ба зиннати аҳли камол зиннат доданд ва баракси ҳолатҳо бо қаламҳо навиштанд.

Ва ба зуди ба сӯи он чизе ки ваҳм намуданд, ишора мекунам ва барои онҳо он чизеро ки тасаввур карданд ва расм кашидан фасодашро баён мекунам ва муҳиммоти шариати равшанро баён мекунам. Ва барои онҳо ҳар ибораи каҷшударо парешон мекунам ва барои мондашуда маъно-ҳоро осон мекунам. Ва ба Қуръон мабониро бино месозам ва ҳаромро ошкор мекунам ва аҳкомро тартиб медиҳам, хоссатан ва ба рости расмҳо ва мансуру манзум аз байн рафтааст. Ва Аллоҳ раҳмат кунад, касеро ки гуфт: خلت الديار فلا كريم يرتجى   منه النوال ولا مليح يعشق

Диёр холӣ шуд, пас дар он кариме нест, ки аз ӯ ато чашм дошта шавад ва на чеҳраи ширине, ки ба ӯ ишқ варзида шавад.

Ва ин китобро барои ту бар муқаддима ва се фасл тартиб додам:

Аммо муқаддима, пас он дар ҳамон мавзӯъ аст, ки барои ин уммат имомҳо аст, то ки бар басирати дар пайравӣ бошад ва аз мусибатҳои аҳли зайғ (каҷшудагон) ва низоъ дар амон бошад.

**Ва фасли якум**:Дар радди он чизе ки аз дурӯғи вазбин ва ширки бузург пазируфтаанд.

---

[1] Сураи Фуссилат, ояти:40.

**Ва фасли дуввум**:Дар эътиқоди беҳтаринҳо, ки аз оташ наҷотдиҳанда аст.

**Ва фасли сеюм**:Дар каромоти авлиёи Раҳмон, то ки аз авлиёи шайтон ҷудо шаванд.

Ва ин китобро:"**Сайфуллоҳи ало ман казаба ало авлиёиллоҳ**" номидам.

Пас, дар ҳоли буданам ёрӣ талабида аз Аллоҳ бар мақсад ва аз соҳиби фазлу карам талаби ҳидоят мекунам, ки ин мақсад амалӣ гардад:-

Якум:Ба рости ман бароят дар ин ҷо қоидаҳои муҳиммеро зикр мекунам, ки маърифати он барои касе ки дар ин боб фурӯ меравад, зарурӣ аст, то ба он аз ғавоши[1] (сарпуши) хиёнате, ки дар мавридҳои аҳком аст, худро ҳифз намояд. Ва онро ҷазб менамояд касе ки аз роҳи эътисом (чанг задан) дур шудааст, аз рӯи тарси лағжидани қадамҳо аз роҳи адл. Ва ба сабаби он рафтори нек аз рафтори паст ва ҳоли ақидаҳои накӯ аз бадии ақидаҳои гумроҳӣ ҷудо мешавад. Ва ба он касеро ки аз ҳукмҳои имомҳо мухолафат карда ва касеро ки ба гумонаш, ки ӯ барои уммат насиҳатгар аст, шинохта мешавад.

Ва шояд, ки аз лағжишҳои ваҳмҳо ва хобҳои бад ва баръакси қаламҳо ва инқилоби фаҳмҳо ва ҷунбидани қадамҳо дар ҷойҳои лағжидани қадамҳо ва баромадан аз доираи Ислом ва аз он чизе ки имомҳои аълом бар он ҳастанд ва мақсад акси он аст ба зиннат додани сухан бошад.

Пас, аз орзуҳои холӣ ва ибораҳои радӣ (паст) дур бош, боз дур бош, то дар тангие[2], ки дар он ҳаво нест воқеъ нашавӣ, вақте ки ҳеҷ рафиқу дӯст нест ва на рауфу меҳрубоне, магар касе ки ба пеши Аллоҳ ба қалби солим биёяд.

---

[1] Ҳамонгуна ки дар фармудаи Ӯ таъолост:"Барои онҳо бистаре аз (оташи) Ҷаҳаннам ва (низ) рӯи онҳо пӯшишҳое (аз оташи Ҷаҳаннам) аст". Сураи Аъроф, ояти:41. Ва ғавошӣ ҳамон сарпӯш ва болопӯш аст, ки аҳли оташро аз болояшон мепӯшонад, ба Аллоҳ таъоло паноҳ мебарем, пас муаллиф ин сарпӯш, ё монеаҳоеро, ки қабрпарастон дар хиёнат ва макрашон ба он худро мепӯшонанд ба сарпӯши оташе, ки дар он кофиронро нигаҳ медоранд, ташбеҳ кардааст.

[2] Шояд он аз гуфтаи Ӯ таъолост:"Ва ҳангоме ки даст ва по баста дар макони танге аз он андохта шаванд. Дар он ҷо маргро ба фарёд мехонанд". Сураи Фурқон, ояти:13.

Эй Аллоҳ хайре ба ҷуз хайри Ту нест ва илоҳе, ки ба ҳақ парастида шавад ба ҷуз Ту нест.

Дуюм:Албатта соҳибони чор мазҳаб, онҳо бенизоъ аҳли пайравӣ ҳастанд ва дини онҳо устувор ва эътиқодашон солим ва тариқашон мустақим аст ва онҳо бар он равише ҳастанд, ки бар он Паёмбари ихтиёршуда ва саҳобагони Ӯ, ки беҳтаринҳоянд ва касе ки баъди онон аст аз тобеъинҳо ва салафи солеҳҳо (гузаштагони накӯкор) мебошанд. Ва бар ин иҷмоъи мусалмонон аз салафу халаф (пасомадаҳо) воқеъ шудааст ва инро аҳли асрҳо аз якдигар мерос бурданд ва иттифоқ карданд бар ин ки дар мазҳаби ягон нафари онон ҳазаршуда нест[1], барои бозгашти масъалаҳои фуруъи онон ба сӯи оятҳои муҳками китоби азизи нозилшуда ва ҳадиси Мустафои фиристодашуда аст ва онон касоне ҳастанд, ки Аллоҳ онҳоро бар халқаш ҳуҷҷат[2] ва барои онҳо ва бар алайҳи онҳо дар пайравияшон барои беҳтарини халқаш шоҳид гардонд. Ва ба сӯи онон мардум дар умури динашон рӯй меоранд ва бар онон дар эътиқод барои яқинашон эътимод карда мешавад.

Ва онон аҳли Ислом ҳастанд, ки бар ҳақ дар мавриди бандагон ҷамъ омадаанд ва манори онҳо ҳамон роҳнамо барои аҳволи асл ва миод аст. Ва онҳо асос дар таъсиси ҳар миқёсе, ки дар аҳволи зиндагӣ ва миод ва некиҳои эътиқод ва иршод ҳастанд, ҳамчуноне ки аз он расулон ва китобҳои илоҳӣ гуфтанд ва ин ҳамон чизест, ки аз сайри онон, ки ба сидқи онон мерасонад, хабар медиҳад, ба хилофи ғайри онон аз дигар фирқаҳо. Пас онҳо дар ҳолати ғарқ шуданананд, барои аз онҳо ҷудо шуданашон. Ва хулоса онҳо барои истифодабаранда нур ва барои ҷуянда

---

[1] Дар ин қавл тафсил аст: Пас агар мақсад иттифоқи онҳо бар тавҳиди улуҳият ва рубубият ва асмо ва сифатҳо ва умури ақида бошад, пас ин қавл саҳеҳ аст. Аммо агар мақсад ин бошад, ки дар байни онҳо раъй ва масъалаи фиқҳӣ, ки аз баъзе роҷеҳтар аст, ёфта намешавад, пас дуруст нест, зеро гоҳо дар назди баъзеашон ҳадис саҳеҳ аст ва дар назди баъзеи дигарашон ҳадис заиф, ё мансух аст, ё аслан ба ӯ ҳадис нарасидааст....то охири узрҳое, ки маъзур донista мешаванд ва бар онҳо маломате нест, ҳамонгуна ки Шайхи Ислом Ибни Таймия раҳимаҳуллоҳ дар китобаш "Рафъулмалом ъан аимматил аълом" ба тафсил баён кардааст. Ва ба зуди тафсили нек аз аз тарафи муаллиф баъди андаке меояд.

[2] Ҳуҷҷат нест, магар дар китоби Аллоҳ таъоло, ё ҳадиси саҳеҳи Паёмбар алайҳис салоту ва салом, ё иҷмоъи уммат ва фаҳми салафи солеҳ барои нусуси Китоб ва Суннат ва манҳаҷи онон дар амалӣ кардан, мебошад.

ҳидоят ҳастанд, пас аз онон малакаҳои фохира касб карда мешавад ва ба сабаби онон ба саодати дунё ва охират расида мешавад.

Ва сеюм:Зарур аст донистан ва эътиқод кардан ба ин ки ҳар нафари аз ин имомҳо аҳкомаш дар ғояти фиқҳу дироят (фаҳм) забту мустаҳкам аст ва қоидаҳояш дар ниҳояти ҳидоят пайванд аст, балки ҳар қоидае аз қоидаҳои онон баҳри фавворазанандаи беқарор аст, зеро онҳо қазоёи куллӣ ҳастанд, ки бар онҳо дар аҳкоми ҷузъӣ тамоми надорад, монанди моҳиятҳо (ҳақиқатҳо) дар имдоди ҷузъӣ аст.

Ва сарчашмаи файзи онон:Китоб (Қуръон) ва суннат, пас ин ду онҳо ва аҳкоми онҳоро иҳота намуда ва онҳо дар роҳнамоияшон аз ҳамин ду чиз мадад металабанд.

Ва албатта хилофи онон дар масъалаҳои фаръӣ рӯх дод, на дар усул, ба эътибори он чизе ки далел тақозо (талаб) мекунад, аз маъқул ва нақлшуда, аз рӯи қуввату заъф ва мантуқу васф, ба мувофиқи таъсиси қоидаҳои махсуси он ва тафриъҳои муайяншудаи он аз луғат ва шаръ ва хусус, умум, иштирок, муҷмал, муҳкам, муфассал, ҳақиқат, маҷоз, киноя, ишорат ва кадоми аз онҳо таъхиршуда аст. Ба рости онро дар урҷузаам дар чор байт ба риштаи назм даровардаам ва ба он ба як байт ишора кардам: فأربع في أربع مع أربع والكل يأتي ضربها في أربع

Пас чор дар чор бо ҳамроҳи чор ва зарби ҳамаи инҳо дар чор меояд. Яъне чор дар чор зарб зада мешавад, ба шонздаҳ ва ин бо замми чор бист мешавад ва ҳамааш вақте дар чор зарб зада шавад, ҳаштод мешавад.

Хулоса:Албатта мартабаҳои аҳком аз ҳамин қисмҳо гирифта мешавад, аз рӯи забт ба хотири эътисом (чанг задан) ва аз рӯи тарсидан бар халқ аз лағжидани қадамҳо ва аз рӯи раҳнамоии аҳли Ислом, зеро амри дин пурра намешавад, магар ба муайян кардани қоидаҳои ақидаҳои он ва қонуни усули шариати он, то ба ин ба истинботи аҳком расида шавад ва ба он чизе ки аз ҳалол ва ҳаром истифода мешавад.

Ва эътимоди онҳо дар ин, фармудаи Ӯ, ки зикраш бузург аст, мебошад:**"Имрӯз дини шуморо комил кардам ва неъмати худро бар шумо тамом намудам ва Исломро (ба унвони) дин барои шумо интихоб кардам. Аммо ҳар кас ки аз гуруснагӣ дармонда шавад ва моил ба гуноҳ набошад (монеъе надорад, ки аз гуштҳои мамнӯъ бихӯ-**

**рад) пас (бидонад, ки) Аллоҳ омурзандаи меҳрубон аст"**[1]. Ҳамонгуна ки ба ин маъно ин оятро тафсир кардаанд.

Таҳқиқи ин дар ин мақом ин аст, ки инсон вақте беҳуда раҳо нашуда ва ба тафсилҳои амалҳо, гуфторҳо ва афъолаш иҳота надорад ва ҳамаи инҳо бо ҳукме аз тарафи шариатгузор вобастагӣ дорад. Пас амр музтар шуд ба асле, ки ба сӯи он бозгашта ва бар қонуне, ки бар он эътимод карда шавад. Пас ин имомҳо қоидаҳои ин шариати покро ба қазоҳои куллӣ забт намуданд, ки аҳкомро ба сӯи онҳо бозгардонда мешавад ва ба сабаби он эътисом ба даст меояд ва аз онҳо ҳалол ва ҳаромро ҷудо карда мешавад. Ва ба сабаби онҳо ба амале расида мешавад, ки он барои илм ғоят аст ва илм беамал барои соҳибонаш ҷиноят аст. Ва Аллоҳ раҳмат кунад, касеро ки гуфтааст:

والعلم ليس بنافع أربابه     ما لم يفد عملا وحسن تبصر

سيَّان عندي من لم يستفد     عملا به وصلاة من لم يطهر

Ва илм соҳибонашро фоида намедиҳад, вақте ки ифодаи амал ва некбинӣ накунад. Дар назди ман баробар аст, шахсе ки ба илм амал накунад ва намози касе ки таҳорат накунад.

Ва чаҳорум:Албатта ҳар сухане, ки бар ту ворид мешавад, пас ба ростӣ аз яке ҳолатҳо холӣ нест:

А-Пас Қуръон ва Суннат ва иҷмоъи ин умматро мувофиқат мекунад, пас ин қатъан қабул аст.

Б-Ва ё баръакси ин аст, пас қатъан радшуда аст.

Ҷ-Ва он чизе ки на ин асту на он, пас дар ин истодан беҳтар аст.

Д-Он чизе ки аз дутои охир аз шахсони мӯътабар собит шудааст, ба сӯи аввал ба таъвил бозгардонда мешавад, аз рӯи ҳифзи он аз ҳалол ва ин воҷиб аст, ҳамчуноне ки дар ҳукмҳои китоби нозилшуда (Қуръон) аст, зеро умури ин шариати пок бар асоси устуворӣ розикунанда таъсис ёфта аст ва масъалаҳои фаръии имомҳо бар он бино ёфта бемуҳол қатъкунанда ба ҳақ аз байн барандаи ботили каҷ ва гумроҳӣ мебошад. Оё фармудаи Ӯ ҷалла зикруҳуро надидӣ:**"Баъзе аз он, оёти муҳкам (сареҳ ва равшан) аст, ки онҳо асоси Китоб аст"**.[2]

Яъне:Оятҳои қатъӣ дар далолат кардан бар маънои мақсуд аст, дар ибора маҳкам аст, аз эҳтимол, иштибоҳ (хато) ва тазодд (зиддият)

---

[1] Сураи Моида:3.

[2] Сураи Оли Имрон, ояти:7.

ҳифзшуда аст, монанди фармудаи Ӯ, ки зикри Ӯ бузург аст:**"Монанди Ӯ чизе нест".**[1] **"Офаридгори ҳамаи чиз".**[2] **"Назод ва зода нашуда аст".**[3] **"(Эй Паёмбар!) Бигӯ:Ӯ Аллоҳи якто ва ягона аст".**[4] Ва монанди ин оятҳо, ки маънояш ғайри онро эҳтимол надорад ва дар он насх, таъвил ва табдил дохил намешавад. Ва ба таҳқиқ ин маъноро дар усул дар як байт ба назм овардам: والمحكم اسم للكلام المحكم للنسخ والتبديل غير منتم

(Тарҷума): Ва муҳкам исми каломи муҳкам аст, барои насху табдил нисбат дода намешавад.

Пас ҳар чизе ки бар ту ворид мешавад, ки дар он иштибоҳ аст, пас онро ба сӯи муҳкам ба таъвили саҳеҳе[5], ки ба ҳаққи ошкор зид намеояд, бигардон!

Монанди фармудаи Ӯ, ки зикраш бузург аст:**"Дасти Аллоҳ фавқи дастонашон аст"**[6] яъне қудрати Ӯ фавқи қудрати онҳост, зеро мурод аз даст қудрат[7] аст, зеро Ӯ таъоло чизеро шабоҳат надорад ва Ӯро чизе шабоҳат надорад[1].

---

[1] Сураи Шуро, ояти:11.
[2] Сураи Анъом, ояти:102, сураи Раъд, ояти:16, сураи Зумар, ояти:62 ва Ғофир, ояти:62.
[3] Сураи Ихлос, ояти:3.
[4] Сураи Ихлос, ояти:1.
[5] Лекин ин таъвил нест, ҳамоно ин таътил асту таъвил нест. Ҳамонгуна ки ба зуди меояд.
[6] Сураи Фатҳ, ояти:10.
[7] Ин ҳамон ба айнаш таътил аст! Ва чӣ қадар орзу мекардам, ки муаллиф дар таътили сифатҳои Аллоҳ ба мақсади покии Аллоҳ таъоло аз ташбеҳ аз рӯи гумон воқеъ нашавад, зеро ӯ ба гумонаш аз ташбеҳ гурехта, пас дар таътил воқеъ шуда аст ва ҳар ду амр хатои бузург аст, балки ба сифатҳои Ӯ субҳонаҳу ва таъоло имон овардан воҷиб аст, аз сифати яд (даст), риҷл (пой), шунавоӣ, биноӣ ва дигар сифатҳое, ки дар китоби Аллоҳ таъоло, ё дар саҳеҳи ҳадиси Паёмбар алайҳис салоту вас салом омадааст, беташбеҳ ва бетаътил ва бетаҳриф ва бетамсил. Ва албатта нагуфтам (ва бетаъвил):Зеро таъвил дар каломи мутааххирин (пасомадаҳо) аз фақеҳон ва мутакаллимон ба маънои гардондаи лафз аз эҳтимоли роҷеҳ ба сӯи эҳтимоли марҷуҳ барои далолате ки муҷиби он аст, мебошад. Ва ин таъвил саҳеҳ аст, аз ҷумлаи он:Он ҳамон чизест, ки бар он нусуси Китоб ва суннати саҳеҳ далолат мекунад, мебошад. Ва он чизе ки инро мухолифат мекунад, пас он таъвили ботил аст.

Ва ин тариқаи имомҳост дар он чизе ки аз якдигарашон бар онҳо ворид шудааст, пас онҳо дар илм устуворанд ба гардондани муташобиҳ ба сӯи муҳкам ва гирифтани он чизе ки муҳкамтар ва солимтар аст.[2]

Ва панҷум:Албатта дар умури ин шариати пок зарур аст, ки инсон ба қадри тавоноияш аз дур кардани зарар ва мафсада ва аз наҳйшуда эҳтиёт намояд, хоссатан дар боби ақидаҳояш ва дар масолеҳи ҳатмӣ ва

---

Ва аммо таъвил дар каломи Аллоҳ таъоло ва ҳадиси Расулаш алайҳис салоту вас салом ва онеро, ки саҳобагон ва салафи солеҳ донистанд, пас он ба маънои ҳақиқатест, ки хабар ба сӯи он боз мегардад.
Пас таъвили хабар, ҳамон айни хабардода шуда аст.
Ва таъвили амр, ҳамон нафси феъли амршуда аст.
Ҳамчуноне ки таъвил дар каломи бисёри муфассирон, монанди Ибни Ҷарири Табарӣ ва дигарон:Ҳамон тафсири калом ва баёни маънои он аст, хоҳ зоҳирашро мувофиқат намояд, ё мухолифат намояд. Ва баъзеи ин ҳаққест, ки қабул карда мешавад ва баъзеаш ботил аст, ки рад карда мешавад. "Шарҳи ақидаи Таҳовӣ, саҳ:230-235-ро назар кун, ба тасарруф нақл шудааст.

[1] Пас, ҳамчуноне ки барои Ӯ таъоло дар Зоташ шабеҳе нест, пас барои Ӯ шабеҳе дар сифатҳояш нест, пас ҳамонгуна ки Зоти мавҷудеро исбот кардем, ки вуҷдуи Ӯ монанди вуҷуди мо нест, пас инчунин барои Ӯ таъоло сифатҳое исбот мекунем, ки монанди сифатҳои мо нест. Ва ин барои касе ки андеша кунад, возеҳ аст!

[2] Ин чизе ки муаллиф пиндоштааст, Аллоҳ ӯро раҳмат кунад ва мову ӯро мағфират кунад, аз ин ки таъвил ҳамон тариқи имомҳои устувори дар илм аст ва ин ки онон ҳамон касонеанд, ки ба он чизе ки муҳкамтар ва солимтар аст чанг задаанд. Ин қавл дуруст нест, балки ботил аст, балки тариқи муҳкамтар ва солимтар ҳамон тариқи салафи солеҳ аз саҳобагон ва тобеъин, ки ононро ба некӯӣ пайравӣ карданд, касоне ки ҳамаи нусусро истеъмол намуда, баъзеашро рад накарданд ва ба баъзеаш чанг бизананд. Ва ҳамоно ин тариқи Мотуридиҳо ва ашъариҳост, ки ин сифатҳоро таҳриф карданд ва онҳоро таътил карданд, ё ба пуррагӣ, монанди ҷаҳмияҳои тоза, ва ин алҳамду лиллоҳи таъоло, ки каломи муаллиф нест, ҳамонгуна ки ошкор аст. Ва ё бештарашро таътил карданд, ё тафвиз карданд, ва тафвиз кардан палидтар аст. Ва имон наоварданд, магар ба баъзеи сифатҳо, бар хилофе, ки дар байни онон дар ададаш аст. Ва ба дурусти инро ба таври муҷмал ва муфассал Шайхи Ислом Ибни Таймия раҳимаҳуллоҳ дар бисёри аз ҷавобҳояш баён кардааст, монанди он чизе ки дар 5/113-120 дар Фатово зикр кардааст. Ва ҷавоби ӯ раҳимаҳуллоҳро аз шубҳаи гӯяндагони ин ки мазҳаби халаф донотар ва муҳкамтар аст ва мазҳаби салаф солимтар аст! дар Фатово, 5/8-25-ро назар кун!

вуҷубият, зеро гирифтани он чизе накӯтар, беҳтар ва қарибтар ба савобу ислоҳ аст ба ҳар ҳол ба насси фармудаи Ӯ ҷалла зикруҳу матлуб мебошад:**"Ва аз некӯтарин чизе ки аз ҷониби Парвардигоратон бар шумо нозил шуда пайравӣ кунед"**.[1] **"(Ҳамон) касоне ки сухан(ҳо)-ро мешунаванд, пас аз некӯтарини он пайравӣ мекунанд"**.[2] **"Ва ба қавмат фармон деҳ, то ба некӯтарини он амал кунанд ва ба зуди (ҷойгоҳ ва) сарои нофармононро ба шумо хоҳам нишон дод".**[3] Ва зеро инсон савоб дода намешавад ва иқоб карда намешавад, магар ба ақида ва феълаш. Аллоҳ ҷалла зикруҳу фармуд:**"Танҳо (ба кайфари) он чи анҷом медод-ед, ҷазо дода мешавед"**.[4] **"Ҳар кас кори баде анҷом диҳад, ба кайфари он хоҳад расид"**.[5] **"Пас ҳар кас ба андозае кори нек анҷом дода бошад (подоши) онро мебинад. Ва ҳар кас ба андозаи заррае кори бад карда бошад (кайфари) онро мебинад"**.[6] Ва зеро мақсад аз таклиф таъзими Парвардигори таборак ва таъоло ба тоати Ӯ ва аз наҳйи Ӯ дӯрӣ варзидан аст, пас ҳар қадар инсон бар маслиҳати холӣ аз мафсада, шубҳа, зарар ва макруҳ даст ёбад, бар ӯ ҳосил кардани он таъйин мешавад, хоссатан дар ҳаққи омма ва ақидаҳояшон, аз барои дурии онҳо аз маърифати зарар ва он чизе ки дар он савоб аст, аз он чизҳое, ки дар он хилоф воқеъ шуда аст. Пас, ҳаргоҳ амр эҳтимолии маҳзурро дошта бошад, дар ҳаққи он эҳтиёт мекунем ва дар дур кардани маҳзури он саъй менамоем, аз тарси ин ки дар амалҳо ва ақидаҳо халал ворид мешавад, зеро ҳар як шахс ба қадри касбаш ва анҷоми амалаш мубошаратан, ё ба сабаб шуданаш ҷазо дода мешавад. Хулоса:Албатта ҳамаи хайр дар тоатҳо ва тақво аст ва ҳамаи маҳрум шудан дар мухолиф будан ва балоҳост. Ва дар хабари саҳеҳ[7] омадааст:**"Пас, касе шубуҳотро тарк кунад, пас ба дурусти дин ва**

---

[1] Сураи Зумар, ояти:55.
[2] Сураи Зумар, ояти:18.
[3] Сураи Аъроф, ояти:145.
[4] Сураи Тур, ояти:16 ва сураи Таҳрим, ояти:7.
[5] Сураи Нисо, ояти:123.
[6] Сураи Залзала, ояти:7-8.
[7] Ҳадисе, ки Бухорӣ дар Саҳеҳаш, бо Фатҳ-ул-Борӣ (52, 2051) ва Муслим дар Саҳеҳаш (1599) аз ҳадиси Нӯъмон ибни Башир разияллоҳу анҳу ба таври марфӯъ ривоят кардаанд:"Албатта ҳалол ошкор аст ва албатта ҳаром ошкор аст ва дар байни ин ду амрҳои муштабиҳот аст, ки бисёри мардум онҳоро намедонанд. Пас касе ки аз шубҳаҳо парҳез кунад, пас ба таҳқиқ дин ва ирзашро пок нигоҳ дошта аст ва касе ки дар шубҳаҳо воқеъ шавад, дар ҳаром воқеъ шудааст,

**обурӯяшро нигаҳ доштааст"**. Пас, ҳаргоҳ ин омӯзиш (тарбия) барои ту омода шуд ва аввалу охири онро донистӣ ва охири онро бар ояндааш гардондӣ, яқин донистӣ ва возеҳ яқин кардӣ ва қатъӣ донистӣ ва аз рӯи тоату гуш кардан пайравӣ кардӣ ва донистӣ, ки пайравии ин имомҳо[1] аз соҳибони мазҳабҳо ҳамон роҳи мӯъминон аст ва ҳамон чизест, ки дар дин бар он эътимод карда мешавад. Ва аммо бар он чизе ки аҳли мусибатҳо ҳастанд, касоне ки дар муҳиммот аз ғайри Аллоҳ мадад металабанд, пас ин ҳамон касест, ки дар ақлаш халал аст, ё дар чуқурии ҷаҳлаш партофта шудааст.

Эй Аллоҳ албатта мо ба Ту паноҳ мебарем аз ин ки моро ибрат барои халқат бигардонӣ, ё аз касе бигардонӣ, ки дар ҳаққе ки аз Ту аст халал ворид намояд ва ба Ту паноҳ мебарем аз ин ки моро аз касоне бигардонӣ, ки **"амалҳояшон ҳамчун саробе аст дар биёбоне, ки (инсони) ташна (аз дур) онро об мепиндорад, то он ки ба он наздик шавад, чизе намеёбад ва Аллоҳро назди худ ёбад, ки ҳисоби ӯро комил бидиҳад ва Аллоҳ зудшумор аст"**.[2]

---

монанди чупоне, ки дар атрофи ҳудуд мечаронад, наздик аст, ки аз он бичарад. Огоҳ бошед, барои ҳар подшоҳ ҳудуд аст, огоҳ бошед, ки ҳудуди Аллоҳ ҳаромкардаҳои Ӯст. Огоҳ бошед, албатта дар ҷасад гуштпорае аст, ҳаргоҳ ислоҳ шавад, ҳамаи ҷасад ислоҳ мешавад ва ҳаргоҳ фосид шавад, ҳамаи ҷасад фосид мешавад. Огоҳ бошед, он гуштпора қалб аст ". Ин лафзи Бухорӣ аст.

[1] Монанди Имом Молик, ки аз ӯ ва аз Авзоъӣ раҳимаҳумаллоҳу таъоло ба ривояти саҳеҳ омадааст, ки аз ҳадисҳои сифот гуфтанд:Онҳоро бечигунагӣ, ҳамчуноне ки омадаанд, гузаронед. Ва инчунин аз Лайс ибни Саъд ва Саврӣ ва Макҳул ва Зуҳрӣ ва ғайрашон ривоят шудааст. Ва ал-Фатово 5/39-ро назар кун!

[2] Сураи Нур, ояти:39.

## ФАСЛИ АВВАЛ

Дар радди он ифки бузург ва ширки азиме, ки иддио доранд. Аллоҳ ҷалла зикруҳу фармуд:**"Албатта ширк ҳароина зулми бузург аст"**.[1]

Ва ифк-дурӯғ аст, ҳамчуноне ки Аллоҳ ҷалла зикруҳу дар қиссаи Сиддиқа разияллоҳу анҳо мефармояд:**"Албатта касоне ки туҳмати бузург (дар бораи Умм-ул-мӯъминон Оиша) оварданд"**. Ва дар давоми оят мефармояд:**"Барои ҳар кадоми аз онҳо саҳме аз гуноҳ аст, ки муртакиб шудааст ва касе аз онон ки (бахши) бузурге (ва муҳимме) аз он (туҳмат)-ро ба уҳда дошта аст, барои ӯ азоби азиме аст"**.[2] **"Ва кист ситамгортар аз он касе ки бар Аллоҳ дурӯғ бандад, ё ҳақро чун ба сӯи ӯ ояд, такзиб кунад!?"**.[3] **"Ва рӯзи қиёмат касонеро, ки бар Аллоҳ дурӯғ бастаанд, мебинӣ, ки чеҳраҳояшон сиёҳ шудааст, оё дар Ҷаҳаннам ҷойгоҳе барои мутакаббирон нест!?"**[4] то охири оят, ба ҷуз ин оятҳо (оятҳои дигаре ҳаст).

Пас касе бар авлиёи Аллоҳ дурӯғ бандад, пас ба ростӣ бар Аллоҳ дурӯғ бастааст ва ҳавои худро илоҳи худ гирифтааст. **"Ва инон занҷирҳо дар гарданҳояшон аст"**.[5] **"Онон монанди чаҳорпоёнанд, балки инҳо гумроҳтаранд"**.[6]

Аммо гуфтаи онон, ки барои авлиё дар ҳаёташон ва баъди маргашон тасарруфот аст, инро фармудаи Ӯ ҷалла зикруҳу рад мекунад:**"Оё илоҳе бо ҳамроҳи Аллоҳ ҳаст?!"**.[7] **"Огоҳ бош, офаридану амр аз они Ӯст"**.[8] **"Он чи дар осмонҳо ва замин аст, аз они Аллоҳ аст"**.[9] **"Мулки осмонҳо ва замин аз они Ӯст"**.[10] Ва монанди ин оятҳо, ки бар ягона будани Ӯ дар офаридан, тасарруф ва тақдир далолат мекунад ва барои ғайри Ӯ дар ягон чиз ба ягон ваҷҳе аз ваҷҳҳо ширикӣ нест. Пас ҳамаи чиз дар зери мулку қаҳри Ӯст аз рӯи тасарруф, мулк, зинда гардонидан, мирондан ва

---

[1] Сураи Луқмон, ояти:13.
[2] Сураи Нур, ояти:11.
[3] Сураи Анкабут, ояти:68.
[4] Сураи Зумар, ояти:60.
[5] Сураи Раъд, ояти:5.
[6] Сураи Аъроф, ояти:179.
[7] Оятҳо аз 60-64 аз сураи Намл аст.
[8] Сураи Аъроф, ояти:54.
[9] Сураи Луқмон, ояти:26.
[10] Сураи Тавба, ояти:116, Фурқон, ояти:2 ва Буруҷ, ояти:9.

офаридан ва бар ин (ақида) аввалинҳо ва касони баъд аз онон омаданд, ҷамъ шуданд ва бар ин мусалмонон ва пайравони онон иҷмоъ намуданд ва ба он сухан намуданд, ҳамчуноне ки ба ло илоҳа иллаллоҳ (нест маъбуди бар ҳақ ба ҷуз Аллоҳ) сухан карданд.

Ва Парвардигори таъоло худро ба ягонагияш дар мулку фармонравоияш дар чанд ояти аз китоби азизаш ҳамду сано гуфт, монанди фармудаи Ӯ ҷалла зикруҳу:**"Оё офаринандае ҷуз Аллоҳ ҳаст"**.[1] **"Ва ҳама чизро офарид"**.[2] **Ва "Ҳамаи чизро ба андоза офаридем"**.[3] **"Ин аст Аллоҳ, Парвардигори шумо, (ки) офаринандаи ҳамаи чиз (аст)"**.[4] **"Оё касе ки меофаринад, монанди касе аст, ки намеофаринад?!"**.[5] **"Ба ман нишон диҳед чӣ чизе аз заминро офаридаанд? Ё ин ки дар (офариниши) осмонҳо ширкате доранд?"**.[6] **"Ва касонеро ки ба ҷои Ӯ дуо мекунед (ҳамвазни) пусти нозуки ҳастаи хурмое молик нестанд"**.[7] **"(Эй Паёмбар!) Бигӯ: Касонеро ки ғайр аз Аллоҳ (маъбуди худ) мепиндоред, (ба фарёд) бихонед, (онҳо) ҳамвазни заррае дар осмонҳо ва дар замин молик нестанд ва дар (офариниш ва тадбири) он ду ҳеҷ ширкате надоранд"**.[8] **"Бегумон онҳоеро, ки ғайр аз Аллоҳ мехонед, бандагоне ҳамчун шумо ҳастанд"**.[9] **"Ва касонеро, ки ба ҷои Ӯ мехонед, наметавонанд шуморо ёрӣ кунанд ва на худашонро ёрӣ диҳанд"**.[10] **"Ин ба хотири он аст, ки Аллоҳ ҳақ аст ва он чи ҷуз Ӯ (ба худоӣ) мехонанд, ботил аст"**.[11] **"Ва касонеро, ки (мушрикон) ба ҷои Ӯ мехонанд, (ҳаргиз) даъваташон иҷобат намекунанд, магар монанди касе ки кафи дасташро ба сӯи об мекушояд, то (об) ба даҳонаш бирасад ва (ҳаргиз) ба он нахоҳад, расид"**.[12] Ба ғайри ин оятҳо, ки шуморида намешавад. Пас фармудаи Ӯ:**"Ба ҷуз Аллоҳ"** дар ҳамаи ин

---

[1] Сураи Фотир, ояти:3.
[2] Сураи Фурқон, ояти:2.
[3] Сураи Қамар, ояти:49.
[4] Сураи Ғофир, ояти:62.
[5] Сураи Наҳл, ояти:17.
[6] Сураи Фотир, ояти:40.
[7] Сураи Фотир, ояти:13.
[8] Сураи Сабо, ояти:22.
[9] Сураи Аъроф, ояти:194.
[10] Сураи Аъроф, ояти:197.
[11] Сураи Ҳаҷ, ояти:62.
[12] Сураи Раъд, ояти:14.

оятҳо, яъне ба ҷуз Ӯ таъоло, пас албатта ин ом аст, дар он дохил мешавад касе ки ба он эътиқод дорӣ аз шайтон ва валие, ки аз ӯ мадад металабӣ. Пас албатта касе ки бар ёрии худаш қудрат надорад, чигуна ғайрашро мадад мекунад?! Пас оё боақле дар ин шак мекунад, ки ғайри Ӯ таъолоро дар  тасарруф, ё идора кардан, ё мадад талабидан дар амре, ки ба он мустақил аст, бар вай аз дурӯғ бастан бар Парвардигораш чӣ чиз аст?! Ва ба рости Аллоҳ ҷалла зикруҳу фармуд:**"Аллоҳ (маъбуди бар ҳақ аст) ҳеҷ маъбуди ба ҳақ ҷуз Ӯ нест, зинда (ва ҷаҳони ҳастиро) нигаҳдор ва мудаббир аст"**.[1] **"Ва (ҳамаи) чеҳраҳо дар баробари (Аллоҳи) зиндаи поянда фурӯтан мешавад"**.[2] Пас маънои ал-Ҳай ҳамеша зиндаи боқӣ аст. Ва маънои ал-Қайюм ҳамон қоими доимӣ ба тадбири бандагонаш, аз офаридани онон, ризқи онон, ҳифзи онон ва ёрӣ додани дар ҳамаи вақт, дар тули замон мебошад. Пас, албатта файзҳои неъматҳояш, ки бар халқаш шуморида намешавад, агар аз онҳо лаҳзае аз лаҳзаҳо қатъ шавад, барои онон ҷои қароре намебошад ва барои онон ин дор ҷои оромӣ намебошад, магар дар чуқурии нестӣ ва ҳалок мебошанд, зарурӣ аст, ки махлуқ дар эҳтиёҷоташ ба зоти худ мустақил нест. Пас файзи Ӯ таъоло барои махлуқ дар ҳамаи лаҳза ва замоне ки мегузарад ва тамом мешавад ёридиҳанда аст, то эҳтиёҷи ӯ барои боқӣ монданаш мутаҳаққиқ шавад. Пас файзҳои фазли Ӯ таъоло ба зоти махлуқ ва сифатҳои ӯ ва камолоти ӯ мутааллиқ аст, ки ба он фалаки таъбир иҳота надорад ва онро ба ҷуз Донои Огоҳ (Аллоҳ) касе намедонад.

Хулоса осори файзҳои Ӯ бардавом расанда аст, дар он фонӣ шуданро тасаввур карда намешавад. Пас, агар шомил будани ёрӣ додани Ӯ бар халқаш ва идора кардани Ӯ ҳоҷатҳои онҳоро ва бардавом ба аҳволи онҳо дар ҳама вақт ва нафс ва замон намебуд, ҳароина аз боқӣ мондан ба олами нестӣ мерафтанд. Пас чигуна барои ғайри Ӯ таъоло аз махлуқе тасаввур карда мешавад, ки дар махлуқе тасарруф намояд?! Албатта ин аз бехирадӣ аст, ҳароина сухани нодуруст ва ширки бузург аст, пас агар гӯяндагон аз монанди ин мавқеъҳояшон боз наистанд, вагарна ба касоне ки суханро аз мавзеъҳояшон тағйир медиҳанд, мепайванданд.

---

[1] Сураи Бақара, ояти:255.
[2] Сураи Тоҳо, ояти:111.

Ва мӯътазила,[1] ҳангоме ки феълҳояшонро ба худашон нисбат доданд, аз аҳли бидъату аҳво шуданд, зеро шаъни ин сухан шарик овардан ба ал-Борӣ (Аллоҳ) дар амалҳост ва дар вартаҳои гумроҳӣ даромадан аст, пас чигуна аст ҳоли касе ки бар авлиёи Аллоҳ ба ин савол дурӯғ мебандад ва онҳоро дар феълҳо мутасарриф қарор додаанд?!

Пас ин аз қабеҳтарини гумроҳӣ ва баддидатарин ва ҷуръатноктарин дар дурӯғ бастан бар Парвардигор ва бидъаттарин аст. Ва аммо гуфтан, ки баъди мурдан тасарруф доранд, пас ин аз гуфтане, ки дар ҳоли ҳаёт тасарруф доранд, қабеҳтар ва бидъаттар аст. Аллоҳ ҷалла зикруҳу фармуд:**"(Эй Паёмбар) қатъан ту хоҳӣ мурд ва онҳо (низ) хоҳанд мурд"**.[2] **"Албатта ту наметавонӣ (суханатро) ба (гуши) мурдагон бишнавонӣ"**.[3] **"Аллоҳ ҷонҳоро ба ҳангоми маргашон қабз мекунад ва (низ ҷони) онҳо, ки дар хоби худ намурдаанд (қабз мекунад) онгоҳ (ҷони) касоне ки фармони маргашонро содир карда нигаҳ медорад"**.[4] **"Ҳар кас чашандаи (таъми) марг аст"**.[5] **"Ҳар кас дар гарави аъмоли хеш аст"**.[6] **"Ва ҳар кас дар гарави дастоварди (ва аъмоли) хеш аст"**.[7]

Ва дар ҳадис омадааст:**"Ҳаргоҳ фарзанди Одам бимирад, аъмолаш қатъ мешавад"**.[8]

---

[1] Ба чизе аз усули панҷгонаи мӯътазила, ки ба он дини Расул алайҳис салоту ва саломро табдил доданд, назар кун! Пас ба ростӣ асли динашонро бар ҷисм ва араз бино карданд, сипас дар қадар, ки онро адл меноманд, сухан карданд. Сипас дар нубувват ва шариатҳо ва амру наҳй ва ваъдаву ваъид, ки онро "манзилае дар байни ду манзила" меноманд, сухан карданд. Сипас дар амри ба маъруф ва наҳй аз мункар сухан карданд ва ҷоиз будани хуруҷ бар имомҳоро ба ҷанг зам намуданд. Инро дар "Шарҳи ақидаи Таҳовӣ, саҳ:332-334" назар кун!

[2] Сураи Зумар, ояти:30.

[3] Сураи Намл, ояти:80.

[4] Сураи Зумар, ояти:42.

[5] Сураи Оли Имрон, ояти:185 ва Анбиё, ояти:35.

[6] Сураи Муддассир, ояти:38.

[7] Сураи Тур, ояти:21.

[8] Ҳадиси саҳеҳ аст, Муслим ин ҳадисро дар Саҳеҳаш зери рақами:1631 ба лафзи "Ҳаргоҳ инсон бимирад" ривоят кардааст. Ва инчунин ба лафзи зикршуда наздик Абӯдовуд дар ас-Сунан зери рақами:2880 ва Насоӣ дар Сунани Суғро, 6/251 ва Тирмизӣ дар Сунан зери рақами:1376 ривоят кардаанд. Ва Байҳақӣ дар Сунани кубро 6/278 ва дар Маърифат-ус-сунани ва-л-осор, 9/197-198 зери рақами: 12856 ривоят кардааст. Ва ба рости Бухорӣ дар Адаб-ул-муфрад зери рақами:38

Пас ҳамаи ин зикршудаҳо ва монанди онҳо далолат бар қатъ шудани ҳис ва ҳаракат аз майит мекунад ва ин ки арвоҳи онҳо боз дошта шудааст ва ин ки амалҳои онҳо қатъшуда, аз зиёд ва кам шудан маҳфуз аст. Аллоҳ ҷалла зикруҳу мефармояд:**"Ҳаргиз чунин нест, (ки онҳо мепиндоранд) бегумон номаи (аъмоли) некӯкорон дар иллийин аст ва ту чӣ донӣ, ки иллийин чист? Китобе аст, ки (аъмоли некӯкорон дар он) навишта шуда аст, ки муқаррабони (даргоҳи илоҳӣ) бар он ҳозир шаванд (ва гувоҳӣ диҳанд)"**.[1]

Ва китобҳои кофирон дар сиҷҷин аст, пас ин далолат мекунад бар ин ки барои майит дар зоти худаш тасарруф нест, чӣ гӯӣ аз дигаре ба ҳаракате тасарруф дорад ва ин ки руҳи ӯ маҳбусу дар гарави амалаш аст, аз амали нек ва бад. Пас ҳаргоҳ аз ҳаракати худаш оҷиз бошад, пас чигуна дар ҳаққи ғайраш тасарруф мекунад?!

Пас Парвардигор субҳонаҳу ва таъоло хабар медиҳад, ки арвоҳҳоро дар наздаш боз медорад ва ин мулҳидон[2] мегӯянд:Албатта арвоҳ озоду тасарруфкунандаанд.

**"Бигӯ:Оё шумо донотарен, ё Аллоҳ?!"**[3].

**"Оё ҳангоме ки Аллоҳ шуморо ба (ҳаром будани) он тавсия кард (ҳозир ва) гувоҳ будед!?"**.[4]

**"Пас чи касе ситамгортар аст аз он кас ки бар Аллоҳ дурӯғ бандад, то мардумро аз рӯи нодонӣ гумроҳ созад!?. Албатта Аллоҳ гурӯҳи ситамкоронро ҳидоят намекунад"**.[5]

---

ва Аҳмад дар Муснад 2/382 ва Ибни Ҷоруд дар ал-Мунтақо зери рақами:370 ривоят кардаанд. ТАНБЕҲ:Аҷлунӣ ин ҳадисро дар Кашф-ул-хафо ва музил-ул-илбос, 1/99 зери рақами:277 ба Муслим нисбат нададааст ва ин кутоҳии сахт аст!.

[1] Сураи Мутаффифин, ояти:18-21.

[2] Инчунин ин ҷо ба гуфтааш:"Ло ҳавла ва ло қуввата илло биллоҳ!" таъliқ карда аст. Ва мо инро мегӯем, валекин на ба тариқи инкор кардан бар муваҳҳидон (яктопарастон), ҳамонгуна ки ин таълиққунанда кардааст! Ва ба монанди ин таълиққунандаро басанда аст, ки бидонад, ки аз баъзеи олимони ҳанафӣ собит шудааст, ки онон гуфтанд:"Касе гӯяд:Арвоҳи шайхҳо ҳозиранду медонанд, кофир мешавад". (ал-Баҳр-ур-роиқ 5/124).

[3] Сураи Бақара, ояти:140.

[4] Сураи Анъом, ояти:144.

[5] Сураи Анъом, ояти:144.

Ва аммо он чизеро, ки аз фалон мард ва зан зикр карданд, ки ӯро баъди мавташ диданд, ки тасарруф мекунад, пас ин аз тасарруфҳои даҷҷолӣ ва ороишҳои хаёлии шайтонӣ аст, зеро бо гуфтаҳои Аллоҳ илми яқин аст ва ғайри он шак аст, пас шакро ба яқин муқобила карда намешавад. Ва хабари Аллоҳ бо райбу шак якҷоя намешавад ва на имкони ғалат ва ваҳмро дорад ва дар дил ғайри он ҷой намегирад.

Масалан ҳаргоҳ донистӣ, ки даҳ аз се бисёртар аст ва барои ту гӯяндае гуфт, балки се бисёртар аст ба далели ин ки ман барои ту сангро тило ва ин асоро ба мор табдил медиҳам ва онҳоро табдил дод ва инро аз ӯ мушоҳида кардӣ, дар талбиси ӯ бар ту шакке накун, ғайри ин ки ту дар тахйили қудраташ тааҷҷуб мекунӣ. Пас агар ту ба он чизе ки Аллоҳ ба он хабар додааст, аз ин илми яқин надошта бошӣ, пас ба илми эътиқоди ту барои Ӯ таъоло эътимод нест ва бо он илм амон нест. Ва ҳар илме ки бо он амон набошад, он илми яқин нест, пас ба гуфтори ғалаткорон фиреб махӯр, албатта он сафсата аст.

Ва аз ин зишттар гуфтани онҳост, ки вилояти авлиё ба сабаби марг қатъ намешавад. Оре! Барои онҳо тасарруф аст, зеро марг дар ҷасад ворид шуда ва руҳ боқӣ аст, ба хилофи нубувват, ки ба сабаби марг қатъ мешавад.

Пас барояш гуфта мешавад:Мақсад аз ин мусибати мақолаи азиме, ки фазли вилоятро бар нубувват дар ваҳм меорад, чист?

Агар мақсад аз он қатъ шудани ваҳй бошад, пас ин қабул аст ва оё ҷуз ин аст? Зеро дин ба ростӣ ба мавти онон пурра шудааст, пас касе дар дин чизе пайдо кунад, пас он радшуда аст ва аз радшудаҳо он чизест, ки шумо пайдояш кардаед, мебошад.

Ва агар мақсад қатъ шудани тасарруф аз анбиё бошад, на аз авлиё, пас ин барои онон бухтон аст, зеро барои анбиё дар ҳаёташон беваҳй тасарруф нест, чӣ гӯӣ пас аз мавти онон, ба далели фармудаи Ӯ ҷалла зикруҳу:**"Ва аз рӯи ҳавои нафс сухан намегӯяд, ин нест ҷуз он чи ба ӯ ваҳй мешавад (ва ба ҷуз ваҳй чизе намегӯяд)"**.[1]

**"(Эй Паёмбар!) Бигӯ:Ман фақат башаре ҳастам мисли шумо, (имтиёзи Ман ин аст, ки) ба Ман ваҳй мешавад"**.[2]

**"Ман танҳо аз чизе пайравӣ мекунам, ки ба Ман ваҳй мешавад"**.[3]

---

[1] Сураи Наҷм, ояти:3-4.

[2] Сураи Каҳф, ояти:110.

[3] Сураи Аҳқоф, ояти:9.

Пас сухани онҳо ба монанди он бар онон (анбиё) ифтиро ва дурӯғ аст.

Ва аммо авлиё аз монанди ин дар ҳоли ҳаёт ва мавташон пок ҳастанд, пас амри онҳо мустақим шуд. Пас барои онҳо исбот намудан пас аз марг ва тасарруфи онҳо ба он ва қатъ шудани тасарруф аз анбиё ба ҷуз авлиё аз куҷост?!

**"Бигӯ:Оё Аллоҳ ба шумо иҷозат дода аст, ё бар Аллоҳ дурӯғ мебандед?"**.[1]

**"(Онҳо) ҷуз аз гумон пайравӣ намекунанд ва ҷуз ба дурӯғ сухан намегӯянд"**.[2]

**"Ва бештари онҳо ба Аллоҳ имон намеоранд, магар ин ки онон (ба навъе) мушриканд"**. [3]

Пас касе сареҳи Қуръон ва ҳадисро тарк кунад ва ба хаёлҳои Иблис сухан гӯяд, хоҳиши нафсашро пайравӣ карда ва бо мавлояш (Аллоҳ) ширк овардааст. Ва дар Қуръон омадааст:**"Онҳо ҷуз аз гумон (-ҳои бад ва беасос) ва ҳавои нафс пайравӣ намекунанд, дар ҳоле ки ҳидоят аз (сӯи) Парвардигорашон барои онҳо омадааст"**.[4]

Пас аз ин мусибат дур бош, боз дур бош! Албатта он ба фазли вилоят бар нубавватро дарак медиҳад ва ин аз илҳод аст.[5]

---

[1] Сураи Юнус, ояти:59.

[2] Сураи Анъом, ояти:116, сураи Юнус, ояти:66.

[3] Сураи Юсуф, ояти:106. Ва мегӯям:Чӣ қадар ин оят мувофиқат мекунад бар ин қабрпарастоне, ки аз анбиё алайҳимус салоту вас салом ва аз авлиё ва аз ғайри онҳо аз касоне, ки аввалин шуда аз кори ин гумроҳону гумроҳкунандаҳо безорӣ меҷӯянд, мадад металабанд!. Пас аз Аллоҳ таъоло устуворӣ бар динро талаб мекунем, то Ӯ субҳонаҳуро мулоқот намоем.

[4] Сураи Наҷм, ояти:23.

[5] Ва бузургтарини мулҳидон Фиръавн аст, ки Ибни Арабӣ ӯро барояш имом дар илҳод қарор дода, пас худашро аз Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам муқаддам медонист, ҳамонгуна ки дар "ал-Фусус, саҳ:62" аст. Ва ба рости бар ӯ олимон ва имомҳо сахт рад кардан ва аз машҳуртарини онҳо Шайхи Ислом Ибни Таймияи Ҳарронӣ раҳимаҳуллоҳу таъоло ва шайх аллома Иброҳими Ҳалабӣ, ки китоби ҷомеъ дар радди бар ал-Фусус таълиф кард, мебошанд. Ва китоби худро "Ниъмат-уз-зариъа фи нусрат-иш-шариъа" номид. Алҳамду лиллоҳи таъоло ман ин китобро таҳқиқ кардам. Ва шайх Иброҳим ба рости каломи ибни Арабиро зикр карда ва бар он дар саҳифаи 35-36 аз китобаш, ки ҳоло зикр шуд, рад кардааст.

Ва ба дурусти олимон сароҳатан гуфтанд, ки барои воҷиб будани имон ба анбиё, паёмбарии онон қатъ намешавад.[1]

Ва мансух ҳамон шариати онон аст, на паёмбарии онҳо.

Ва албатта анбиё мартабаҳои вилоятро бо нубувват ҷамъ намудаанд, пас онҳо дар ниҳояти мартабаҳои тақво ҳастанд[2].

Ва Паёмбари мо саллаллоҳу алайҳи (ва олиҳи)[3] ва саллам шариаташ бо нубувват ва вилояташ боқӣ аст. **"Пас чаро ин қавм ҳозир нестанд суханеро дарк кунанд?!"**. [4]

Пас, қасам ба Аллоҳ агар аз ин инҳироф боз наистанд, бехилоф аз авлиёи шайтон мегарданд.

Ва аммо эътимоди онҳо ба ин ки ин тасарруфот барои онҳо каромот аст, пас ин ғалат аст, зеро ки каромот чизест аз ҷониби Аллоҳ ба он авлиё ва анбиёашро икром мекунад. Барои онҳо дар он қасде нест ва на ба мубориза даъват кардан ва на тавону ва на илме, ҳамчуноне ки дар қазияи Марям бинти Имрон[5], Усайд ибни Ҳузайр[6], Абӯмуслими Хавлонӣ[1]

---

[1] Ва оятҳо ва ҳадисҳо дар ин мавзӯъ хело бисёр аст.

[2] Ба хилофи Ибни Арабӣ ва тоифаи ӯ, ки валиро бар набӣ афзалият медиҳанд.

[3] Зиёдати (ва олиҳи) аз тарафи ман аст, пас ин комилтар дар сиғаи ас-салоту ва-с-салом алайҳи саллаллоҳу алайҳи ва ало олиҳи ва саллама таслиман касиро. Мулоҳаза:Локин Аллоҳ танҳо бар салот фиристодани бар Ӯ амр кардааст, ҳамонгуна ки дар қавли Ӯ таъолост:"Бар Ӯ дуруд фиристед ва салом гӯед, саломи некӯ" ва агар зиёдатиро тарк мекардӣ, беҳтар буд, зеро он дар ташаҳҳуд омадааст. Солеҳ Фавзон.

[4] Сураи Нисо, ояти:78.

[5] Ҳамонгуна ки дар фармудаи Ӯ таъолост:"Ҳаргоҳ Закариё вориди меҳроб (ва ибодатгоҳи) ӯ мешуд, назди ӯ ғизо ва ризқе меёфт, (Закариё) мегуфт:Эй Марям ин аз куҷо барои ту омадааст? (Марям) мегуфт:Ин аз ҷониби Аллоҳ аст, ки Аллоҳ ба ҳар кас бихоҳад бешумор рӯзӣ медиҳад". Сураи Оли Имрон, ояти:37 Ва дар "нун" ва "коф":Қазия аст ва шояд, ки он қисса бошад.

[6] Ва хабараш дар Саҳеҳи Бухорӣ (3805), боб:Фазилати Усайд ибни Ҳузайр ва Убод ибни Бишр разияллоҳу анҳумо аз ҳадиси Анас разияллоҳу анҳу омадааст:" Албатта Усайд ибни Ҳузайр ва марде аз ансор дар шаби торик баромаданд ва инҳангом нуре дар пеши онҳо буд, то ки ҷудо шуданд, пас нур бо ҳамроҳи онҳо ҷудо шуд". Ва Муслим дар Саҳеҳаш (796), боби нозил шудани сакинат барои қироати Қуръон, ҳадисеро дар фазли Усайд ибни Ҳузайр ривоят кардааст ва фармудаи Паёмбар алайҳис салоту вас салом барои ӯ:"Ибни Ҳузайр бихон! Ва албатта малоикаҳо дар монанди чатрҳое, ки дар онҳо чароғҳост фаромадаанд" ва фармудаи Ӯ алайҳис салоту ва салом барои ӯ:"Онҳо малоика буданд, туро гуш

ва он чизе монанди ин аст, ҳамчуноне ки бар он ба зуди огоҳ мешавӣ, мебошад. Пас гуфта намешавад, ки аз тасарруфоти онон аст, ё он чизе ки аз тасарруф гуфтанд, бар он равона мешавад **"Ва албатта онҳо ҳароина сухани мункар ва дурӯғ мегӯянд"**.[2]

Пас мӯъминони мухлис аз монанди ин қавл безоранд.

Ва аммо гуфтаи онҳо:Ва ба онон дар сахтиҳо ва балоҳо фарёдрасӣ карда мешавад ва ба ҳимматҳои онон сахтиҳо бартараф мешавад, пас ин аз қавли пешина зишттар ва бидъаттар аст ва дар шунавоиҳо хело зишт ва қабеҳ аст, барои мухолифатии он фармудаи Ӯ ҷалла зикруҳуро:**"(Оё ин бутҳо беҳтаранд) ё касе ки (дуои) дармондаро иҷобат мекунад, чун ӯро дуо кунад ва гирифториро бартараф месозад ва шуморо ҷонишин-они замин қарор медиҳад, оё маъбуди дигаре бо Аллоҳ аст?!"**.[3]

**"Бигӯ:Кӣ шуморо аз торикиҳои хушкӣ ва баҳр раҳоӣ мебахшад?!"**.[4]

**"Бигӯ:Аллоҳ шуморо аз инҳо ва аз ҳар андуҳе мераҳонад"**.[5]

**"Он чи аз неъмат доред, пас (ҳама) аз (ҷониби) Аллоҳ аст, сипас ҳангоме ки нороҳатӣ ба шумо расад, боз ба сӯи Ӯ зорӣ мекунед"**.[6]

**"(Эй Паёмбар!) Бигӯ:Касонеро, ки ба ҷои Ӯ (маъбуди худ) мепин-доред, бихонед, пас онҳо наметавонанд бало (ва мушкили)-ро аз шумо дур созанд ва на тағйир диҳанд"**.[7]

**"Бигӯ:Оё дидед он чиро, ки ба ҷои Аллоҳ мехонед, агар Аллоҳ зиёне барои ман бихоҳад, оё онҳо (маъбудон) хоҳанд тавонист зиёни Ӯро бартараф кунанд?! Ва ё агар раҳмате барои ман бихоҳад, оё онҳо хоҳанд тавонист раҳмати Ӯро боздоранд!?"**.[8]

---

мекарданд ва агар мехондӣ, ҳароина мардум медиданд он чиро, ки аз онҳо пӯшида буд". Ва асли қисса дар Саҳеҳи Бухорӣ (5011), дар боби фазли сураи Каҳф аст, локин ривояти Бухорӣ дар зери рақами (5018) сароҳатан омадааст, ки сураи Бақараро мехонд. Ва Ҳофиз Ибни Ҳаҷар инро бар чанд бор такрор шудан, бардошт кардааст. (Фатҳ-ул-Борӣ, 9/57).

[1] Баъзе ахбори ӯро дар он чизе, ки Заҳабӣ дар тарҷумаи ӯ дар "Сияри аълом-ин-нубало, 4/7-14"-ро назар кун!

[2] Сураи Муҷодала, ояти:2.

[3] Сураи Намл, ояти:62.

[4] Сураи Анъом, ояти:63.

[5] Сураи Анъом, ояти:64.

[6] Сураи Наҳл, ояти:53.

[7] Сураи Исро, ояти:56.

[8] Сураи Зумар, ояти:38.

**"Ва агар Аллоҳ (бихоҳад) зиёне ба ту бирасонад, ҳеҷ кас ҷуз Ӯ наметавонад онро дафъ кунад ва агар хайре ба ту расонад, пас Ӯ бар ҳама чиз тавоност"**.[1] Ва оёте ки ҳамонанди ин оятҳост.

Пас, албатта Аллоҳ ҷалла зикруҳу қарор додааст, ки бартарафкунандаи зиён Ӯст, на ғайри Ӯ ва ин ки Ӯ барои дур сохтани сахтиҳо ва душвориҳо муайян шудааст ва ин ки Ӯ танҳо дуои дармондаҳоро иҷобат мекунад на ғайри Ӯ. Ва ин ки Ӯ барои ҳамаи ин ба фарёд хонда мешавад ва Ӯ ба расонидани хайр тавоност, пас Ӯ дар анҷоми ин амалҳо танҳост. Пас ҳаргоҳ Ӯ ҷалла зикруҳу барои ин амалҳо таъйин шуд, ғайри Ӯ аз малоика, паёмбар, валӣ ва ғайраш хориҷ шуд, ҳамчуноне ки ба ин маъно фармудаи Ӯ ҷалла зикруҳу тафсир шудааст:**"(Эй Паёмбар!) Бигӯ:Касонеро, ки ба ҷои Ӯ (маъбуди худ) мепиндоред"**[2] то охири оят, ба далеле оне ки баъд аз ин аст:**"Касонеро ки (кофирон) ононро мехонанд, худашон ба сӯи Парвардигорашон василаи (тақарруб-наздик шудан) меҷӯянд"**[3] то охири оят. Пас албатта ин ошкор аст, ки анбиё наметавонанд зарари нафареро бартараф кунанд, пас ғайри онон, ки дар мартаба аз онон пасттаранд, чӣ гуна мебошад?!

Ва локин:**"Ва ҳар киро (Аллоҳ) гумроҳ кунад сарпараст ва роҳнамое ҳаргиз барои Ӯ нахоҳӣ ёфт"**.[4]

Пас дур бош, боз дур бош! **"Пас (эй Паёмбар!) ҳеҷ маъбудеро бо Аллоҳ махон, ки аз азобшудагон хоҳӣ буд"**.[5]

Ва дар ҳадиси Ибни Аббос (разияллоҳу анҳу) омадааст:"Ман дар паси Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи (ва олиҳи) ва саллам нишаста будам, пас фармуд:**Эй ҷавон! Аллоҳро ҳифз кун, Аллоҳ туро ҳифз мекунад. Аллоҳро ҳифз кун, Ӯро дар пешат меёбӣ. Дар ҳоли фаровонӣ Аллоҳро бишинос, Аллоҳ туро дар ҳоли сахтӣ мешиносад. Ҳаргоҳ чизе пурсидӣ, пас аз Аллоҳ бипурс ва ҳаргоҳ ёрӣ талабидӣ, пас аз Аллоҳ ёрӣ талаб кун! Пас агар бандагон ҷамъ оянд, ки туро ёрӣ диҳанд ба он чизе ки Аллоҳ барои ту нанависонда аст, бар ин қудрат надоранд ва агар ҷамъ оянд, ки туро зарар расонанд ба он чизе ки Аллоҳ бар ту нанависонда аст, бар ин қудрат надоранд. Қаламҳо хушк шуд ва саҳифаҳо печонда**

---

[1] Сураи Анъом, ояти:17.

[2] Сураи Исро, ояти:56.

[3] Сураи Исро, ояти:57.

[4] Сураи Каҳф, ояти:17.

[5] Сураи Шуро, ояти:213.

**шуд. Пас агар барои Аллоҳ ба ризо, яқин амал карда битавонӣ, пас амал кун! Пас агар натавонӣ, албатта дар сабр кардан бар он чизе ки бад мебинӣ хайр аст. Ва бидон, ки пирӯзӣ ҳамроҳи сабр аст ва кушоиш бо душворӣ аст ва албатта бо ҳамроҳи душворӣ осонӣ аст ва ҳаргиз як душворӣ ду осониро ғолиб намеояд"**. Тирмизӣ[1] ва дигарон[2] ривоят кардаанд.

---

[1] Ҳадиси саҳеҳ аст. Инро Тирмизӣ дар Сунан (2516) ба исноди ҷайид (нек) то қавли Ӯ "ва саҳифаҳо печонда шуданд" ривоят кардааст.

[2] Монанди Имом Аҳмад дар Муснад (1/293, 303, 307) ва Таброни дар Мӯъҷам-ул-кабир (11243, 11416, 11560, 12988, 12989). Ва монанди Абӯнӯъайм дар Ҳулят-ул-авлиё (1/314) ва дар Ахбори Исфаҳон (2/204) ва инчунин Байҳақӣ дар ал-Одоб дар рақами:(1073) ва Абӯлқосими Бағавӣ дар ҳадиси Алӣ ибни Ҷаъд (3445) ва Ҳоким дар Мустадрак 3/541-542 ривоят карда ва саҳеҳ ҳукм кардааст. Ва Бағавӣ дар Тафсираш 2/122-123 ва Байҳақӣ низ дар Шуъаб-ул-имон 2/27 дар рақами:1074 ва дар 1/216-217 дар рақами:195 ва дар Асмо ва сифот 1/135-136 ва Фасвӣ дар ал-Маърифат ва таърих 2/530 ва Ибни Суннӣ дар Амал-ул-явми ва-л-лайла (425) ва Ибни Абӯосим дар ас-Суннат дар рақами:316-317-318 ва Абд ибни Ҳумайд дар Муснад, ҳамонгуна ки дар ал-Мунтахаб аз они ӯ дар рақами:635 ва Қузоъӣ дар Муснади Шиҳоб (745) ва Абӯяъло дар ал-Муснад (2556) ва Оҷурӣ дар аш-Шариат дар рақами (324-325) ва Уқайлӣ дар аз-Зуафо 3/53 ва Фирёбӣ дар ал-Қадар 153-158 ҳамаашон аз Ибни Аббос разияллоҳу анҳумо ба таври марфӯъ аз чанд тариқ ривоят кардаанд, ҳамчуноне ки инро Ҳофиз Ибни Раҷаби Ҳанбалӣ дар Ҷомеъ-ул-улуми ва-л-ҳикам саҳ:161 ривоят кардаанд. Ва гуфт:Саҳеҳтарини ҳамаи ин роҳҳо тариқи Ҳинши Санъонӣ, ки Тирмизӣ ривоят кардааст, мебошад. Ибни Манда ва ғайраш инчунин гуфтанд.
Сипас Ибни Раҷаб барои ин ҳадис аз ривояти Алӣ, Абӯсаъиди Худрӣ, Саҳл ибни Саъд ва Абдуллоҳ ибни Ҷаъфар разияллоҳу анҳум, шоҳидҳо зикр карда, пас гуфт:Ва ба ростӣ аз Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам ривоят шуда, ки Ӯ Ибни Аббосро ба ин васият кардааст, аз ҳадиси Алӣ ибни Абӯтолиб, Абӯсаъиди Худрӣ, Саҳл ибни Саъд ва Абдуллоҳ ибни Ҷаъфар ва дар ҳамаи санадҳояш заъф аст. Ва Уқайлӣ гуфт:Албатта ҳамаи иснодҳои ҳадис суст аст ва баъзеаш аз баъзеи дигараш салоҳиятноктар аст ва ба ҳар ҳол тариқи Ҳинш, ки онро Тирмизӣ ривоят кардааст, ҳасану нек аст".
Алӣ Ризо гуфт:Зиёдатие ки дар охири ҳадис омада ва он"пас агар битавонӣ...."то охири ҳадис, дар тариқҳо ва шоҳидҳои ҳадис чизе наёфтам, ки онро тақвият диҳад, пас он заиф аст. Ва барои ин аз саҳеҳ ҳукм кардани Ҳоким онро тааҷҷуб кардам, зеро Заҳабӣ ӯро ба гуфтааш таъқиб кардааст:(ал-Қадоҳ, Абӯҳотим гуфт:таркшуда аст ва дигараш, яъне ибни Харош мухталафун фиҳ аст ва Абдулмалик дар он чизе ки ман медонам аз Ибни Аббос нашунидааст.

Ва он чизе ки гуфта шуд,[1] аз ин ки фарёдрасӣ ба анбиё ва накӯкорон ҷоиз мебошад, пас албатта мақсад аз он табаррук ҷустан ба зикри онон ва ба онон васила гирифтан[2] бемадад хостан аз онон мебошад.

Пас ҳазар кун, боз ҳазар кун дар шаънат, аз дар ғалат андохтани бародаронат! Эй Аллоҳ! Моро аз бадиҳои ин пок кун ва моро аз талқин кардани он чизе ки дар он ҳалокат аст, паноҳ бидеҳ.

Ва фарёдрасӣ дар асбоби зоҳирии одӣ аз корҳои ҳиссӣ дар ҷанг, ё дарк кардани душман, ё ҳайвонҳои даранда ва монанди инҳо ҷоиз мебошад, монанди гуфтаи онон:Эй Зайд! Эй қавми ман! Эй мусалмонҳо! Ҳамчуноне ки инро дар китобҳои наҳв ба ҳасаби сабабҳои зоҳирӣ дар феъл зикр кардаанд. Аммо фарёдрасӣ ба қуввату таъсир, ё дар умури маънавӣ аз сахтиҳо монанди беморӣ, тарси ғарқ шудан, тангию фақирӣ, талаби ризқ ва монанди инҳо, пас аз хусусиятҳои Аллоҳ аст. Пас дар инҳо ғайри Ӯ зикр карда намешавад. Аллоҳ ҷалла зикруҳу фармуд:**"Ва ҳангоме ки дар баҳр сахтӣ ба шумо бирасад, ҷуз Ӯ ҳама касонеро, ки мехонед фаромуш мекунед"**.[3]

Пас дуои ғайрашро нафй кард, пас дар онҳо танҳо буданаш таъйин гашт. Пас ба монанди ин эътиқод кун ва аз касоне мабош, ки ба ақлаш гумроҳ шудааст:**"Онгоҳ, ки занҷирҳо дар гарданашон хоҳад буд ва кашида мешаванд, дар оби ҷуш, сипас дар оташи (Ҷаҳаннам) афрӯхта мешаванд"**.[4]

---

Ва аммо гуфтаи ӯ:"Ва ҳаргиз як душворӣ ду осониро ғолиб намеояд" дар он чизе ки ман медонам дар ин ҳадис асле надорад ва гӯё ки аз ваҳмҳои муаллиф аст ва Аллоҳ донотар аст. Ва ба ростӣ барои заъфи ин охир Албонӣ дар Заиф-ул-ҷомеъ (4784) ишора кардааст.

[1] Ин қавлро касе ба ҷуз амсоли Субкӣ, Бакрӣ ва ғайри ин ду аз соҳибони ҳаво ва бидъат, ё қабрпарастони софи ҷоҳил нагуфтааст.

[2] Қавли дуруст дар ин масъала, ҳамонгуна ки дар китобҳои олимони салаф ва имомҳои дин аст, ин ки тавассул ба зотҳои анбиё ва накӯкорон ва ғайрашон ҷоиз намебошад. Ва албатта тавассул ба дуои онон, дар ҳоли ҳаёташон на пас аз маргашон, ё ба номҳои Аллоҳ таъоло ва сифатҳои олии Ӯ, ё ба амалҳои солеҳе, ки барои шахси василагиранда аст, ҷоиз мебошад. Ва ҳамаи ин навъҳо аз китоби Аллоҳ таъоло ва ҳадисҳои саҳеҳи Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам гирифта шудааст. Ва ба зудӣ баёни он чизе ки дар ин масъала аст аз муаллифҳо меояд.

[3] Сураи Исро, ояти:67.

[4] Сураи Ғофир, ояти:71-72.

Аммо омадани онҳо ба назди қабрҳои онон ва ононро дар баровардани ҳоҷатҳо нидо кардан, далеloранда бар ин ки ин аз ҷониби онон каромат аст. Пас агар омаданашон барои дуо дар назди қабрҳои онон ва ба онон васила гирифтан бошад, пас боке надорад[1], ҳамонгуна ки Умар ба Аббос разияллоҳу анҳу васила гирифт[2], зеро дуо дар ҷойҳои аҳли салоҳ дар он наҷот аст[3].

Ва аммо эътиқод доштани онҳо аз онон таъсирро ва ин ки барои онон дар баровардани ҳоҷатҳои онҳо тасарруф аст, ҳамчуноне ки араби замони ҷоҳилият ва суфиҳои бисёр нодон мекунанд ва онҳоро нидо мекунанд ва ба онҳо фарёдрасӣ мекунанд. Пас ин аз ҷумлаи мункарҳост, зеро ҳаргоҳ тасарруф аз зиндаҳо нафй шавад, ҳамонгуна ки ҳозир гузашт, пас чигуна барои мурдаҳо собит мешавад?! Аллоҳ ҷалла зикруҳу мефармояд:**"Пас (эй Паёмбар) ту наметавонӣ (суханатро) ба (гуши) мурдагон бишнавонӣ ва наметавонӣ каронро сухан (ва нидои худро) бишнавонӣ"**.[4]

---

[1] Балки ин василаи ширк ва аз онҳо талаби ҳоҷатҳо кардан аст ва бар радди ин басанда аст, ки хилофи кардаи саҳобагон разияллоҳу анҳум аст. Пас ягон саҳоба назди қабри шариф, чӣ гӯи аз қабрҳои дигар, барои дар назди он дуо кардан ва ба соҳибони онҳо васила гирифтан намеомад.

[2] Аҷаб аз муаллиф чигуна байни ду чизи зид омехта, ё баробар кардааст! Пас оё тавассули Умар ба дуои Аббос разияллоҳу анҳумо, аз қабили тавассул ва дуо кардан дар назди қабрҳост?! Эй Аллоҳ, не.

[3] Балки он хилофи наҷот аст! Пас ба ростӣ Паёмбар алайҳис салоту вас салом фармуд:"Лаънати Аллоҳ бар яҳуд ва насоро бод, қабрҳои паёмбаронашонро масҷид қарор доданд". Ровӣ гуфт:Аз кардаи онон ҳазар мекунонид. Сипас Оиша разияллоҳу анҳо гуфт:Ва агар ин намебуд, ҳароина қабраш ошкор карда мешуд, ҷуз ин ки тарсид ки қабраш масҷид гирифта мешавад". (Бухорӣ дар рақами:435 ва Муслим дар рақами:(531) (22) ривоят кардаанд.

Ва эй дареғ, боз эй дареғо! Бар ҳоли бисёри пасомадаҳои ин уммат дар бештари шаҳрҳои исломӣ, монанди Туркия, Миср, Сурия ва дигар шаҳрҳои исломӣ, ки ин таҳзирро баракс гардонданд, ба он чизе ки шабеҳи тарғибро дорад дар он чизе ки Паёмбар алайҳис салоту ва салом ҳазар кунонда аст!!

[4] Сураи Рум, ояти:52.

**"Ва ту (эй паёмбар!) наметавонӣ (суханатро) ба дар гур хуфтагон бишнавонӣ".**[1] Пас оё дар гуфтаи Аллоҳ истидрок аст?!

Пас албатта Аллоҳ таъоло хабар додааст ба ин ки аҳли қабрҳо намешунаванд ва агар фарз шавад, ки мешунаванд, пас албатта он фоида намедиҳад. Ва дар Қуръон омадааст:**"Танҳо касоне (даъвати туро) иҷобат мекунанд, ки гуши шунаво доранд ва Аллоҳ мурдагонро (дар рӯзи қиёмат) бармеангезад"**.[2]

Пас, албатта Аллоҳ таъоло касеро ки ба ҳақ гуш намедиҳад бо ҳамроҳи шунаво буданаш монанди майите дар қабраш хобидааст ба ҷомеи фоида набудан ташбеҳ кардааст.

Ва ба наздики гузашт он чизе ки дар он аз ин фаҳм кифоят аст.

Ва аммо он чизеро ки аз тасарруфи арвоҳ зикр кардаанд, пас он аз қавлҳои зишт[3] аст, зеро руҳ беҷасадаш мустақил намешавад, ҳамонгуна ки Ибни Аббос разияллоҳу анҳумо дар мунoқишаи руҳ бо ҷасад, ки бо он роҳ рафта, ақл намуда, қапида ба ҷуз инро анҷом додааст, зикр намуда аст. Ҳамчуноне ки Қуртубӣ[4] ва ғайраш дар фармудаи Ӯ ҷалла зикруҳу зикр кардаанд:**"(Ба ёд оваред рӯзи қиёмат, он) рӯзе ки ҳар кас (ба дифоъи) аз худ ба муҷодала бар мехезад"**.[5]

Ва дар ҳадис омадааст:**"Ҳаргоҳ мӯъминро (марг) ҳозир шавад, ба назди ӯ малоикаҳои раҳмат меоянд, пас мегӯянд:Баро дар ҳоле ки ту розӣ ҳастӣ ва аз ту розишуда аст ба сӯи оромиш ва райҳон ва**

---

[1] Сураи Фотир, ояти:22. Ва ба таҳқиқ аллома Олусӣ китоби арзишманде ба унвони "ал-Оёт-ул-байинот ало адами самоъ-ил-амвот ало мазҳаб-ил-ҳанафият-ис-содот" таълиф карда, онро муҳаддис Албонӣ ҳафизаҳуллоҳ таҳқиқ кардааст.

[2] Сураи Анъом, ояти:36.

[3] Ва ба таҳқиқ фақеҳҳои ҳанафия гуфтанд:"Касе гӯяд арвоҳи шайхҳо ҳозиранду медонанд, кофир мешавад". Баҳр-ур-роиқ 5/124 ва Фатовои Рашидия (20251) ва Аҳсан-ул-фатово 1/36-ро назар кун!. Ҳамчунон гуфтанд: "Касе гумон кунад, ки майит дар умур ба ҷуз Аллоҳ тасарруф мекунад, ин эътиқодаш куфр аст". Баҳр-ур-роиқ 2/298 ва Рад-ул-муҳтор 2/467 ва Фатов-ал-хайрия 1/17 ва Фатовои Рашидия 182-202-ро назар кун!. Ва ба таҳқиқ Найлавӣ аз ҳанафиҳои муосир китоби хубе таълиф кардааст дар мазмунаш китоби аллома Олусиро, ки зикраш гузашт шабоҳат дорад, онро "ал-Китоб-ул-мастур фи-л-ҷавоби ъан самоъ-ил-мавто ва таскин-ис-судур" номид, ба он бар яке аз ғуллоти қабрпарастон рад кардааст.

[4] Соҳиби Тафсир ва ат-Тазкира ва ӯ ашъарии холис аст, аҳли ҳадисро паст мезанад!!.

[5] Сураи Наҳл, ояти:111.

**Парвардигоре, ки (ба ту)ғазаб надорад, пас монанди бӯи хушбӯтарини миск хориҷ мешавад, то ки ӯро ба назди дарҳои осмон мебаранд, пас малоикаҳо мегӯянд:Ин руҳро чӣ хушбӯтар сохтааст! Пас ӯро ба пеши рӯҳҳои мӯъминон меоранд, пас аз ӯ мепурсанд:Фалонӣ чи кор кард? Ҳаргоҳ гӯяд: Назди шумо наомадааст?! Гӯянд:Ӯро ба панохгоҳаш ҳовия (оташи шӯълавар) бурда шудааст..."** то охири ҳадис[1]. Инро Тирмизӣ[2] ва ғайраш[3] ривоят кардаанд. Дар ин ҳадис далел аст бар ин ки арвоҳ он

---

[1] Ва тамоми ҳадис:"Ва албатта ҳаргоҳ кофирро маргаш фаро расад, назди ӯ малоикаҳои азоб ба либоси пашмини дурушт меоянд, пас мегӯянд:Дар ҳоле ки норозӣ ва бар ту ғазабшуда аст, ба сӯи азоби Аллоҳ азза ҷалла хориҷ шав! Пас монанди бадбӯтарини худмурда хориҷ мешавад, то ки ӯро ба пеши дари замин меоранд, пас мегӯянд:Ин чӣ бӯи бадест, то ки ӯро ба назди арвоҳи кофирон меоранд".

[2] Ин аз ҷониби муаллиф раҳимаҳуллоҳ ваҳму хато аст, пас касе ки ин ҳадисро ривоят кардааст, ҳамон Насоӣ мебошад, ки ин ҳадисро дар "ас-Сунан-ис-суғро, 4/8, 9" ва "ас-Сунан-ул-кубро 1/603" ривоят кардааст.

[3] Монанди Ибни Ҳиббон, ки ин ҳадисро дар китоби худ 7/283-285, рақами:3013-3014 саҳеҳ гуфта аст. Ва инчунин Ҳоким дар ал-Мустадрак 1/352-353-354 ҳадис-ро саҳеҳ гуфта ва ӯро Заҳабӣ мувофиқат карда ва Албонӣ (раҳимаҳуллоҳ) ҳукми он дуро қарор додааст. Ва дар ин назар аст, ҳамонгуна ки ба зуди меояд. Саҳеҳа (1309)-ро назар кун! Ва ба ростӣ Ҳоким ихтилофро дар иснодаш зикр кардааст ва ба гуфтааш таъқиб кардааст:Ҳамаи ин иснодҳо саҳеҳ аст ва Заҳабӣ инро қарор додааст, ҳамчуноне ки гузашт. Ва Абӯҳотими Розӣ ривояти Ҳишомро бар ривояти Ҳумом тарҷеҳ дода, зеро аввал ҳофизтар аст. "Илал-ул-ҳадис, 1/353-354, рақами:1044.

Алӣ Ризо мегӯяд:Магар ки дар қалб аз ъан-ъанаи Қатода шайъ аст, локин асли ҳадис дар Саҳеҳи Муслим аз дигар тариқ аз Абӯҳурайра разияллоҳу анҳу ба тарзи марфӯъ омадааст:"Ҳаргоҳ рӯҳи мӯъмин хориҷ шавад, онро ду малак мегиранду боло мебаранд...". Ҳадисро дар Саҳеҳаш дар рақами (2872) ривоят кардааст. Ва аз ҳамин ваҷҳ Абӯбакри Марвазӣ дар китоби ал-Ҷаноиз аз шайхи Муслим ривоят кардааст. "Иттиҳоф-ис-содат, 10/402"-ро назар кун, локин дар ин тариқи саҳеҳ, гуфтаи Ӯ "пас ӯро ба назди арвоҳи мӯъминон меоранд..." нест. Сипас алҳамду лиллоҳи таъоло ва ба тавфиқи Ӯ бар тариқи дигаре аз Абӯҳурайра разияллоҳу анҳу дар назди Баззор дар "Муснадаш" огоҳ шудам, Кашф-ул-астор 1/413-414 дар рақами (8814) гуфтааст:Саъид ибни Бахр Қаротисӣ ба мо ҳадис гуфт, Валид ибни Қосим ба мо ҳадис гуфт, Язид ибни Кайсон ба мо аз Абӯҳозим аз Абӯҳурайра ҳадис гуфт, гумон мекунам ки ба таври марфӯъ ривоят кардааст, гуфт:"Албатта мӯъминро вақте марг фаро мерасад...." то охири

чизеро ки барои зиндаҳо ва он чизеро ки бар алайҳи онҳо аст, намедонанд. Ва ба дурусти Аллоҳ ҷалла зикруҳу мефармояд:**"Пас нигоҳ медорад касонеро ки бар онҳо фармони маргашонро содир карда аст"**.[1] Яъне, пас онро намегардонад ва дар назди Ӯ боқӣ мемонад ва тааллуқи он аз зиндаҳо ва тасарруфи он аз баданҳо қатъ мешавад.

---

ҳадис ва дар он омадааст:"Пас назди ӯ арвоҳи мӯъминҳо меоянд, пас аз шиносҳояшон, аз аҳли замин мепурсанд, пас ҳаргоҳ гӯяд:Фалонро дар дунё тарк кардам, ин ба онҳо хуш меояд ва ҳаргоҳ гӯяд:Фалонӣ ба рости мурда аст, гӯянд:Ӯро инҷо оварда нашуд...". Ва иснодаш ҳасан аст. Саъид ибни Баҳр Қаротисиро Ҳайсамӣ раҳимаҳуллоҳ дар Муҷмаъ-уз-завоид 3/52 муаррифӣ накарда аст. Ва Ҳабибурраҳмони Аъзамӣ гумон кардааст. Ки дар табақаи Ӯ, Саъид ибни Муҳаммади Қаротисӣ аст, ӯро Самъонӣ ва Ибни Асир зикр кардааст, пас муроҷиа карда шавад! Ва мегӯям:Ба ростӣ ман онро ба тавфиқи Аллоҳ муроҷиат кардам, пас ёфтам, ки касе нест, ки Аъзамӣ ба он ишора кардааст ва албатта ӯ Саъид ибни Баҳр, Абӯусмон аст. Ва гуфта шуд:Абӯамри Қаротисӣ аст. Хатиб гуфт:Мӯътабар аст. "Таърихи Бағдод 9/93". Ва Валид ибни Қосим:Ӯро Аҳмад сиққа (мӯътабар) дониста ва Ибни Маъин ӯро заиф гуфтааст. Ва Ибни Қонеъ гуфт:Солеҳ (накӯ) аст ва дар бораи ӯ Ибни Ҳиббон ду ҳукм кардааст. "ат-Таҳзиб 4/321-322". Ва Ибни Адӣ мегӯяд:Ҳаргоҳ ӯ аз сиққа ривоят кунад ва аз ӯ сиққа ривоят кунад, пас боке надорад.Мегӯям:Ва ӯ дар ин санад инчунин аст, пас Саъид сиққа аст ва Язид ибни Кайсон сиққа аст, касе хато мекунад, дар назди ман. Ва "ат-Таҳзиб 4/426"-ро назар кун! Пас гуфтаи Ҳофиз дар бораи ӯ:"Содиқ аст, хато мекунад, аз ҷумлаи он чизест, ки шоиста намебошад! "ат-Тақриб (7819)". Ва барои ин Заҳабӣ каме дар бораи ӯ инсоф карда гуфтааст: Ҳадисаш ҳасан аст. "ал-Кошиф (6351)". Ва ҳоли Валид инчунин аст, пас бар асоси таҳқиқ ҳадис ӯ ҳасан аст. Пас ҳадис ба ин тариқ қатъан саҳеҳ аст. Сипас алҳамду лиллоҳи таъоло бар шоҳиди мавқуфе огоҳ шудам, ки он ҳукми марфӯъро дорад. Онро Ибни Муборак дар "аз-Зуҳд ба рақами (443) дар саҳифаи 149 аз ривояти Абӯаюби Ансорӣ разияллоҳу анҳу омадааст, ки гуфт:"Ҳаргоҳ нафси банда гирифта шавад, ӯро аҳли раҳмат аз бандагони Аллоҳ мулоқот мекунанд, ҳамчуноне ки хушхабарро дар дунё мулоқот мекунанд, пас ӯро пешвоз мегиранд, то ӯро бипурсанд, пас ба якдигарашон мегӯянд:Бародаратонро мӯҳлат диҳед, то истироҳат кунад..." то охири асар ва он иснодаш саҳеҳ аст бар он чизе ки ошкор мешавад ва муҳаддиси Албонӣ ба ростӣ онро ба инқитоъ иллатдор гуфтааст дар "ас-Саҳеҳа 6/264" сипас иснодашро дар рақами (2758) саҳеҳ ҳукм кардааст.

[1] Сураи Зумар, ояти:42.

Аз Ибни Аббос разияллоҳу анҳумо омадааст:"Албатта дар фарзанди Одам нафс ва руҳ аст, монанди шуъоъи офтоб. Пас ба ҳамон нафс ақл ва тамйиз аст ва ба ҳамон руҳ нафас ва ҳаракат аст. Дар вақти марг ҳардуяшон вафот мекунанд ва нафс ба танҳоияш дар вақти хоб вафот мекунад ва ин фармудаи Ӯ ҷалла зикруҳу аст:**"Аллоҳ ҷонҳоро ба ҳангоми маргашон қабз мекунад ва (низ ҷони) онҳо ки дар хоби худ намурдаанд (қабз мекунад)"**[1] то охири оят.

Пас агар гуфта шавад:Азоби қабр ва савоби он барои руҳу бадан собит аст, пас лозим меояд, ки байни онҳо пас аз марг робита бошад?!

Мегӯям:**Ин ҳақ аст ва ба он имон овардан воҷиб аст ва он аз ғайбиёт аст ва чигунагии ин пайвандиро ба ҷуз (Аллоҳ)-и донои огоҳ касе намедонад**.

Ва касе қудрати Аллоҳ ва аҷоибҳои тадбири Ӯ ва сунъҳои ғариби Ӯро андеша намояд аз қабули имон овардани ба он такаббурӣ намекунад, зеро барои нафс нашъатҳост ва он дар ҳар нашъат суратҳоеро мушоҳида мекунад, ки он нашъат тақозо мекунад. Пас ҳамчуноне ки он дар хоб суратҳоеро мушоҳида мекунад, ки дар бедорӣ онро мушоҳида намекунад. Инчунин дар ҳоли ҷудо шуданаш аз бадан умуреро мушоҳида мекунад, ки дар ҳоли ҳаёт мушоҳида намекард. Пас албатта амалҳои зишт ва сифатҳои ҳалоковар гоҳо дар вақти марг дар нафс қалб ба озордиҳанда, дарддиҳанда мегардад, пас аламҳои он монанди аламҳои неш задани морҳо ва каждумҳо бевуҷуди он мебошад. Ҳамчуноне ки аз одами хоб чизеро мушоҳида мекунӣ, ки ӯро метарсонад ва ӯро мебинад ва ба сабаби он аламро ҳис мекунад ва аз он нороҳат мешавад, монанди море ӯро неш зада ва ту ӯро ором мебинӣ, дар пеши ӯ море нест ва инчунин азоб ҳосил мешавад ва ту онро намебинӣ. Пас таслим шав, саломат мемонӣ пеш аз он ки дар майдони пушаймонӣ воқеъ мешавӣ. Ва аммо шахсе гӯяд:Нест ҳукми баъд аз мавти аз дунё, то ки нисфи рӯзи қиёмат аз он аст, пас ин аз беандеша сухан кардан ва сафсата аст. Ва дар ҳадис

---

[1] Сураи Зумар, ояти:42. Ва ин асарро дар "Тафсири Ибни Абӯҳотим" дар матбӯъ 10/3252 наёфтам. Ва ба таҳқиқ Суютӣ ба Ибни Мунзир ва Ибни Абӯҳотим ба лафзи:"Нафс ва рӯҳ дар миёни ин ду шуъоъи офтоб аст, пас Аллоҳ нафсро дар ҳоли хобаш мемиронад ва рӯҳро дар ҷасадаш ва шикамаш тарк мекунад, тоб мехӯрад ва зиндагӣ мекунад, пас агар барои Аллоҳ ошкор гардад, ки ӯро қабз мекунад, рӯҳро қабз мекунад, ё аҷалашро ба таъхир андозад, нафсро ба сӯи маконаш аз шикамаш мегардонад".

омадааст:"Касе бимирад, қиёмати ӯ барпо шудааст"[1]. Ва қиёмат рӯзест, ки охир надорад, пас чигуна нисфи онро тасаввур карда мешавад?! Ва аз фалон ва фалон дурӯғҳое нақл мекунанд, ки на ақлро нусрат медиҳад ва на душманро шикаст медиҳад. Ва дар фармудаи Ӯ ҷалла зикруҳу:**"Ва туро аз руҳ мепурсанд, бигӯ руҳ аз амри Парвардигори ман аст"** барои ҳар як мӯъмини оқил басанда аст, зеро руҳ аз олами амри таквинӣ аст, ки бе мода ҳосил аст, пас он аз ҷинси он чизест, ки Аллоҳ илми онро пеши худ нигаҳ дошта аст, пас аз асрори пӯшидае мебошад, ки ақлҳои башар дар гирди он давр намезанад ва суратҳо онро дарк намекунад.

Ва албатта дар ҷавоби савол ин қадар мумкин аст ва аз он беҳтарини башар саллаллоҳу алайҳи ва саллам бозистоданд, пас чигуна барои ин тасарруф аст ба он чизе ки онро мехоҳанд ва ин ки арвоҳи шайхҳояшон тасарруф мекунанд. Ва ҳаргоҳ Аллоҳ ҳоҷатеро барои онҳо барорад, парчамҳоро барои шайхҳояшон рост мекунанд ва барои онҳо инро каромот мешуморанд! Ва ин аз зиннатдиҳии шайтон барои инсон аст. Аллоҳ ҷалла зикруҳу мефармояд:**"Ва ҳар кас аз ёди (Аллоҳи) Раҳмон**

---

[1] Ба таври марфӯъ саҳеҳ нест. Ва ба ростӣ ман онро ҷустуҷӯ кардам, пас алҳамду лиллоҳ онро дар "Муснад-ул-Фирдавс"-Заҳр-ул-Фирдавс-1/151 аз тариқи Анбаса ибни Абдурраҳмон, ба мо Муҳаммад ибни Зозон аз Анас ба таври марфӯъ ҳадис гуфт:"Ҳаргоҳ якеи аз шумо бимирад, пас ба ростӣ қиёматаш барпо шудааст, пас Аллоҳро ибодат кунед, гӯё ки шумо ӯро мебинед ва ҳар соат аз Ӯ талаби мағфират кунед". Ва Анбаса таркшуда аст, Абӯҳотим ӯро ба вазъи ҳадис муттаҳам намудааст. "ат-Тақриб (5241)". Ва Муҳаммад ибни Зозон таркшуда аст. "ат-Тақриб (5919)". Пас ин асар ба ин санад мавзӯъ (бофта) аст. Ва аз ин ваҷҳ низ Дейламӣ 1/30 ба лафзи:"Ёди маргро бисёр кунед, пас албатта ин тозакунандаи гуноҳҳо ва зуҳдкунанда дар дунё, марг қиёмат аст, марг қиёмат аст". Ва ба ростӣ инро Ҳофиз Ибни Ҳаҷар хело заиф ҳукм карда гуфтааст: "Мегӯям:Анбаса ва шайхаш заиф ҳастанд". Ва аз ҳамин ваҷҳи заиф Ибни Абӯдунё ва Ибни Лаол ривоят кардаанд, ҳамонгуна ки дар Иттиҳоф-ус-содат-ил-муттақин 9/11 омадааст. Ва Аскарӣ инчунин ба исноди мавзӯъ ривоят кардааст, ҳамчуноне ки Забидӣ дар масдари собиқ гуфтааст. Ва ба таври мавқуф аз Муғира ибни Шуъба разияллоҳу анҳу ривоят шудааст:"Мегӯянд:Қиёмат! Қиёмат! Ва албатта қиёмати мард марги ӯст". Инро Табаронӣ аз тариқи Зиёд ибни Алоқа аз ӯ ривоят карда аст. Ва то ҳол санадашро наёфтам ва Саховӣ онро дар "ал-Мақосид-ул-ҳасана (1183) комилан наовардааст, то ки дар назар карда шавад, пас Аллоҳ донотар аст. Сипас онро дар "ал-Куно"-и Дулобӣ ҷ:2, саҳ:89 ба исноди ҳасан ба таври мавқуф дидам.

**ғофил (ва рӯйгардон) шавад, барои ӯ шайтоне вобаста мекунем, пас он (шайтон) қарин (ва ҳамнишини) ӯ бошад. Ва онҳо (шайтонҳо) инҳо (инсонҳо)-ро аз роҳи (Аллоҳ) боз медоранд ва гумон мекунанд, ки онҳо ҳидоят ёфтаанд"**.[1]

**"(Шайтон) ба онҳо ваъда медиҳад ва ононро ба орзӯ афканад ва шайтон ҷуз фиреб ва ботил ба онон ваъда намедиҳад"**.[2]

Пас касе эътиқод кунад, ки барои ғайри Аллоҳ аз паёмбар, ё валӣ, ё руҳ, ё ғайри инҳо дар бартараф кардани душворӣ, ё қазои ҳоҷат таъсир аст, пас ба рости дар водии ҷаҳли хатарнок воқеъ шуда, пас он дар лаби чуқурии оташи Ҷаҳаннам мебошад. Ва аммо далел овардани онҳо бар ин ки ин аз ҷониби онҳо каромот аст. Пас Аллоҳ пок  аст аз ин ки авлиёи Аллоҳ ба ин сифат бошанд ва ин ки гумон бурда шавад ба онҳо ки дур кардани зарар ва ҷалби фоида аз ҷониби онон каромот бошад. Пас ин гумони бутпарастон аст, ҳамчуноне ки Аллоҳи Раҳмон хабар додаанд: **"Инҳо шафоатгарони мо дар назди Аллоҳ аст"**.[3] **"Мо инҳоро намепарастем, магар ки моро ба сӯи Аллоҳ наздик месозанд"**.[4] Ва аммо аҳли имон эътиқод доранд, ки барои онҳо ба ҷуз Аллоҳ дуркунандаи душворӣ нест ва аз ҷониби Ӯ манфиатҳо ҳосил мешавад. Аллоҳ ҷалла зикруҳу мефармояд:**"Оё ғайр аз Аллоҳро дуо мекунед, агар ростгӯ бошед?! (На) балки танҳо Ӯро дуо мекунед ва агар Ӯ бихоҳад мушкилиеро, ки бар он Ӯро дуо кардаед, бартараф месозад"**.[5]

**"Оё ғайр аз Ӯ маъбудҳоеро ихтиёр кунам, ки агар (Худованди) Раҳмон бихоҳад ба ман зиёне бирасонад, шафоати онҳо чизеро аз ман дафъ намекунад"**.[6]

Пас, албатта зикри он чизе ки аз шаъни ӯ фоида нест ва на дур сохтани зиён аз паёмбар ва малоика ва валӣ ва ғайри инҳо бар ваҷҳи аз он мадад хостан, ширк овардан бо ҳамроҳи Аллоҳ аст, зеро бар дур кардани зиён ғайраш қудрат надорад ва хайре ҷуз хайри Ӯ нест.

Оре! Зикри анбиё ва накӯкорон дар дуо бар ваҷҳи ба онон тавассул намудан, монанди қавли ӯ:Эй Аллоҳ, Туро ба Муҳаммад ва оли Ӯ ва

---

[1] Сураи Зухруф, ояти:36-37.
[2] Сураи Нисо, ояти:120.
[3] Сураи Юнус, ояти:18.
[4] Сураи Зумар, ояти:3.
[5] Сураи Анъом, ояти:40-41.
[6] Сураи Ёсин, ояти:23.

монанди ин мепурсем, ин боке надорад[1]. Ва аммо аз онҳо бар ваҷҳи таъсир, ё шафоати лозимӣ талаб намудан, пас аз эътиқоди бутпарастон аст, ҳамчуноне ки баёни ин пай дар пай гузашт. Пас албатта касе ҷалби манфиатҳо ва дафъи зарарҳоро аз ғайри Аллоҳ, ё аз касе ки ӯро бо Аллоҳ шарик гардондааст, эътиқод кунад, пас ба рости дар динаш дурӯғе ифтиро кардааст, ки монанди он бало нест.

Ва ба зуди барои ту меояд, ки дар каромот ба мубориза даъват кардан нест ва он аз қасд ҳам нест, то ки аз тасаррруфоти онҳо бошад.[2]

Ва дар Қуръон омадааст:**"(Эй Паёмбар) бигӯ! Ҳамоно нишонаҳо (ҳама) назди Аллоҳ аст"**.[3] **"Бигӯ! Ман молики суд ва зиёни худ нестам"**.[4] Пас ин хитоб барои бузургтарини расулони Аллоҳ аст, пас чигуна аст ба ҷуз ӯ аз авлиёи Аллоҳ!?. Ва лекин:**"Касе ки маъбуди худро ҳавои (нафсонии) хеш қарор дод ва Аллоҳ аз рӯи илм ӯро гумроҳ кард ва бар гушу дилаш муҳр ниҳод ва бар дидааш парда қарор дод. Пас (агар Аллоҳ ҳидояташ накунад) кӣ баъд аз Аллоҳ ӯро ҳидоят мекунад? Оё панд намегиред?!"**.[5]

Ва аммо касе ки онҳоро бар ин эътиқод қарор додааст, аз касоне ки даъвои илм[6] дорад ва онҳоро ба масъалаҳо ва фатвоҳо ва рисолаҳо ёрӣ намуд, пас албатта он аз гумони ӯ, ки мураттаб аст, ё аз ҷаҳли мураккаби Ӯст, ё аз фосидии сирраш, ё аз фасодии ақлаш, ё аз таассуби ӯ барои хасмаш дар фаҳми бадаш воқеъ шуда, ё аз рӯи ҳасадаш ба ҳамасрашон дар далеловарӣ ба фалонӣ гуфт ва фалони фатво дод гуфта сафсата

---

[1] Балки ин тавассули манъшуда аст ва бар ин аслан далели саҳеҳе нест. Ва ҳамаи он чизе ки дар ин мавзӯъ аз ҳадисҳо, ё осор омадааст, пас он мавзӯъ (бофташуда) ё заиф аст ва ба рости инро муҳаққиқони олимони уммат, Аллоҳ онҳоро раҳмат кунад, баён кардаанд. Пас китоби "Талхису китоб-ил-Истиғоса"-и Шайхи Ислом Ибни Таймия ва "ат-Тавассаул ва-л-васила" низ аз Ӯст, назар кун! Ва барои муҳаддиси Албонӣ китобе дар ат-Тавассул аст ва барои устод Муҳаммад Насиби Рифоъӣ китоби дигар ба унвони "ат-Тавассул ило ҳақиқат-ит -тавассул" аст ва ҳамаашон дар ин боб муфид ҳастанд.

[2] Шайхи Ислом Ибни Таймия китоби арзишманде дар ин мавзӯъ ба унвони "ал-Фурқон байн-ал-авлиё-ир-Раҳмон ва авлиё-иш-шайтон" дорад.

[3] Сураи Анкабут, ояти:50.

[4] Сураи Аъроф, ояти:88.

[5] Сураи Ҷосия, ояти:23.

[6] Монанди бисёри аҳли ҳаво дар замони қадим ва ҳозир, Аллоҳ мусалмононро аз шарри онҳо халос кунад.

мегӯяд, бо вуҷуде ки дар он халал ва ҷои лағжиши қадам аст. Ва тарки ӯ он чизеро, ки дар ин мавзӯъ аз ҳидояту роҳнамои Қуръон аст, ки ба насҳои олияш аз дараҷаи таъвил, роҳи равшанро баён намуда ва ба он ҳиҷобро аз ақлҳо бардошта ва барои мардум он чизеро ки дар он аз нақлшуда баён менамояд ва ба он Аллоҳ далелҳоро бар роҳнамоӣ барпо намуд ва парҳезгоронро ба он чизе ки дар он аз фаҳму дироят аст, иршод намуда аст. Пас, оё фикрҳо бо равшан будани он чизе ки дар он аз асрор аст, ба сӯи ғайраш такя мекунад?! Оё дар ақлҳояшон парда аст, ё бар дилҳояшон пӯшише аст?

Пас қасам ба Аллоҳ! Ҳароина дар он савоб ҷамъоварда шуда ва ба он пуст аз мағз ҷудо карда шуд! **"Парвардигоро! Дилҳои моро баъд аз он ки моро ҳидоят кардӣ (аз роҳи ҳақ) мунҳариф магардон ва аз сӯи Худ раҳмате бар мо бибахш, ба рости ки Ту бахшандаӣ"**[1]. Ва ба рости Аллоҳ ҷалла зикруҳу фармуд:**"Ва агар аз бештари касоне ки дар рӯи замин ҳастанд итоат кунӣ, туро аз роҳи Аллоҳ гумроҳ мекунанд, зеро (онҳо) ҷуз аз гумон пайравӣ намекунанд ва ҷуз ба дурӯғ сухан намегӯянд"**.[2] **"Ва бештари мардум ва агарчи (бар имонашон) ҳирс варзӣ, мӯъмин нахоҳанд буд"**.[3] **"Ва бештари онҳо ба Аллоҳ имон намеоранд, магар ин ки онон (ба навъе) мушриканд"**.[4] **"Онҳо ҷуз аз гумон (-ҳои бад ва беасос) ва ҳавои нафс пайравӣ намекунанд, дар ҳоле ки ҳидоят аз (сӯи) Парвардигорашон барои онҳо омадааст"**.[5] **"Ва бо ин (Қуръон) андарзашон бидеҳ, то мабодо касе ба (кайфари, ҷазои) он чи кардааст, (аз кирдори бад ва гуноҳ) гирифтор (ва ҳалок) шавад (ва дар қиёмат) ҷуз Аллоҳ на ёваре доранд ва на шафоаткунандае"**.[6]

Пас оё барои мӯъмин ҳалол аст, ки дар сахтиҳо аз ғайри Аллоҳ мадад талаб намояд, ё аз ғайри Ӯ нусрат бихоҳад ва аз ӯ умеди фоидаҳо намояд, бо вуҷуди фармудаи Ӯ ҷалла зикруҳу:**"(Оё ин бутҳо беҳтаранд), ё касе ки (дуои) музтар (дармонда)-ро иҷобат мекунад, чун ӯро дуо намояд"**.[7] **"Ҷуз Ӯ ҳама касонеро, ки мехонед, фаромуш мекунед"**.[1] Пас

---

[1] Сураи Оли Имрон, ояти:8.
[2] Сураи Анъом, ояти:116.
[3] Сураи Юсуф, ояти:103.
[4] Сураи Юсуф, ояти:106.
[5] Сураи Наҷм, ояти:23.
[6] Сураи Анъом, ояти:70.
[7] Сураи Намл, ояти:3.

оё дар гирди ин давр мезанад, касе ки ба манори Қуръон рушноӣ металабад? Ё ба монанди он сухан мекунад, касе ки ба Аллоҳи ягонаи Маннон имон овардааст?!

Пас чист гумони касе ки ба ҷоиз будани ин фатво додааст?

Пас, оё дар қавли Аллоҳ истидрок аст? Ҳаргиз не, қасам ба Аллоҳ!

Нест барои онҳо дар ин мавзӯъ магар дар беоташ пухта расидан ва талаби фарбеҳии соҳиби варамҳост **"Аъмолашон ҳамчун саробе аст дар биёбоне, ки (инсони) ташна (аз дур) онро об мепиндорад, то он ки ба он наздик шавад, чизе намеёбад"**.[2]

**"Пас масали ӯ ҳамчун масали санги софе аст, ки бар рӯи он (андаке) хок бошад. Онгоҳ борони тунде ба он бирасад ва онро соф ва сахт ба ҷой гузорад. Онон (риёкорон) аз он чи ки анҷом додаанд, чизе ба даст намеоранд"**.[3] **"Аъмолашон ҳамчун хокистар аст, ки тундбоде дар як рӯзи туфонии сахт бар он вазида бошад, тавони нигаҳ доштан он чиро ки ба даст овардаанд, надоранд ва инҳамон гумроҳии дур (ва дароз) аст"**.[4]

**"Онҳо аз насиби худ баҳраманд шуданд, пас шумо низ аз насиби худ баҳраманд шудаед, ҳамчунон ки касоне ки пеш аз шумо буданд, аз насиби хеш баҳраманд шуда буданд ва шумо (дар суханони нописанд) фурӯ рафтед, ҳамонгуна ки онҳо фурӯ рафтанд, онон аъмолашон дар дунё ва охират нобуд шуд ва онон ҳамон зиёнкоронанд"**.[5]

**"Пас вой бар касоне ки бо дасти худ менависанд, сипас мегӯянд:Ин аз ҷониби Аллоҳ аст, то онро ба баҳои андак бифурушанд, пас вой бар онҳо аз он чи дастҳояшон навишта ва вой бар онон аз он чи аз ин роҳ ба даст меоранд!"**.[6]

**"Онон касоне ҳастанд, ки гумроҳиро ба ҳидоят хариданд, пас тиҷорати онҳо суде надод ва ҳидоят наёфтанд"**.[7]

---

[1] Сураи Исро, ояти:67.
[2] Сураи Нур, ояти:39.
[3] Сураи Бақара, ояти:264.
[4] Сураи Иброҳим, ояти:18.
[5] Сураи Тавба, ояти:69.
[6] Сураи Бақара, ояти:79.
[7] Сураи Бақара, ояти:16.

**"Ва қатъан медонистанд, ки ҳар кас харидори он бошад, дар охират баҳрае нахоҳад дошт. Ва чи бад ва зишт аст он чи худро ба он фурухтанд, агар медонистанд"**.[1]

Пас дар атрофи ҳидоят давр мезананд ва ҷойҳои афтоданро инкор мекунанд, балки онро ҷои баланди назарҳояшон ва ҷойи гузоштани фикрҳояшон қарор додаанд, гӯё онҳо ба он чизе ки дар чақмоқаш зиё (рӯшноӣ) нест, талаби рӯшноӣ доранд ва на дар нақду эродаш ҳосиле аст. Ва дар ҳадис омадааст:**"Албатта Аллоҳ илмро аз мардум кашида намегирад ва локин илмро ба гирифтани олимҳо қабз мекунад, то ки олиме боқӣ намемонад, мардум сардорони ҷоҳилро (пешво) мегиранд, пас пурсида шаванд, пас беилм фатво диҳанд, пас гумроҳ шуданд ва дигаронро гумроҳ карданд"**. Ривояти Бухорӣ[2], Муслим[3] ва Тирмизӣ[4].

Ва он чизе ки ба ҳудуди эътиқод тааллуқ дорад, олимони ақида зикр кардаанд, ки мӯъмин дар дӯр истодан аз он чизе ки дар ҳаққи Аллоҳи Раҳмон нуқсон аст, муболиға намояд, оё намебинӣ фармудаи Ӯ ҷалла зикруҳуро:**"Ва бо ӯ бо овози баланд сухан нагӯед, ҳамонгуна ки бо якдигар баланд сухан мегӯед, ки мабодо дар ҳоле ки намедонед аъмоли шумо нобуд гардад"**.[5]

Пас албатта Ӯ таъоло бекор шудани амалҳоро бар он чизе, ки ба тарки эҳтиром дар хитоби мухтор (Муҳаммад саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам) мерасонад, тартиб додааст. Пас дар хитоби Аллоҳи Ҷаббор ҷалла шаънуҳу чигуна аст, ба ин ки ҷуз Ӯро дар мадад расонидан шарик биёрӣ ва барои мардум ин эътиқодро қарор медиҳад, бо вуҷуди он ҳазаршуда ва маънои таркшудае, ки дар он аст, аз касе ки аз ҳақ руй гардонда ва гумроҳ шуда ва касе ки беандеша тасарруф мекунад ва ба

---

[1] Сураи Бақара, ояти:102.
[2] Саҳеҳи Бухорӣ (100, 7307), Фатҳ-ул-Борӣ.
[3] Саҳеҳи Муслим (2673).
[4] Сунани Тирмизӣ (2653), ҳамаашон аз ҳадиси Абдуллоҳ ибни Амр ба таври марфӯъ онро ривоят кардаанд. Ва боз Ибни Моҷа (52) ва Доримӣ (1/77) ва Аҳмад (2/162, 190, 203) ва Таёлисӣ (2292) ва Ибни Абдулбар дар Ҷомеъ-ул-илм (1/148, 149, 150, 151) ва Бағавӣ дар Шарҳ-ус-суннат (1/315-316) ва Ибни Ҳиббон (4571, 6719) ва Ибни Абӯшайба дар "ал-Мусаннаф 15/177" ва ғайрашон ривоят кардаанд.
[5] Сураи Ҳуҷурот, ояти:2.

бозгашти бад гашта ва ба ҷаҳли мураккаб васф шудааст. Ва ба ростӣ нек кардааст касе ки гуфт:

إذا كنت لا تدري ولم تك بالذي يسائل من يدري فكيف إذا تدري
ومن عجب الأيام أنك لا تدري وأنــك لا تــدري بأنك لا تدري

Ҳаргоҳ ту намедонӣ ва аз касоне набошӣ, ки касеро, ки медонад, мепурсад, пас инҳангом чигуна медонӣ. Ва аз аҷаби рӯзҳо ин ки ту намедонӣ ва ин ки ту намедонӣ, ки намедонӣ.

Пас, агар гуфта шавад:Ба ростӣ бисёр маломат кардӣ ва задӣ ва сахт мазаммат кардӣ ва маломатро дар лағжиши калом такрор кардӣ ва агар мо хатарро таслим шавем, пас на ин миқдорро?!

Ҷавоб медиҳам:Ба ин ки касе дар мақсадаш ҳайратзада шуд ва фанро беталаби он машқ намуд, сазовори шаппотӣ (зарба ба рӯй) аст, чи гӯӣ аз итоб ва задан, зеро сухани солим, ё сухани заҳролуд, ё ҷарҳшуда дар назди беҳтаринҳо аз дохил шудани оташ хортар аст ва дар назди дӯстон аз задани гарданҳо талхтар аст.

Ва ҳаргоҳ ресмони хафакунӣ танг шавад, гарданҳо пора-пора мешаванд. Ва аз шеъри онҳо: أعدد لحسادك ضرب السلاح وأورد اللوام سمر الرماح

Барои ҳасадхӯронат задани силоҳро омода кун ва бисёр маломатчиро ба тири сияҳтоб бизан.

Хоссатан ва ҳалоки мақом абадӣ ва азоби он сармадӣ (ҳамеша) аст.

Пас барои ҳар боақл шоиста аст, ки ба назари дақиқ пок шавад ва ба ҳимматаш ба сӯи қуллаи таҳқиқ боло равад ва аз гуфтори ҷоҳилон ва хислатҳои онон дӯр шавад ва дар зинапояи бофазлон ва сояҳои онон тараққӣ намояд, зеро одати аҳли баҳсу ҷидол баръакс намудани аҳвол дар қилу қол аст.

Ва ба ростӣ барои ту мақсадро дар аҳком баён намудам ва он чизеро, ки аз шариати беҳтарини халқ олуда карда буданд, соф кардам. Ва Аллоҳ раҳмат кунад шахсеро, ки гуфтааст:

أنعى إلى المصطفى المختار شرعته كادت تزول من الجهال للعدم

Ба сӯи Мустафои мухтор хабари марги шариаташро бидеҳ, наздик буд аз тарафи бисёр ҷоҳилон ба нестӣ биравад.

Пас устувор сохтани яқинҳо дар ин боб аз ақлҳои холис аст. Пас камарбандатро бошиддат бибанд ва ба чодари тақво худро пӯшон ва ба бурҳони устувор тоҷ бар сар кун ва сирратро ба он чизе ки эҳтиёттар аст, худро ҳифз кун (паноҳ бидеҳ).

Пас ин ҳамон ноил шудани чизи гуворо ва ба мақсад расидан аст ва Аллоҳ соҳиби фазлу эҳсон аст ва Ӯ ҳидояткунанда ба сӯи итқон (устуворӣ) аст.

Ва аммо исбот кардани онҳо ба гумонашон барои авлиё хабар додан аз ғайбро ба тариқаи кашф бешак, ё ба тариқаи илҳом, ё хоб ?!

Пас гуфта мешавад:Ғайб масдар аст, ба он шайъи ғоибро аз рӯи муболаға дар таҳқиқи ғоиб будани он васф шудааст. Ва он чизест, ки аз ҳис ва ақл комилан ғоиб мешавад, ба ҳайсе ки ба яке аз ин ду ибтидоан ба тариқи бадоҳат дарк карда намешавад.

Ва он (ғайб) ду қисм аст:

А-Қисме ки Аллоҳ бар он далел овардааст ва он ҳамон чизест, ки ба имон тааллуқ дорад, монанди офаридгор ва сифатҳои Ӯ ва он чизе ки ба он шариатҳо ва аҳком ва рӯзи охират ва аҳволи он аз барангехтан, нушур, ҳисоб, ҷазо, Ҷаннат ва  Дӯзах тааллуқ дорад ва ҳамон мақсад аз фармудаи Ӯ ҷалла зикруҳу аст:**"Касоне ки ба ғайб имон меоранд"**.[1] Ва он чизе ки ҳамонанди ин аст.

Б-Ва қисми дуввум, он чизе ки бар он далел нест ва он ду қисм аст:

1-Қисме ки гузашта аст.

2-Ва қисме ки оянда аст.

Пас гузаштаро мумкин аст донистани он ба таърих[2] ва хабари ҷиннӣ[3] ва монанди он, ҳамчуноне ки аз он ҳадиси **"аз Бани Исроил ҳадис гӯед**

---

[1] Сураи Бақара, ояти:3.

[2] Яъне аз ахбори таърихӣ, ки хонда мешавад, ё шунида мешавад, ё нақл мешавад.

[3] Бо вуҷуде ки мусалмон ба тасдиқ накардани онҳо амршуда аст вагарна аз бародарони шайтонҳо ва коҳинон (фолбинон) мегардад. Ва дар масъала тафсил аст, онро Шайхи Ислом Ибни Таймия (раҳимаҳуллоҳ) баён кардааст. Хулосааш ин ки тасдиқи онҳо дар ҳамаи он чизе ки ба он хабар медиҳанд, бо таъзими пурсидашуда пас он ҳаром аст. Ва агар барои имтиҳони онҳо бошад ва имтиҳони ботини онҳо бо вуҷуди он чизе ки  байни сидқи онҳо аз дурӯғашон ҷудо мекунад, пас ин ҷоиз аст ва барои ин шайхи Ислом ба хабари Абӯмусои Ашъарӣ истидлол кардааст, ки бар ӯ хабари Умар разияллоҳу анҳумо ба таъхир афтод ва онҷо зане буд, ҷин дошт, пас ӯро аз Умар пурсид, пас ӯ хабар дод, ки Умар (разияллоҳу анҳу) шутурони садақаро аломат мегузорад, дар онҷо мебошад. Ва ин раъйи аллома шайх Ибни Усаймин дар Маҷмӯъи фатовояш 1/290-291 аст.  Ва аммо Лаҷнаи доима барои ифто, пас мегӯянд:Саволи ҷиннӣ ва тасдиқи онҳо дар он чизе ки мегӯянд, он аз ҷумлаи ширк аст, зеро он нафъ

**ва боке нест"** хабар медиҳад. Ин ҳадисро Бухорӣ[1] ва ғайраш[2] ривоят кардаанд. Ва донистани ғайби мустақбал хосси Ӯ таъолост ва ҳамон мурод ба фармудаи Ӯ ҷалла зикруҳу аст:**"Ва калидҳои ғайб назди Ӯст ва ҷуз Ӯ касе онҳоро намедонад"**[3] ва он оятҳое, ки ҳамонанди ин оят аст.

Пас ин аз ҷумлаи чизҳоест, ки дар Ислом барои он гӯяндае нест, на ба тариқи кашф ва на ба ғайри он, зеро иҷмоъ шудааст бар ин ки Ӯ таъоло дар чизҳои хориқи одатҳо тасарруфкунанда аст, зеро Ӯ офаридгор аст ва илми ғайби оянда махсуси Ӯст, барои ихтисоси мақдуроти ғайбӣ ба Ӯ таъоло аз ҷиҳати илм ва қудрат, пас ягон нафаре бо Ӯ дар ин шарик нест. Аллоҳ ҷалла зикруҳу барои беҳтарини халқаш мефармояд:**"Бигӯ:Ман молики суд ва зиёни хештан нестам, магар он чиро Аллоҳ бихоҳад ва агар ғайбро медонистам хайр ( ва суди) бисёре (барои худ) фароҳам месохтам"**.[4] Пас ҳаргоҳ Аллоҳ нафъ, зарар ва ғайбро аз нафси паёмбараш нафй намуд, пас ин барои ғайри Ӯ аз куҷо мебошад?!

Оре, он чизеро, ки барои Расулаш ба ваҳйи нозилшуда иҷозат дода, пас он аз Аллоҳ хабар додан аст, на аз ғайри Ӯ, зеро Ӯ (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) дар қоидаҳои динаш ва исботи яқинаш аз тарафи Аллоҳ вакил аст. Ва хабар додани Ӯ ба ин аз мӯъҷизаҳояш аст ва он аз оятҳои Аллоҳ ба ваҳйяш аст, пас барои ғайри Ӯ дар монанди ин дахле нест.

Ва каромат аз ин боб нест, зеро каромат изҳори икром кардан барои аҳли тақвояш беиҷозат додан барои онҳо ва бе таҳаддӣ ва бе қасди онҳост, ҳамчуноне ки ба зуди онро медонӣ.

Ва аз он дониста мешавад, ки аз ғайб хабар додан:**"(Аллоҳ) аз расулонаш касеро бихоҳад, ихтиёр мекунад"**[5] то охири оят, хос ба

---

бурдан ба ҷиннӣ монанди нафъ бурдани инсӣ барои ӯст ба таъзими ӯ ва ба ӯ паноҳ бурдан дар таҳқиқи хостаҳояш мебошад. Тамом шуд ва ин ҷавоб дар назди ман қавситар аст ва Аллоҳ донотар аст. "Фатова-л-лаҷнат-уд-доима 1/407-409". Ва ба зуди баёни он чизе ки дар далеловарии Шайхи Ислом Ибни Таймия ба асари Умар дар назди ривояти асари:"Эй Сория, кӯҳ баро" меояд.

[1] Саҳеҳи Бухорӣ (3411).

[2] Монанди Тирмизӣ (2669) ва Аҳмад (2/202, 214, 159) ва Ибни Абӯшайба (8/760) ва Ибни Ҳиббон (6256) ва ғайрашон аз ҳадиси Абдуллоҳ ибни Амр разияллоҳу анҳумо омадааст.

[3] Сураи Анъом, ояти:59.

[4] Сураи Аъроф, ояти:188.

[5] Сураи Оли Имрон, ояти:179.

анбиё аст, зеро тариқи донистани ғайб ваҳйи нозилшуда аст барои онон, на барои ғайри онон. Аллоҳ ҷалла зикруҳу мефармояд:**"(Аллоҳ) донои ғайб аст ва ҳеҷ касро бар (асрори) ғайби худ огоҳ намесозад, магар расулонеро ки писандида аст"**.[1] Пас ғайри расул аз монанди он маҳрум аст ва ба ростӣ боби рисолат ба фавтидани Ӯ саллаллоҳу алайҳи (ва олиҳи) ва саллам баста шуда, пас хабари ғайб қатъ шудааст, пас ғайбдонӣ аз хусусиятҳои Аллоҳ аст, ҳамчуноне ки Аллоҳ ҷалла зикруҳу мефармояд:**"Бигӯ:Дар осмонҳо ва замин ҷуз Аллоҳ ҳеҷ кас ғайбро намедонад"**.[2]

**"Ва чунин набуд, ки Аллоҳ шуморо аз ғайб огоҳ кунад"**.[3]

**"(Аллоҳ) донои ғайб аст ва ҳеҷ касро бар (асрои) ғайби худ огоҳ намесозад"**.[4]

**"Ва калидҳои ғайб назди Ӯст ва ҷуз Ӯ касе онҳоро намедонад"**.[5]

**"Пас бигӯ:(Илми) ғайб танҳо аз они Аллоҳ аст"**.[6]

**"Бегумон Аллоҳ донои ниҳони осмонҳо ва замин аст"**.[7]

Ва он ояте ки ҳамонанди ин оятҳост, аз оятҳое, ки аз дараҷаҳои таъвил ба зарурати ақлҳо олӣ аст ва ба он чизе ки дар он аз таъкид ва нафй аз ғайри Ӯ ва барои Ӯ исбот кардан аст. Ва ба он чизе ки дар инҳо аз муболаға дар хабар додан аст, ки Ӯ соҳиби илми ғайб аст ва ин ки Ӯ мухтас ба донистани ғайб аст ба ҷуз халқаш ва ин ки Ӯ ба нафю исбот бар таҳаққуқи ягона будани Ӯ ба донистани ғайб далолат намуд ва ин ки он аз ғайри Ӯ мустаҳил (номумкин) аст. Ва ба ростӣ Аллоҳ таъоло хабар дода аст, ки он аз вазифаҳои расулон аст. Аллоҳ ҷалла зикруҳу мефармояд:**"Ва чунин набуд, ки Аллоҳ шуморо аз ғайб огоҳ кунад, вале Аллоҳ аз миёни фиристодагонаш, ҳар касро бихоҳад, интихоб мекунад"**.[8] **"Ва барои ҳеҷ башаре (мумкин) нест, ки Аллоҳ бо ӯ сухан бигӯяд,**

---

[1] Сураи Ҷин, ояти:26-27.
[2] Сураи Намл, ояти:65.
[3] Сураи Оли Имрон, ояти:179.
[4] Сураи Ҷин, ояти:26.
[5] Сураи Анъом, ояти:59.
[6] Сураи Юнус, ояти:20.
[7] Сураи Фотир, ояти:38.
[8] Сураи Оли Имрон, ояти:179.

**магар бо ваҳй, ё аз паси парда, ё расуле бифиристад, ки ба фармони Ӯ (Аллоҳ) он чиро бихоҳад (ба ӯ) ваҳй кунад"**.[1]

Ва ба ростӣ рисолат ба Ӯ саллаллоҳу алайҳи (ва олиҳи) ва саллам хатм шуд, пас боби ғайб ба мавти Ӯ саллаллоҳу алайҳи (ва олиҳи) ва саллам баста шуд.

Ва валӣ агар аз ғайб хабар диҳад, барояш мегуем:Ин барои ту ба чи чиз аст? Оё он аз илҳомат аст? Ё аз кашфи хобҳои туст? Пас, албатта тариқи донистани ғайб ба ваҳй ба воситаи малоика, ё ба ишорати Ӯст, пас дар он илҳом дохил намешавад ва на хоб дидан аз ғайри Паёмбар алайҳис салоту вас салом. Аллоҳ ҷалла зикруҳу мефармояд:**"Бигӯ:Ман намегӯям хазинаҳои Аллоҳ назди ман аст ва ғайб намедонам ва ба шумо намегӯям ман фаришта ҳастам, ҷуз аз он чи ба Ман ваҳй мешавад, пайравӣ намекунам"**.[2] **"Ва намедонам, ки бо ман ва шумо чигуна рафтор хоҳад шуд, ман танҳо аз чизе пайравӣ мекунам, ки ба ман ваҳй мешавад"**.[3] **"Ва ҳеҷ кас намедонад фардо чи чиз ба даст меорад ва ҳеҷ кас намедонад, ки дар кадом сарзамин мемирад"**.[4]

Ва он чизеро, ки Паёмбар саллаллоҳу алайҳи (ва олиҳи) ва саллам аз ғайб ривоят карданд, пас он аз тариқи ваҳй ба таври даҳонӣ бо ҳифз намудани Ӯ аз пеш ва пасаш ва аз ҳамаи шайтонҳо ва шубҳаҳо аст. Ҳамчуноне ки Аллоҳ ҷалла зикруҳу мефармояд:**"(Аллоҳ) донои ғайб аст ва ҳеҷ касро бар (асрори) ғайби Худ огоҳ намесозад, магар расулоне, ки ононро писандида аст, пас бегумон аз пеши рӯйи Ӯ ва пушти сараш нигаҳбонӣ (ва муроқибатӣ аз фариштагон) мегуморад"**.[5]

Пас Ӯ (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) аз ҳамаи ҷиҳат маъсум аст ба хилофи ғайраш.

Ва албатта ба илҳом сухан кардан аз ғайри Ӯ (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) манъшуда аст, зеро аз ғайб гуфтан аст, барои яқин набуданаш ба маъсум набудани Ӯ, пас барои валӣ ҳалол нест, ки дар умури ғайбии оянда сухан намояд ва агар дар он қасдан сухан намояд, фосиқияш собит шуда ва аз доираи тақво мебарояд, чи гӯӣ аз доираи валигӣ, ҳамчуноне ки Аллоҳ ҷалла зикруҳу хабар додааст:**"Агар (шахси) фосиқе хабаре**

---

[1] Сураи Шуро, ояти:51.
[2] Сураи Анъом, ояти:50.
[3] Сураи Аҳқоф, ояти:9.
[4] Сураи Луқмон, ояти:34.
[5] Сураи Ҷин, ояти:26-27.

**барои шумо орад, пас (дар бораи он) баррасӣ (ва таҳқиқ) кунед"**, яъне пас собит будани хабари ӯро баррасӣ ва исбот намоед. Ва дар асл ин хабар аз ғайб сухан гуфтан аст, пас фосиқии ӯ дар ибтидо собит мешавад, зеро он аз илми таҳқиқшуда нест. Ва агар ҳақиқати онро эътиқод намояд, ба сабаби мухолифатии  насҳои қатъӣ кофир мешавад. Ва касе онро аз ӯ эътиқод намояд:Ба Аллоҳ ширк овардааст, пас ба Аллоҳ аз ғазабаш паноҳ мебарем.

Пас агар гуфта шавад:Илҳом аз ҷумлаи ваҳй аст ва дар Қуръон омада аст:**"Ва Парвардигори Ту ба занбури асал илҳом кард, ки аз кӯҳҳо хонаҳо гиред"**,[1] то охири оят? **"Ва ба модари Мусо илҳом кардем, ки ӯро шир диҳед"**,[2] то охири оят.? Мегуям:Ин ба мувофиқи он чизест, ки табъ дар ҳар кадоми ин ду тақозо мекунад. Ва ваҳйи ғайб аз муқтазои (талаботи) нозил кардан аст, на аз илҳом, пас он (илҳом)-ро ваҳй номидан аз  боби муболаға аст. Пас агар гуфта шавад, ки дар ҳадис омада аст, ки:**"Албатта Руҳулқуддус (Ҷибраил) дар қалби Ман андохт**..."[3], яъне дар нафси Ман андохт, ба маънои илҳом кардан барои

---

[1] Сураи Наҳл, ояти:68.

[2] Сураи Қасас, ояти:7.

[3] Ҳадиси саҳеҳ аст. Онро Ҳоким дар Мустадрак 2/4 аз ҳадиси Ибни Масъуд разияллоҳу анҳу ба таври марфӯъ ривоят кардааст:"Амале нест, ки ба сӯи Ҷаннат наздик месозад, магар ки ба он шуморо амр кардам ва амале нест, ки ба сӯи Дӯзах наздик месозад, магар ки шуморо аз он наҳй кардам, яке аз шумо ризқашро суст нашуморад. Албатта Ҷибраил алайҳис салом дар қалби ман андохт, ки ҳаргиз яке аз шумо аз дунё хориҷ намешавад, то ки ризқашро тамом кунад, пас эй мардум аз Аллоҳ битарсед ва ризқро ба таври накӯ талаб кунед, пас агар яке аз шумо омадани ризқашро суст шуморид, пас онро ба маъсияти Аллоҳ талаб накунад. Пас албатта фазли Аллоҳро ба маъсият ба даст оварда намешавад". Ва дар санадаш инқитоъ ва ҷаҳолат аст. Пас албатта Саъид ибни Абиумайяи Сақафиро намешиносам ва ӯ аз Юнус ибни Букайр ривоят мекунад ва ин Шайбонӣ нест ва ин охир хело мутааххир буда, аз табақаи нуҳум аст, вақте ки ин ровӣ дар ин иснод аз Ибни Масъуд ривоят мекунад! Ва аҷаб аз Заҳабӣ, ки чи гуна аз эрод гирифтани ин иснод сукут кардааст!? Ва дурусттар ин ихтилот (омехта кардан) аз Саъид ибни Абиҳилол аст, пас албатта ӯ ихтилот карда буд! Ва ба ростӣ онро Бағавӣ дар Шарҳи суннат 14/303, 304, 305 аз тариқи дигар инчунин мадори он бар маҷҳул (номаълум) аст, бо вуҷуди инқитоъ низ ривоят кардааст. Ва Қузоъӣ онро дар Муснад-иш-Шиҳоб (1151) аз ин ваҷҳ ривоят кардааст.  Сипас онро Ҳоким 2/4 аз ҳадиси Ҷобир ба таври марфӯъ ривоят кард ва дар он фармудаи Ӯ:"Албатта Ҷибраил дар қалби ман дамид" нест ва боқияш

сухан гуфтан аст?! Мегӯям: Илҳоми Ӯ саллаллоҳу алайҳи (ва олиҳи) ва

---

ҳамонанди он аст. Ва дар он ъан-ъанаи Абизубайр аст ва ривоят аз ӯ аз тариқи Лайс ибни Саъд нест ва ба ростӣ онро Ҳоким бар шарти Муслим саҳеҳ донистa аст ва ӯро Заҳабӣ мувофиқат кардааст. Ва Қузоъӣ онро дар рақами (1152) аз ҳамин ваҷҳи тадлисшуда ривоят кардааст. Сипас онро Ҳоким 2/4 ва Байҳақӣ дар ал-Кубро 5/264-265 ва Абӯнуъайм дар ал-Ҳуля 3/156-157, 7/158 аз ду тариқ аз Муҳаммад ибни Мункадир аз Ҷобир ба таври марфӯъ бегуфтаи Ӯ:"Албатта Рӯҳулқудс..." ривоят кардаанд ва боқияш ба монанди ҳадиси якум аст. Ва инчунин онро Ибни Ҳиббон дар Саҳеҳаш 8/32 дар рақами (3239) ривоят карда ва Арноут онро бар шарти Муслим саҳеҳ шуморидааст ва дар он назар аст, зеро Саъид ибни Абиҳилол, ба ростӣ Соҷӣ аз Аҳмад ҳикоят кард, ки ӯ ихтилот (аралаш) кард ва он дар назди Байҳақӣ дар Шуъаб (10505) аз ҳамин ваҷҳ аст, локин тариқи Абӯнуъайм аз ин ихтилот холӣ аст, магар ки дар он Исҳоқ ибни Синон аст, агар таҳриф нашуда бошад, ман тарҷумаи ҳоли ӯро наёфтам. Сипас Аллоҳро шукрона кардам, ки маро барои маърифати ӯ муваффақ гардонд, пас он феълан таҳрифшуда буда ва дурусти он Исҳоқ ибни Бунони Анмотӣ аст, Хатиб дар Таърихи Бағдод 6/390-391 тарҷумаи ӯро зикр карда ва аз Дори Қутнӣ нақл карда, ки ӯ гуфт:Ӯро боке нест ва дар ривояти дигар:Сиққа (мӯътабар) аст, алҳамду лиллоҳ ва ровӣ аз ӯ Муҳаммад ибни Музаффар ҳофизу мӯътабар аст, Ибни Ҳаҷар аз ӯ дар пеши касе ки ӯро ба рофизигӣ туҳмат зад, дифоъ намуд. (Лисон-ул-мизон 5/378-379 ва ба ин шукронаи Аллоҳ таъоло аз дурустии ин иснод таъкид кардем ва гумон мекунам касе дар ин маро сабқат накардааст, ҳатто муҳаддис Албонӣ ҳафизаҳуллоҳ барои ин санад ба чизе эътироз накардааст. (Фиқҳ-ус-сират саҳ:96). Сипас ӯ ҳафизаҳуллоҳро дидам, ки барои исногдаш батафсил гап зада, пас расидааст ба он чизе ки ман расидаам аз сиҳати санад дар ас-Саҳеҳа 6/210-211, пас сипосу ситоиш Аллоҳро бар тавфиқ доданаш ва аз Ӯ зиёдатиро талаб мекунам. Ва ба таҳқиқ Ибни Абӯосим ҳадиси Ҷобирро ба таври марфӯъ дар ас-Суннат (420) ривоят карда ва дар он ъан-ъанаи Ибни Ҷурайҷ ва Абизубайр аст ва Албонӣ ба ин тариқ ишора накардааст, бо вуҷуде ки ӯ ҳафизаҳуллоҳу таъоло касест, ки китоби "ас-Суннат"-ро таҳқиқ кардааст. Ва ба ростӣ онро Бағавӣ дар Шарҳ-ис-суннат (4110) аз ҳадиси Муталиб ба таври мурсал ривоят карда ва муҳаддис Албонӣ Аллоҳ ӯро риоят кунад ва офият диҳад ба ин ривоят ишора накардааст ва на ба дигар ривоятҳои Бағавӣ. Ва ҳадис боз аз Абӯумома ва Ҳузайфа ривоят шуда ва иснод назди он ду низ заиф аст ва тахриҷи Албониро муроҷиат кун! Пас ман намехоҳам ба он чизе ки ӯ, Аллоҳ ӯро ҳифз кунад, дар он муфассал баён кардааст, саҳифаҳоро сиёҳ кунам. Ва хулоса ин ки ҳадис белафзи:"Албатта Ҷибраил дамид..." саҳеҳ аст, пас албатта он иншо Аллоҳу таъоло ба ривояти Абиумома ва мурсали Муталиб ва ривояти Ибни Масъуд ҳасан (некӯ) аст ва Аллоҳ донотар аст.

саллам ба манзалаи ваҳй нозилшуда собит аст, барои қатъан маъсум будани Ӯ ва ҳифзи Ӯ, пас аз хоҳишоти нафс сухан намегӯяд, магар ба он чизе сухан мегӯяд, ки ба Ӯ ваҳй мешавад, то ки гуфтанд:Албатта иҷтиҳоди Ӯ саллаллоҳу алайҳи (ва олиҳи) ва саллам аз ваҳй собит аст, зеро Ӯ ба хато қарор дода намешавад, пас он монанди илҳоми Ӯ ҳуҷҷати қатъӣ аст, ба хилофи ғайри Ӯ, пас бар монанди Ӯ қиёс карда намешавад.

Ва хулоса ин ки илми ғайби оянда аз назди Аллоҳ барои расулонаш мебошад ва рисолат ба фавтидани Муҳаммад саллаллоҳу алайҳи (ва олиҳи) ва саллам хатм шуд, пас барои касе ба ҷуз ӯ ба ғайби оянда хабар додан нест. Ва бинобар тақдири илҳоми вай, пас он аз ғайб гуфтан ба гумону тахмин аст ва ин аз ҷумлаи дурӯғ шуморида мешавад. Ва оё баъди хабари Ӯ ҷалла зикруҳу:**"Ва ҳеҷ кас намедонад фардо чи чиз ба даст меорад ва ҳеҷ кас намедонад, ки дар кадом сарзамин мемирад"**.[1] **"Пас бигӯ:(Илми) ғайб танҳо аз они Аллоҳ аст"**.[2]

Касе ба ғайб сухан мекунад, магар ки дар ақлаш халал расида, ё дар чуқурии ҷаҳолаташ партофта шудааст?!

Ва ин аз тақво куҷост, чӣ гӯӣ аз вилоят (валигӣ)?!

Ва касе байни ғайби авлиё ва ғайби Аллоҳ фарқ гузорад ва гӯяд:Ин ғайри он аст, бо вуҷуде ки ҳол дар ҳазаршуда як аст, пас ба ростӣ ба хоҳиши нафсаш гумроҳ шуда ва ба фатвояш шайтонашро пайравӣ карда аст! Ва агар фарқи муташобиҳро аз муҳкам бифаҳмад, ҳароина ҳамон чизеро, ки солимтар ва муҳкамтар аст[3], пайравӣ мекунад.

Пас агар гуфта шавад:Кашф барои Умар (разияллоҳу анҳу[4]) рӯх дод ва ӯ бар болои минбар дар Мадина буд, дар қиссаи:(Эй Сория куҳ баро![5]).

---

[1] Сураи Луқмон, ояти:34.

[2] Сураи Юнус, ояти:20.

[3] Солимтар ва муҳкамтар доимо дар пайравии саҳоба ва салафи солеҳ аст, пас онҳо дар ҳамаи чиз аз шуъуни ақида ва манҳаҷ бар тариқи солимтар, устувортар ва муҳкамтар буданд.

[4] Зиёдати аз нусхаи (нун) аз ҳошияи нусха аст ва он дар ояндаи қариб инчунин аст.

[5] Ин қиссаро Байҳақӣ дар Далоил-ун-нубувват 6/370 ва Лолакоӣ дар Шарҳ-ис-суннат 4/1330 дар рақами:2537 ва Зайн Оқулӣ дар Фавоидаш ва Ибни Аъробӣ дар Каромот-ул-авлиё, ҳамчунон дар ал-Исоба 2/3 дар рақами:(3034) ва Абӯбакр ибни Халлод дар ал-Фавоид ва Суламӣ дар "ал-Арбаъин ас-суфия" ва Ибни Асокир дар "Таърихи Димишқ" ва Зиё дар "ал-Мунтақо мин масмӯъотиҳи би Марв" ҳамчунон дар "ас-Саҳеҳа (1110)" ҳамаашон аз тариқи Яҳё ибни Айюб

Ғофиқӣ ривоят кардаанд ва ӯ барои ҳифзи бадаш заиф аст, аз ҳадиси Умар, ё аз Ибни Умар ҳамчуноне ки дар баъзе ривоятҳо омадааст, ки:"Умар лашкареро фиристод, пас бар онҳо мардеро, ки Сория номида мешуд амир таъйин намуд, пас вақте ки Умар дар рӯзи ҷумъа хутба мекард, гуфт:Эй Сория, кӯҳ баро! Эй Сория, кӯҳ баро! Се бор такрор кард. Сипас намояндаи лашкар омад, пас ӯро Умар пурсид, пас гуфт: Эй Амири мӯъминон мо шикаст хурдем, пас вақте ки мо дарин ҳолат будем, ногоҳ нидокунандаеро шунидем: Эй Сория кӯҳ баро! Се бор, пас кӯҳ баромадем. Пас Аллоҳ онҳоро шикаст дод. (Ровӣ) гуфт: Пас ба Умар гуфта шуд: Ту инчунин фарёд мекардӣ". Ин қиссаро Ибни Касир дар "ал-Бидоя ва ниҳоя 7/131" оварда гуфтааст: Ин иснод ҷайид (нек) аст". Ва ӯро муҳаддис Албонӣ мувофиқат кардааст ва на ҳамчуноне аст, ки гуфтаанд!

Пас номи Ғофиқӣ, Яҳё ибни Айюб аст, ба сабаби ҳифзаш заиф шудааст, ҳамонгуна ки Аҳмад гуфта аст. Ва Абӯҳотим мегӯяд:Ба ӯ ҳуҷҷат карда намешавад. Ва Ибни Қатони ал-Фосӣ мегӯяд:Ӯ аз касонест, ки ҳолаш донista шуда аст ва албатта ба ӯ ҳуҷҷат карда намешавад. Ва Насоӣ мегӯяд:Қавӣ нест. Ва Ибни Маъин мегӯяд:Ҳадисаш некӯ аст. Ва Ибни Адӣ мегӯяд:Ӯ дар назди ман ростгӯ аст. Алӣ Ризо, Аллоҳ ӯ ва волидайнаш ва мусалмононро мағфират кунад, мегӯяд: Ҷарҳи тафсиршуда ба ҳифзи бад, муқаддам (ҳамонгуна ки инҷост) бар таъдил мебошад. Ва бинобар ин сухани Ҳофиз:Ростгӯ аст, шояд хато кардааст, шоиста нест! "ат-Тақриб (75611)". Ва аҷаб аз муаллифони китоби "Таҳриру тақриб-ит-таҳзиб 4/78" чигуна гумон кардаанд, ки ӯ садуқ (ростқавл) аст? Ва оё онҳоро ин ки "Ҷарҳи тафсиршуда муқаддам бар таъдил мебошад" фавт шудааст?!

Мегӯям:Аммо хабари Абӯмусо бо ҷинние, ки ишора ба он аз каломи Шайхи Ислом Ибни Таймия гузашт, пас он хабари заиф аст. Ва аз ду тариқ ривоят шуда аст, якеи он ду аз дигараш заифтар аст.

Якум аз ривояти Ибни Абидунё номи ӯ Абдуллоҳ ибни Муҳаммади ал-Қурашӣ Абӯбакр аст дар китобаш: "Макоид-уш-шайтон", ҳамонгуна ки дар "Оком-ул-марҷон фи аҳком-ил-ҷон, саҳ: 168" ва ҳамонгуна ки дар табааи ноқис, ё иснодҳои қатъшуда дар охирҳои он аст аз ҷамъи Маҷди Сайид аст, дар саҳ: 7. Ва дар иснодаш ҷаҳолати шайхи Ибни Абидунё аст, Абдуллоҳ ибни Бадр, пас ман тарҷумаи ӯро наёфтам. Ва Ибни Абидунё раҳимаҳуллоҳ аз халқи бисёре ривоят мекунад, ки шинохта намешаванд, ҳамонгуна ки Заҳабӣ дар "Сияри аъломи нубало 13/399" гуфтааст. Ва Яҳё ибни Ямон ҳамон Иҷлӣ аст, бисёр хато мекунад ва ба ростӣ тағйир ёфта аст. "ат-Тақриб (7729)". Дуюм: Онро Абдуллоҳ ибни Аҳмад ибни Ҳанбал дар "Фазоили саҳоба (380)" ривоят кардааст ва дар он тадлиси Валид ибни Муслим аст ва ба таҳқиқ ба ъан-ъана ривоят кардааст, локин оё ин ду тариқ ба маҷмӯъашон қувват мегиранд? Эҳтимол дорад, бо майли ман ба қувват нагирифтанашон, барои вуҷуди ҷаҳолат дар тариқи якум ва Аллоҳ донотар аст.

Ва Сория дар Ироқ, дар ҷанг буд ва Умар (разияллоҳу анҳуро) шунавид, пас ӯ бо ҳамроҳонаш ба куҳ баромада, пас ғалабаро ба даст овард?!

Ин дар он чизест, ки рух дода маҳсус аст ва мавзӯи баҳс дар илми ғайби оянда аст, пас касе инро ба он қиёс намояд, пас ӯ беақл аст!

Ва барои Умар (разияллоҳу анҳу) бо тақвояш барояш каромат шуморида шуд ва ғайри ӯ монанди ӯ нест, зеро бисёри касоне ки дар ин асрҳо дар вилоят сухан мегӯянд, касест, ки илм надорад ва тақвояшро дар хилватҳо ва тарки ҷамоатҳо қарор дода ва бар риёзиёт ба хӯрдани хӯроке хоссаи ӯ мебошад, мудовимат мекунад. Ва барои он номҳои хос аст бар он мувозибат мекунад, то ба бародарони ҷиннияш бипайвандад ва ба балоҳое сухан кунад, онро аз ӯ каромат гумон мекунанд.

Тақиюддини Ҳарронӣ[1] мегӯяд:Албатта нахустин касе ки ин ифтирорo дар Ислом пайдо кард:Мухтор ибни Абӯубайди Сақафӣ[2] буд, ки Паёмбар саллаллоҳу алайҳи (ва олиҳи) ва саллам аз ӯ хабар дода фармуд:**"Ба зуди дар Сақиф шахси бисёр дурӯғгӯ ва мубир (бисёр мардумкуш) мебошад"**[3].

Пас бисёр дурӯғгӯ:Мухтор  ибни Убайд ва мубир:Ҳаҷҷоҷ ибни Юсуф[4] буд. Пас ба Ибни Умар (разияллоҳу анҳумо[5]) ва Ибни Аббос (разияллоҳу

---

[1] Ӯ Шайх-ул-Ислом Ибни Таймия раҳимаҳуллоҳу таъоло мебошад. Ва ба ростӣ каломи ӯро дар "Маҷмӯъи фатовоҳ" 11/238 ёфтам.

[2] Ӯ бисёр дурӯғгӯест, ки Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам аз ӯ хабар додааст. Барои ӯ дар "Сияри аъломи нубало" 3/538-544 тарҷумаи тулонӣ аст, далолат мекунад бар ин ки ӯ бар куфр мурдааст, зеро ӯ гумон мекард, ки Ҷибраил алайҳис салом бар ӯ ваҳй меорад!

[3] Ҳадиси саҳеҳ аст. Онро Муслим дар Саҳеҳаш (2545) аз ҳадиси Асмоа бинти Абӯбакр разияллоҳу анҳумо ривоят кардааст. Ва онро Тирмизӣ дар рақами (2220), (3944) ва Аҳмад (2/26) аз ҳадиси Ибни Умар разияллоҳу анҳумо ривоят кардаанд.

[4] Ӯ амири машҳур аст. Заҳабӣ мегӯяд:Бисёр золиму ҷаббор буд, Аллоҳ ӯро дар моҳи Рамазон соли (95 ҳиҷрӣ) калонсол ҳалок кард. Ва гуфт:Носибии хабис, бисёр хунрез буд ва соҳиби шуҷоат, иқдом, макр, ақл, фасоҳат, балоғат ва таъзими Қуръон буд, то ин ки гуфт:Пас ӯро дашном медиҳем ва дӯст намедор-ем, балки дар роҳи Аллоҳ бадаш мебинем, пас ин аз баландтарин қуллаҳои имон аст ва ӯ некиҳо дорад, дар баҳри гуноҳояш ғарқ шудаанд ва амри ӯро ба Аллоҳ месупорем. Ва хулоса ӯ аҳли тавҳид аст ва ҳамонанди ӯ аз золимони мутакаббирон ва амирон ҳаст. "Сияри аъломи нубало, 4/343".

[5] Ин зиёдатӣ аз тарафи ман аст ва инчунин дар дигараш.

анҳумо) гуфта шуд:Мухтор гумон мекунад, ки бар ӯ (ваҳй) нозил мешавад? Гуфтанд:Рост мегӯяд! Аллоҳ ҷалла зикруҳу мефармояд:**"Оё ба шумо хабар диҳам, ки шайтонҳо бар чи касе нозил мешаванд?!"**.[1] **"Ва ба ростӣ шайтонҳо ба дӯстони худ (шубҳаҳо) илқо мекунанд, то бо шумо муҷодила кунанд ва агар аз онҳо итоат кунед, бегумон мушрик хоҳед шуд"**.[2] Пас, баъд аз рисолат ба ғайб касе сухан намекунад, магар касе ки ӯ бешак аз бародарони шайтонҳост.

Ва аммо он чизе ки гуфтанд:Баъзеи онҳо абдол, нуқабо, автод, нуҷабо, ҳафтод, ҳафт, чиҳил, чор ва қутб ҳамон фарёдрас барои мардум аст, бешак мадад бар Ӯст!

Пас ин аз бофтаҳои дурӯғи онҳост, ҳамчуноне ки инро қозии муҳаддис Ибни ал-Арабӣ[3] дар "Сироҷ-ул-муридин" ва Ибни ал-Ҷавзӣ[4] ва Ибни Таймия зикр кардаанд. Ва гуфт[5]:Ҳамаи ҳадисҳое ки аз Паёмбар саллаллоҳу алайҳи (ва олиҳи) ва саллам дар ададу авлиё, абдол, нуқабо, автод, ақтоб, анҷоб ривоят мешавад, монанди:(Чор, ҳафт, дувоздаҳ, чиҳил, ҳафтод, сесад, сездаҳ, қутби ягона ва ғавс), пас дар ин мавзӯъ чизи саҳеҳе аз Паёмбар саллаллоҳу алайҳи (ва олиҳи) ва саллам наомада аст ва салаф ба чизе аз ин лафзҳо сухан накарданд, ба ҷуз лафзи абдол ва онҳо чиҳил нафар дар сарзамини Шом мебошад, ин аз Алӣ ривоят шуда ва он мӯъзалу мунқатиъ аст, собит нест[6].

---

[1] Сураи Шуъаро, ояти:221.

[2] Сураи Анъом, ояти:121.

[3] Ин Ибни Арабии мулҳиди суфӣ нест ва албатта ин Ибни ал-Арабӣ, фақеҳ аст, пас огоҳ шав!

[4] Дар "Мавзӯъот, 3/397-401" табаъаи "Азво-ус-салаф ва-т-тадмурия" ба таҳқиқи доктор Нуриддин ибни Шукрӣ ва боҳис ба ин натиҷа расидааст, ки ҳадиси абдол саҳеҳ нест ва локин он мавзӯъ нест, ҳамонгуна ки Ибни ал-Ҷавзӣ гумон кардааст ва он ҳамчунон аст, ки гуфта аст. Пас албатта муҳаддис Албонӣ ба таҳқиқ ба нафси натиҷа дар "Силсилат-уз-заифа, 936, 2498, 2993, 1476" расидааст.

[5] "ал-Фатово" 11/433-444.

[6] Алҳамду лиллоҳ ман бар заиф будани ин ҳадис дар таҳқиқам Муснади Алӣ разияллоҳу анҳуро ҳукм карда будам. Ба ростӣ аз тариқи Ҳорис ибни Ҳармал аз Алӣ ривоят шуда аст, ҳамонгуна ки дар рақами (1728-1732) аст. Ин тариқест, ки дар он Фараҷ ибни Фазола аст ва ӯ заиф аст. Ва Ҳорис ибни Ҳармал номаълум аст. Аз ӯ танҳо Раҷо ибни Ҳайва ривоят карда аст, ҳамонгуна ки дар "ал-Ҷарҳ ва-т-таъдил, 3/72" аст ва барои ин Ибни Абӯҳотим дар ӯ ҷарҳу таъдиле зикр накардааст.

Ва шоҳидҳои дурӯғ буданаш ин ки Алӣ (разияллоҳу анҳу) аз касоне ки дар Шом аст, беҳтар мебошад, пас чигуна абдол бо ғайри Ӯст. Ва дар ҳадиси Абӯсаъиди Худрӣ омадааст:**"Дар Шом бар беҳтарини фирқаи мусалмонон хуруҷкунандае хуруҷ мекунад"**. Ривояти Бухорӣ ва Муслим[1].

Гуфтанд:Онҳо хавориҷанд, ки Алӣ онҳоро кушт.

---

Ва аз тариқи Сафвон ибни Умари Саксакӣ аз шайхҳояш аз Алӣ ба таври марфӯъ ривоят карда шуда аст! Ва ин исноди торику хело заиф аст, аз рӯи Абӯабдур-раҳмони Суламӣ, пас албатта ӯ муттаҳам ба вазъи ҳадис аст. Ва "Муснади Алӣ (7604) 4/1310-ро назар кун! Ва аз тариқи Фитр аз Абӯтуфайл аз Алӣ ба таври мавқуф ривоят шуда "Абдол дар Шом ва нуҷабо дар Ироқ аст" ва ин тариқ аз рӯи Фитр заиф аст, пас дар шаъни ӯ гап зада шуда аст ва ӯ мудаллис аст ва ин ҳадисро ба таври ъан-ъана ривоят кардааст, балки агар ба таври сареҳ ҳам ривоят кунад, аз ӯ қабул карда намешавад! Ҳамчунон ки инро Саховӣ ва дигарон баён кардаанд. "Муснади Алӣ, 4/1373, рақами:7963-7964"-ро назар кун! Ва аз Айёш ибни Аббос ал-Қитбонӣ аз Алӣ ба таври мавқуф ривоят шуда ва дар он тадлиси Валид ибни Муслим аст ва ӯ иснодро тағйир медиҳад ва ба ростӣ ба таври ъан-ъана ривоят кардааст, сипас он ҳадиси мӯъзал аст. "Муснади Алӣ, 6/2370, рақами:13625, 13626"-ро назар кун! Ва ба ростӣ дар онҷо аз ҷониби ман дар саҳеҳ шуморидани лафзи "ал-Абдолу мин-аш-Шом" хато шуда ва барои ин толибилмон ва хонандагонро бар ин огоҳ мекунам.

Ва аз тариқи Шурайҳ ибни Убайд аз Алӣ ба таври марфӯъ ривоят шуда ва ӯ низ заиф аст, барои байни Шурайҳ ва байни Алӣ разияллоҳу анҳу инқитоъ аст, ҳамонгуна ки Ибни Асокир инчунин гуфта аст. Ва "Муснади Алӣ, 3/1185-186, рақами:6754-6757"-ро назар кун! Ва ин асарро Ибни Таймия заиф ҳукм карда аст, ҳамчуноне ки муаллиф инро аз ӯ зикр мекунад.

[1] Ҳадиси саҳеҳ аст, ба ҷуз ин ки ин лафз ворид нашуда аст. Ва лафзе ки ворид шуда аст, он аст ки Муслим дар Саҳеҳаш (149-150) аз ҳадиси Абӯсаъиди Худрӣ разияллоҳу анҳу ба таври марфӯъ ривоят карда аст:"Хориҷшавандае дар вақти ҷудоии мусалмонон хориҷ мешавад, онро беҳтарини тоифаи ба ҳақ мекушад". Ва инро Бухорӣ ба ин лафз ривоят накарда аст. Ва албатта онро дар Саҳеҳаш (6931, 6933) аз ҳадиси Абӯсаъид ба таври марфӯъ ба лафзи:"Дар ин уммат қавме хориҷ мешавад, ки намозатонро нисбат ба намози онҳо ночиз мешуморед..." то охири ҳадис. Ва ба таҳқиқ Бухорӣ аз ҳадиси Алӣ разияллоҳу анҳу ба таври марфӯъ (6930) ривоят карда аст ва инчунин он дар Саҳеҳи Муслим (1066) омада аст. ТАНБЕҲ:Ин нисбат додан ба Бухорӣ ва Муслим хатои муаллиф аст ва аз каломи Шайхи Ислом, Ибни Таймия нест.

Ва дар ҳадиси Аммор (разияллоҳу анҳу) омадааст:**"Туро гурӯҳи боғӣ (саркаш) мекушад[1]"**. Пас ӯро аҳли Шом куштанд, ин дар Саҳеҳи Бухорӣ ва Муслим аст. Ва аз ин дониста мешавад, ки ин аз дурӯғи онҳо ва истилоҳи васфи онҳост, пас ба сӯи он илтифот карда намешавад ва бар он эътимод карда намешавад.

Ва аз инҷо мунаққидон бар касе ки монанди инро зикр мекунад, айбу эрод гирифтанд, монанди Ибни Одил[2] ва соҳиби ал-Мавоҳиб[3], соҳибони рисолаҳо ва дигарон.

Пас касе ба чизе аз ин сухан кунад ва тасарруфоти он чизеро, ки гуфтанд, эътиқод намояд, пас ба ростӣ роҳи мӯъминон ва ҳуҷҷатҳои Парвардигори оламиёнро мухолифат кардааст:**"Ва оё мардумро дар оташи Дӯзах бар чеҳраҳояшон ба ҷуз даравкардаи забонҳояшон меандозад?!"[4]**.

---

[1] Ҳадиси саҳеҳ аст, онро Муслим дар Саҳеҳаш (2916) аз ҳадиси Умми Салама разияллоҳу анҳо ривоят кардааст, ки Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам барои Аммор гуфт:"Туро гурӯҳи саркаш мекушад". Ва ба таҳқиқ Бухорӣ ба лафзи "Вой бар ҳоли Аммор, ӯро гурӯҳи саркаш мекушад" дар рақами (447, 2712) бо шарҳи Бухорӣ, ки ба Фатҳ-ул-Борӣ маъруф аст.

[2] Шояд ӯ Одили суфӣ Умар бошад, пас ба ростӣ ӯро соҳиби "Мӯъҷам-ул-муаллифин 2/560 дар рақами (10376) зикр карда ва ӯ дар тасаввуф таснифот дорад, соли 788 ҳиҷрӣ вафот карда аст, ё Муҳаммад Одилӣ, соли вафоташ 856 ҳиҷрӣ аст, пас ӯ суфии муаллиф аст, ҳамчуноне ки дар "Мӯъҷам-ул-муаллифин 3/358 дар рақами (13736) омадааст ва нафари сеюм низ ҳаст, ки Муҳаммад хонда мешавад, соли 970 ҳиҷрӣ вафот кардааст "ал-Мӯъҷам 3/557 дар рақами (14995) аст ва Аллоҳ донотар аст.

[3] Он "ал-Мавоҳиб-ул-ладунния би-л-минаҳ-ил-Муҳаммадия" ва соҳибаш ҳамон: Шаҳобиддин Абӯлаббос Аҳмад ибни Муҳаммади Қасталонӣ Мисрӣ аст, соли 923 ҳиҷрӣ вафот кардааст. Ва байни ӯ ва Сиютӣ ваҳшат буд, ба сабаби иттиҳоми Сиютӣ ӯро ба ин ки аз китобҳои ӯ медуздад ва ба ӯ нисбат намедиҳад. "Кашф-уз-зунун 2/1896, 1897"-ро назар кун!

[4] Ин ҷузъе аз ҳадиси саҳеҳ аст, онро Аҳмад дар Муснад, 5/231 ва Тирмизӣ дар Сунан (2616) ва инчунин Ибни Моҷа (3973) ва дигарон аз ҳадиси Муоз ибни Ҷабал разияллоҳу анҳу ривоят кардаанд. Ва ба ростӣ онро Тирмизӣ саҳеҳ гуфта ва Ибни Раҷаб иллатдор ҳукм карда ва инро Албонӣ рад кардааст ба он чизе ки хулосааш ин аст, ки аз ду тариқ омада, якеаш дигарашро тақвият медиҳад. Пас, беамр, инро дар "Ирво-ул-ғалил, (413)" ба тафсил назар кун!

Пас, ҳазар кун, сипас ҳазар кун, ки дар тақвоят хато кунӣ, пас писари модаратро (бародаратро) дар хато андозӣ, ҳамонгуна ки писари бародари аммакатро дар хато меандозӣ![1]

Ва аммо ҷоиз гардондани онҳо барои онон забҳҳо ва назрҳоро ва барои дар ин ду аҷрҳо исбот карданд?

Пас гуфта мешавад:Ин забҳ ва назр, агар ба номи фалон ва фалон бошад, пас он барои ғайри Аллоҳ аст, пас ботил мебошад. Ва дар Қуръон омадааст:**"Ва аз он чи (ҳангоми забҳ) номи Аллоҳ бар он бурда нашуда, нахӯред ва ҳамоно ин (амал) нофармонӣ (ва гуноҳ) аст"**.[2]

Ва дар ҳадис омадааст:**"Назр нест, магар дар он чизе ки ба он ризои Аллоҳ хоста мешавад"**. (Ривояти Бухорӣ ва Муслим)[3]. Ва омадааст:**"Касе ки ба ҷуз Аллоҳ қасам хӯрад, пас ба ростӣ ширк овардааст"**. Инро Ҳоким[4] ва ғайри ӯ[5] ривоят кардааст. Ва назри барои ғайри Аллоҳ монанди ин[6] (забҳ) аст. Ва дар Қуръон омадааст:**"Бигӯ:Бегумон намозам**

---

[1] Гӯё ки муаллиф мегӯяд:Ҳазар кун аз ин ки мардум туро дар ақидаат тақлид кунанд, дар ҳоле ки ақидаи ту фосид бошад, пас вуболи онҳо бар ту низ мебошад.

[2] Сураи Анъом, ояти:121.

[3] Ин хатои бузурги муаллиф аст, пас ин лафз дар Бухорӣ ва Муслим нест, балки он дар китобҳои шашгона нест, ба ҷуз "Сунани Абӯдовуд" (2192, 3273) ва ба исноде ки онро муҳаддис Албонӣ дар "Саҳеҳи Абӯдовуд" (1918, 2801) ҳасан гуфта аст, аз барои Амр ибни Шуъайб аз падараш аз бобояш ва он дар Муснади Аҳмад 2/185 аз ҳамин тариқ низ омадааст. Ва албатта Муслим онро дар Саҳеҳаш ба лафзи "Дар маъсияти Аллоҳ назр нест ва на дар чизе ки фарзанди Одам молик нест" аз ҳадиси Имрон ибни Ҳусайн разияллоҳу анҳу ривоят кардааст. Ва Бухорӣ дар Саҳеҳаш (6696, 6700) аз ҳадиси Оиша разияллоҳу анҳо ба таври марфӯъ ба лафзи "Касе назр кунад, ки Аллоҳро итоат мекунад, пас Ӯро итоат кунад ва касе назр кунад, ки Аллоҳро исён мекунад, пас Ӯро исён накунад" ривоят кардааст.

[4] Дар "ал-Мустадрак" 1/18 ва инчунин дар 4/297 ривоят кардааст.

[5] Монанди Аҳмад дар "ал-Муснад" 2/34, 69, 86, 125 ва Тирмизӣ (1535) ва Абӯдовуд (3251) ва Таёлисӣ (1896) ва Байҳақӣ 10/29 ва дигарон ривоят кардаанд. Ва ба ростӣ онро Тирмизӣ ҳасан гуфта ва Ибни Ҳиббон 10/199, 200, рақами:(4358) саҳеҳ гуфта аст. Ва инчунин онро Ҳоким саҳеҳ гуфта ва Заҳабӣ ӯро мувофиқат кардааст ва Албонӣ онро бар шарти Муслим аз ҳадиси Ибни Умар разияллоҳу анҳумо саҳеҳ гуфтааст ва "ас-Саҳеҳа" (2042)-ро назар кун!

[6] Яъне дар ширк будани ҳукми он, монанди ба ғайри Аллоҳ таъоло қасам хӯрдан.

**ва ибодатҳо (ва қурбонии) ман ва зиндагӣ ва маргӣ ман, ҳама барои Аллоҳ Парвардигори ҷаҳониён аст, шарике барои Ӯ нест"**.[1] Яъне: Албатта намози ман ва забҳи ман барои Аллоҳ аст, ҳамонгуна ки ба ин тафсир карда шудааст, монанди фармудаи Ӯ ҷалла зикруҳу аст:**"Пас барои Парвардигорат намоз гузор ва қурбонӣ кун"**.[2]

Ва дар ҳадис омадааст:**"Дар бефармонии Аллоҳ назр нест"**. Ин ҳадисро Абӯдовуд ва ғайраш[3] ривоят кардааст. Ва назр барои ғайри Аллоҳ шарик овардан бо ҳамроҳи Аллоҳ аст, пас аз ин маъсияташ маъсияти бузургтар нест.

Ва дар Қуръон омадааст:**"Бар шумо худмурда ва хун ва гушти хуг ва он чи (ҳангоми забҳ) номи ғайри Аллоҳ бар он бурда шавад, ҳаром шуд"**[4], то охири оят.

Ва фақеҳон[5] гуфтанд:Панҷ чиз барои ғайри Аллоҳ ширк аст:Рукӯъ, саҷда, забҳ (мол куштан), назр ва савганд.

Ва касе номи ғайри Аллоҳро бар моли куштааш зикр кунад, пас он худмурда аст, хӯрдани он ҳаром аст. Ва агар бо исми Ӯ таъоло касеро шарик орад, монанди гуфтааш:Бисмиллоҳ ва Муҳаммад саллаллоҳу алайҳи (ва олиҳи) ва саллам ба ҳарфи (вови атф), пас инчунин моли куштааш ҳаром мегардад. Ва инчунин агар исми Аллоҳро қасдан бар моли куштааш тарк кунад, дар назди мо хӯрда намешавад[6], пас он ба

---

[1] Сураи Анъом, ояти:162.

[2] Сураи Кавсар, ояти:2.

[3] Ин дигарро мебоист муаллиф пеш аз Абӯдовуд зикр мекард!! Пас ба ростӣ онро Муслим дар Саҳеҳаш (1641) ва Ибни Моҷа (2125) ва дигарон аз ҳадиси Оиша ба таври марфӯъ ба изофаи "ва каффорати он каффорати қасам аст" ривоят кардаанд ва дар ин зиёдатӣ калом аст, локин онро Албонӣ аз дигар ваҷҳ саҳеҳ гуфта, онро дар "Ирво-ул-ғалил" (2590) зикр кардааст, пас агар хоҳӣ дар онҷо муроҷиат кун!

[4] Сураи Моида, ояти:3.

[5] Дар ҳошияи (нун) таълиққунанда ё нусхабардор гуфтааст:"Нигоҳ кун, чи гуна иҷмоъ нагуфтааст!". Ва мегӯям:Пас чӣ бошад?! Ва ба ростӣ аллома Шамси Афғонӣ-раҳимаҳуллоҳу раҳматан восеъа- дар китобаш "Ҷуҳуд-ул-уламо-ул-ҳанафия" дар ин масъала чандин нақлҳо аз олимони ҳанафӣ овардааст, ки дар ин масъала Китоби Парвардигорамон ва суннати саҳеҳи Паёмбарамон алайҳис салоту вас салом моро басанда аст!.

[6] Ва инчунин дар он чизе ки соҳиби "ал-Муғнӣ" 13/289-290 ихтиёр кардааст, мебошад.

сареҳи фармудаи Ӯ ҷалла зикруҳу худмурдааст:**"Ва аз он чи (ҳангоми забҳ) номи Аллоҳ бар он бурда нашуда, нахӯред"**.[1]

Пас қасдан тарк кардани мӯъмин зикри Ӯ таъолоро, монанди зикри ғайри Ӯст.

Оре! Агар гӯяд:Ин назр барои Аллоҳ дар фалон макон кушта мешавад ва дар фалон ҷамоат, ё бар фалон сарҳадбонон сарф мешавад, пас боке надорад, ҳамонгуна ки дар вақф бар фалон ва фалон гуфта мешавад. Пас албатта вақфи барои Аллоҳ мулки Ӯст ва ҳосилаш бар касе ки вақфкунанда таъйин карда сарф карда мешавад, пас дар ин мавзӯъ ҳам инчунин аст.

Хулоса:Албатта назри барои ғайри Аллоҳ фисқу фуҷур аст, пас барои онҳо аз куҷост аҷрҳо?! Ва забҳшудаҳо инчунин аст.

Ва касе гӯяд:Албатта ин назр барои фалон ва ин моли кушташуда барои фалон аст, пас ин гуноҳу исён[2] аст ва касе ки куштани мол, ё ғайрашро барои Аллоҳ назр кунад ва гӯяд:Дар фалон макон кушта мешавад, ё фалон қавм онро мехӯрад, ҷоиз аст. Ва Аллоҳ ҳидоятгар аст.

---

[1] Сураи Анъом, ояти:121.

[2] Дар ҳадиси саҳеҳ, ки Муслим онро дар Саҳеҳаш (1967) аз ҳадиси Оиша разияллоҳу анҳо ривоят кардааст, ки Ӯ алайҳис салоту вас салом қушқореро кушт ва гуфт:"Эй Аллоҳ, аз Муҳаммад ва оли Муҳаммад ва аз уммати Муҳаммад қабул кун". Пас агар муаллиф гӯяд ба монанди ин исён аст, пас ин хатои возеҳ аст, барои мухолифатии ӯ ба он чизе ки аз Ӯ саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам ба таври саҳеҳ омадааст, мебошад. Ва албатта муаллиф он чизе ки гуфта, барои макрӯҳ донистани мазҳаби ҳанафӣ иштирокро дар моли кушташуда ё дар қурбонӣ гуфтааст. Ва дар ин масъала суннати сареҳи саҳеҳро мухолифат карданд, аз рӯи гумонашон ки ин дар зери фармудаи Ӯ таъоло дар сураи Бақара, ояти:173 "Ва он чиро ки (ҳангоми забҳ) номи ғайри Аллоҳ бар он бурда шуда". Ва ҷумҳур дар ин чиз барои мувофиқатиашон суннатро некбахт шудан! "ал-Муғнӣ" аз они Ибни Қудома 13/390, 391-ро назар кун!

# ФАСЛИ ДУВВУМ ДАР ЭЪТИҚОДИ БЕҲТАРИНҲО, КИ АЗ ОТАШ НАҶОТДИҲАНДА АСТ

Бидон, аввалан, ки оқил бо ақлаш дар парҳезгорӣ ва дин розӣ намешавад, магар ба он чизе ки дар он яқин аст ва мусобиқа намекунад, магар дар чизи боарзиш ва саъй намекунад, магар дар ба даст овардани чизи зеботар.

Ва дар дин хилоф нест, ки имон ҳамон ресмони устувори Аллоҳ ва нури ошкори Ӯ аст, зеро аҳком аз он оғоз мешавад ва қоидаҳои Ислом бар он бино карда мешавад.

Ва шакке нест дар ин ки имон ибтидои дар ал-Ҳидоят[1] аст ва ғояти дар ниҳоят аст ва ба он фаҳму дирояти шоён аст ва саодати дунё ва охират аз имон аст.

Пас барои ҳар он чизе ки дар он ифода аст, барои ноил шудани некиҳо ва Ҷаннат сабаб аст.

Ин (ишора ба гузашта) ва албатта аҳли ҳақ иҷмоъ карданд бар ин ки назар[2] кардан дар маърифати Аллоҳ таъоло нахустин фарз аз рӯи ақл ва шариат бар шахси таклифшуда аст.

Аммо дуввум (далели шаръ):Пас фармудаи Ӯ ҷалла зикруҳу аст:

---

[1] Ин номи китобест аз они Ғазолӣ соҳиби китоби "ал-Эҳё". Дар ин китоб роҳи дигар китобҳояшро пеш гирифта аст, дар омехтани байни ҳадисҳои саҳеҳ ва дурӯғ. Ва ба рости ман, шукронаи Аллоҳ таъоло, дар баёни ин  дар рисолаи мустақил шурӯъ намудам. Ба зуди ба амри Аллоҳ таъоло нашр мегардад.

[2] Нахустин воҷиб бар мукаллаф назар кардан нест ва на қасди назар кардан ва на дар Аллоҳ шак кардан, балки  аввалин ва охирин воҷиб ва аввалин чизе ки инсон ба сабаби он дар Ислом дохил мешавад ва охирон чизе ки  ба он аз дунё хориҷ мешавад, ҳамон тавҳиди улуҳият аст, яъне:"Ло илоҳа иллаллоҳ" аст, ба ҳуқуқаш, ки намебошад, магар ба имон овардан ба он чизе ки ба он Муҳаммад саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам аз шариатҳои Ислом овардааст, мебошад.  Аммо аҳли калом, пас аввалин чиз, ё воҷиб дар назди онҳо ҳамон назар кардан, ё қасди назар кардан, ё шак кардан, сипас ба гумони онҳо ба яқин расидан аст. Аз Аллоҳ субҳонаҳу ва таъоло авф ва офиятро дар дунё ва охират мепурсем. Ва барои ин мавзӯъи хатарнок он чиро ки шайх Сулаймон ибни Абдуллоҳ дар Тайсир-ул-Азиз-ил-ҳ-Ҳамид дар саҳ:37-39 навистааст ва аввали Шарҳи Таҳовиро назар кун!

**"Бигӯ:Бингаред чи чиз (аз нишонаҳои ягонагияш) дар осмонҳо ва замин аст?!"**.[1]

**"Ва (низ) дар вуҷуди худатон, оё намебинед?"**.[2]

**"Пас ба осори раҳмати Аллоҳ бингар"**.[3]

**"Пас эй дидаварон ибрат гиред"**.[4] **"Эй соҳиби хирадон"**[5] ва монанди инҳо.

Ва дар фармудаи Ӯ ҷалла зикруҳу:**"Ҳароина офариниши осмонҳо ва замин бузургтар аз офариниши мардум аст, валекин бештари мардум намедонанд"**.[6]

Таҳқиқи мазаммат ба сабаби кутоҳияшон ва ғафлати зиёдашон аз оне, ки дар нишонаҳои ин ду аст, мебошад.

Дар ҳадиси савол додани Ҷибраил[7] ба Паёмбар саллаллоҳу алайҳи (ва олиҳи) ва саллам омадааст:Имон чист? Ислом чист? Ва эҳсон чист? Далели воҷиб будани маърифат аст. Ва дар охири ҳадис омада:**"Назди шумо омад, то ки шуморо динатонро таълим бидиҳад"**. (Ривояти Бухорӣ ва Муслим)[8].

Ва аммо аввал (яъне ақл) ва агарчи ба он воҷиб намегардонем, зеро шариат ҳоким аст на ақл, локин мо кашфи ақлро аз ҳусн ва қабеҳии шайъ (чиз) дар баъзе феълҳо ба мувофиқи он чизе ки аз он аз фоидаву зарар ошкор мешавад, инкор намекунем. Монанди ҳусни илм ва сидқ (ростӣ)

---

[1] Сураи Юнус, ояти:101. Дар ин оят ва оятҳое, ки меоянд, ягон ваҷҳе аз ваҷҳҳои шак, ё шубҳае, ки аҳли калом гумон мекунанд, вуҷуд надорад, балки ҳамаи ин оятҳо бар ягонагии Ӯ субҳонаҳу далолат мекунад. Ва аммо вуҷуди Ӯро, пас ба ростӣ кофирон иқрор доранд, пас ин иқрор онҳоро дар дини Ислом дохил накард! Пас қисмҳои тавҳиди сегона зарурӣ аст:Тавҳиди рубубият, тавҳиди улуҳият ва тавҳиди асмо ва сифот.

[2] Сураи Зориёт, ояти:21.

[3] Сураи Рум, ояти:50.

[4] Сураи Ҳашр, ояти:2.

[5] Оятҳо ба лафзи:"Эй соҳиби хирадон" хело бисёр аст.

[6] Сураи Ғофир, ояти:57.

[7] Дар нусхаи (Нун) насхкунанда ба гуфтанаш:"алайҳис салом" таълиқ кардааст. Ва мегӯям:Балки алайҳис салоту вас салом! Зеро қасди ин таълиққунанда, ҳамонгуна ки чандин бор гузашт, албатта таън задан дар муаллиф аст, барои инро фаромуш карданаш, мебошад!

[8] Ҳадиси саҳеҳ аст. Бухорӣ дар Саҳеҳаш (50, 4777) ва Муслим дар Саҳеҳаш (9) аз ҳадиси Абӯҳурайра разияллоҳу анҳу ривоят кардаанд.

ва қабеҳии ҷаҳл ва дурӯғ ва даъватгари ин зарурати он аст ва инкори монанди он баромадан аз ақлҳост. Пас он, яъне ақл, олат барои илм аст ба он чизе ки Аллоҳ таъоло аз тамйиз (ҷудо кардан) дар он вадиъат гузошта аст.

Ва имон дар зоти худаш ҳасан (нек) аст, ғайри ҳуснро эҳтимол надорад, пас қабули он аз рӯи ақл ва нақл (шаръ) воҷиб аст.

Ва аз инҷо қабули он аз кӯдак дар назди мо[1] мӯътабар ва саҳеҳ мебошад, барои вуҷуди ҳусни ҳақиқати он, зеро он (имон) тасдиқ ва иқрор[2] аст. Пас қабули он аз ӯ воҷиб мешавад ва агарчи адои он воҷиб намешавад, барои собит будани вуҷубияти он бар ӯ ба табаъият ва зимма (уҳда). Пас, агар онро адо кунад, аз рӯи фарзи дар ҳукм воқеъ шавад, барои сиҳҳати адои он, зеро манъи он ба ягон ваҷҳе аз ваҷҳҳо ҳаргиз шоиста намебошад.

Ва дар Қуръон омадааст:**"Ва Мо ба ӯ ҳукмро дар ҳоли кӯдакӣ додем"**[3], зеро муқтазои он, ин аст ки кӯдак ба сабаби он ҳидоятшуда бошад, зеро бе он амал нест, пас сабаби пирӯзӣ барои ҳар нафар мебошад.

Ва дуюм ин ки оқил дар тарки талаби имон маъзур دониста намешавад ва агарчи болиғ набошад, дар назди мо, ба эътибори умуми будани насҳои далолаткунанда бар воҷиб будани маърифати Ӯ таъоло ба аломатҳояш, ки дар нафсҳо ва дар офоқ[4] гузошта аст.

Ва албатта мо онро дар ғайри болиғ ҳатмӣ қарор намедиҳем, бо воҷиб будани он бар ӯ ва саҳеҳ шудани он аз ӯ, барои нарасидани муддатеро, ки шориъ онро таъйин намуда ва зеро ки ақл ба зоти худаш

---

[1] Ва дар назди ҳар шахсе, ки ақида ва манҳаҷи дурусту солим дорад, мебошад.

[2] Ва ба ҷавориҳ амал кардан аст. Ва инҷо нуқтаи хилоф байни ҳанафиҳо ва байни салаф, асҳоби ҳадис аз саҳобагон, тобеъин ва пайравони онон аст. Пас имон ба забон гуфтан, ба дил эътиқод кардан ва ба ҷавориҳ амал кардан аст. Ва таҳқиқи ин масъаларо дар он чизе ки шореҳи "Ақидаи Таҳовӣ" дар саҳифаи 380-398 зикр кардааст, назар кун! Пас ба ростӣ Аллоҳ ӯро раҳмат кунад дар дур кардани шубҳаҳои мурҷиа, ки мегӯянд:"Амалҳо дар имон дохил нест" хело хуб рад кардааст!! Ва бинобар ин, пас имони онҳо монанди имони Ҷибраил ва Микоил алайҳимас салоту вас салом аст, локин хилоф дар байни ҳанафия ва аҳли ҳадис фақат лафзӣ нест, пас огоҳ шав!

[3] Сураи Марям, ояти:12.

[4] Ва ба фитрати солиме, ки Аллоҳ мардумро бар он халқ кардааст, мебошад.

бе ироди шаръӣ воҷиб намегардонад ва далели таклиф аз ин ду (ақлу балоғат) мураккаб аст.

Ва ба рости ворид шуда, ки кӯдак бар оне ки дар фурӯъот омада, яъне аз намоз ва монанди он зада мешавад.

Ва дар ҳадис омада аст:**"Фарзандонатонро ба намоз дар ҳафтсолагӣ амр кунед ва онҳоро бар намоз дар даҳ солагӣ бизанед ва дар миёни онҳо дар ҷогахоб ҷудо намоед"[1]**. Ва ин нест, магар барои таваҷҷуҳи онҳо бар он ва агарчи аз ӯ талаб карда намешавад, пас чигуна аст ба он чизе ки он асоси он аст аз имон овардан ба он?!

Ва имон аслан эҳтимолии соқит шуданро надорад, пас нафйи он ҳалол намебошад ва қабули он ва ба он ҳукм кардан, воҷиб мешавад.

Ва ҷаҳл дар монанди ин мақом, дар назди олимони Ислом дар он узр нест.

Ва сеюм:Медонӣ, ки ақл дар инсон аз азизтарини неъматҳост ва аз атоҳои карам аст, зеро инсон ба мувофиқи қувваи дарккунанда аст.

Пас, албатта инсон ҳаргоҳ дар малакаҳои маҳмуда барои таҳсили илмҳои он зиёд шавад, файзҳои дарккунандаи ӯ зиёд мешавад, пас назарияҳои ӯ адлтар ва пазироиҳои ӯ пазиротар ва камолоти ӯ комилтар ва ба сӯи ҳақ ва хайр моилтар мешавад.

Ва оқилон иҷмоъ намуданд, ки охирин ғоят аз офаридани ин олам ва ҳикмати бузург аз хамир кардани лойи Одам[2] нест, магар маърифати

---

[1] Ҳадиси саҳеҳ аст. Онро Абӯдовуд (495,495) ва Аҳмад (2/187) ва Байҳақӣ (3/84, 7/94) ривоят кардаанд. Ва онро Ҳоким (1/201) бар шарти Муслим аз ҳадиси Сабра саҳеҳ гуфтааст ва ривояти дигаронро Албонӣ аз рӯи Амр ибни Шуъайб аз падараш аз бобояш ҳасан ҳукм кардааст, ҳамонгуна ки дар "Ирво-ул-ғалил 1/266-267" омадааст. Ва ривояти Ҳокимро фақат Албонӣ ҳасан гуфта, сипас гуфт, ки ҳадис ба маҷмӯи ин ду ҳадис, ё ду ривоят саҳеҳ аст.

[2] Дар ин мавзӯъ ҳадисе ривоят шуда, ки аз Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам ба таври саҳеҳ наомадааст. Онро Абӯмансури Дейламӣ дар "Муснад-ул-Фирдавс 1/229, 230-нусхаи хаттӣ" аз ҳадиси Ибни Масъуд ва Салмон ривоят кардааст, гуфтанд:Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам фармуд:"Албатта Аллоҳ таъоло лойи Одамро чиҳил шабонарӯз хамир кард, сипас ба дасташ онро гирифт, сипас инчунин кард. Онро ба дасташ қатъ кард, пас дар дасти росташ ҳамаи нафсҳои нек баромад ва дар дасти дигараш ҳамаи нафсҳои палид баромад, сипас ангуштонашро дар миёни ҳам андохт, то ки онҳоро омехта кард, пас инчунин зиндаро аз мурда ва мурдаро аз зинда ва мӯъминро аз кофир ва кофирро аз мӯъмин берун меорад". Ҳофизи Ироқӣ дар

офаридгори бузург ва ба ҷо овардани амрҳои офаридгори мубдӣ (бавуҷудоваранда) ва иодакунанда[1].

Пас, албатта Ӯ таъоло шаъни Ӯ азиз ва султони Ӯ бузург аст, нишонаҳои қудраташро дар саҳифаҳои кавнҳо нависта ва нишонаҳои иззаташро дар лавҳҳои аразҳо ва аъён гузошта исбот намуда ва ҳар заррае аз заррaҳои вуҷуд ва ҳар қатрае аз қатраҳои мавҷуд ва бар ҳар нуқтае, ки бар сунъҳои ибдоъ ҷорӣ шуда ва ҳар ҷузъе аз нуқта, ки ба бадеъҳои ихтироъ расм шудааст, бар ягонагии Ӯ ва иззати бузурги Ӯ далолаткунанда гардонд ва оина барои мушоҳадаи ҷамоли Ӯ ва сифоти камоли Ӯ, сухангӯянда ба ҳуҷҷатҳои боҳираи возеҳаи шуъуни Ӯ қарор дод ва оятҳои равшане, ки дар он шак нест, барои қавме ки мефаҳманд. Ва барои оқил хилофе нест дар ин ки барои ақл фарқ аст дар маърифати аҳком ва ҷудову тамйиз кардан, ҳамчуноне ки дар лаззат ва аламҳост, ҳатто ки мӯъҷиза баъди даъво кардан, шинохта намешавад, магар ба далелҳои ақлҳо ва аломати пайдоиши олам далолатноктар бар пайдоиш ба маъқул аст.

Пас, ҳаргоҳ барои ту маълум шуд, ки барои ақл дар маърифати рисолат дахл аст, эътироф барои он беҳтар аст дар маърифати Ӯ таборака ва таъоло ва ин ки он дар илми тавҳид нофеъ аст ва вуҷубият дар маърифати Аллоҳи яктои бузург ба он мебошад.

---

"Тахриҷи эҳёи улуми дин 4/269" мегӯяд:"Исноди хело заиф аст ва он ботил аст". Ва барои ин онро Ироқӣ Сувайдӣ дар "Мавзӯъоти эҳё дар рақами:(247) ба таҳқиқи ман, овардааст. Сипас донистам, ки аз гуфтаи Салмони Форсӣ разияллоҳу анҳу анҳу аст. Онро Байҳақӣ дар "Асмо ва сифот дар саҳифаи:414 ба исноди саҳеҳ ривоят кардааст, локин Байҳақӣ бар ин асар бар гуфтааш:"Ва маълум аст, ки Салмон монанди ин чизҳоро аз аҳли китоб гирифтааст, то ки Ислом овард" таъқиб кардааст. Ва Байҳақӣ пеш аз ин гуфта буд:"Ин асар мавқуф аст ва ғайри ин ду онро аз Сулаймони Таймӣ ривоят кардаанд:Пас гуфт аз Салмон бешак ривоят шудааст". Сипас Байҳақӣ зикр кард, ки он ба таври марфӯъ аз дигар ваҷҳи заиф ривоят шуда ва чизе нест. Алӣ Ризо мегӯяд:Дар исноди ривояти марфӯъ Абдуллоҳ ибни Муҳаммад ибни Абӯмарям аст ва ӯ ба ростӣ ба ботилҳо ҳадис гуфтааст, ҳамчуноне ки дар "Лисон-ул-мизон 3/395 омада ва шайхи ӯ Муфаззал ибни Муҳаммад, агар Заббӣ бошад, пас ӯ дар назди Абӯҳотим матрук аст ва агар ӯ набошад, пас ман ӯро намешиносам ва Аҳмад ибни Қосим ибни Райёнро Ибни Мокуло ва Дори Қутнӣ заиф гуфтаанд.

[1] Дар нусхаи (Коф):ал-Маҷид (бузург) аст.

Ва аввали чизе ки бар инсон воҷиб мешавад, маърифати Аллоҳи Раҳмон[1], таборака ва таъолост, ҳамчуноне ки Ӯ дар ягонагияш ва сифатҳои камол ва ҷалолаш аз аломатҳои нуқсон пок аст, чизеро дар зоташ шабоҳат надорад ва на дар сифатҳояш ва барои азамати Ӯ ва сифатҳои камоли Ӯ ҳад нест.

Ва асл дар ин, чанг задан ба Қуръон ва суннат аст ва аз ҳаво ва бидъат ҷонибгирӣ кардан, ҳамонгуна ки саҳоба, тобеъин, салафи солеҳ ва имомҳои бузург аз соҳибони мазҳабҳои беҳтарин[2], буданд.

Ва чаҳорум ин ки дар назди ҳар соҳиби хирад муқаррар шуда, ки Парвардигор таборак ва таъоло бандагонашро ба он чизе ки онҳоро таклиф намуда аст аз маърифати Ӯ таъоло ва амалҳояшон дар ҳолашон талабкунанда аст ва онҳоро бар он савоб медиҳад ва бар тарки он дар бозгашташон иқоб мекунад.

Ва ба насҳое, ки аз дараҷаҳои таъвил болост, ба заруриёти ақлҳо маълум гашт, ки онҳо ба вафои он чизе ба он таклифшудаанд, қудрат доранд ва ин ки онҳо бар андозаи тоқат ва тавон таклиф шудаанд. Ва албатта касе ки иҳота намояд ба куллиёти шариатҳо ва он чизе ки фармудаи Ӯ ҷалла зикруҳу дар бар мегирад ва расулон фиристода шуданд ва китобҳо нозил карда шуданд ва роҳҳо возеҳ карда шуданд, то ки барои мардум бар Аллоҳ ҳуҷҷате набошад, яқин донад ва ошкор намояд, ки Ӯ таъоло бандагонашро ба ҳақиқати амалҳое, ки фаръ мешаванд бар маърифате, ки он бошарафтарини фардҳои амалҳост ва бе маърифати Ӯ таъоло амал (қабул) нест, пас касе ин роҳро тавзеҳ

---

[1] Аввали чизе, ки бар инсон воҷиб мешавад ибодати Аллоҳ ба ягонагияш, Ӯро шарике нест, мебошад. Ва аммо маърифат дар фитрате, ки Аллоҳ мардумро ба он офаридааст, ҳосил аст.

[2] Ва аз зеботарин, комилтарин, донотарин ва устувортарин касе ки аз ҳамаи ин истифода бурдааст, ҳамон Шайхи Ислом Ибни Таймия раҳимаҳуллоҳу таъоло дар таълифот, рисолаҳо ва ҷавобҳояш мебошад. Ва инчунин шогирди ӯ ва истифобарандаи китобҳои ӯ аллома Ибни Қайими Ҷавзия раҳимаҳуллоҳу таъоло дар таълифоти боарзишаш мебошад. Ва дар ин асри мо шахсиятҳои бузурге омаданд, ки бар ин манҳаҷ сайр карданд, монанди шайх Абдулазиз ибни Боз ва пеш аз ӯ имомҳои даъвати тавҳид дар ин шаҳри муборак ва муҳаддис аллома Муҳаммад Носириддини Албонӣ ва дигарон аз офтобҳои ин даъвати муборак, Аллоҳ онҳо ва моро бар ин манҳаҷ, то бо Ӯ субҳонаҳу вохӯрем, собит нигаҳ бидорад.

намояд ва ба далел чанг бизанад, саодатро бо Ҷаннат ба зиёдатӣ[1] (дидани Аллоҳ дар Ҷаннат) ноил мешавад.

Панҷум:Бидон, ки дар ин фан гумон дохил намешавад ва Сайид Шариф дар "Шарҳ-ул-мавоқиф"[2] аз истеъмоли гумон дар мақоми яқин наҳй кардааст ва нависта аст, ки он хилофи он чизест, ки бар он қавм яъне олимони калом ҳастанд, балки худи гумон дар нафси худ таън мезанад, чӣ гӯй аз исбот кардани ғайраш, зеро дар он иқтидори пурра дар ақидаҳои Ислом нест ва он дар назди онон вазиъ (паст) аст, пас бар он бардошт кардан мувофиқ намеояд. Ва далел бар сидқи ӯ, фармудаи Ӯ ҷалла зикруҳу аст:**"Ҷуз аз гумон пайравӣ намекунанд ва яқинан гумон (инсонро) аз (шинохти) ҳақ бениёз намекунад"**.[3] Пас, албатта ҳақ иборат аз ҳақ будани ҳақиқати шайъ аст ва инро дарк карда намешавад, магар ба илме, ки ба он қатъ шудааст ва (занн) гумонро дар маорифи ҳақиқӣ шуморида намешавад. Ва албатта ба он амалиёт ва он чизе ки ба сӯи он мерасонад, ифода медиҳад.

---

[1] Ҳамчуноне ки дар фармудаи Ӯ таъолост:"Барои касоне ки некӣ карданд, подоши нек (Биҳишт) аст ва афзун бар он (дидани Аллоҳ таъолост)". Сураи Юнус, ояти:26. Ва ба ростӣ Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам ин зиёдаро ба назар кардан ба Чеҳраи Ӯ субҳонаҳу ва таъоло тафсир кардааст, ҳамчуноне ки ба ин ҳадиси саҳеҳ аз Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам аз чанд саҳоба омадааст. Ва ба ростӣ имомҳо ҳадиси саҳеҳи Суҳайб разияллоҳу анҳуро дар ин мавзӯъ ривоят кардаанд, ҳамонгуна ки он дар назди Муслим дар рақами (181) ва Аҳмад (4/332-333, 6/15-16) ва Тирмизӣ (2552, 3105) ва Ибни Моҷа (187) ва дигарон ривоят кардаанд. Ва ҳадисҳои дидани Аллоҳ мутавотир аст, балки Катонӣ аз рӯи пайравии ғайраш ҳадиси зиёдаро дар "Назми мутаносир саҳифаи:153, 155" овардааст.

[2] Он китоби "Шарҳ-ул-мавоқиф" дар илми калом аст, ки олимони салаф аз он ҳазар кунондаанд ва шоистаи муаллиф набуд, ки бар мисли ин китобҳое, ки дар илми калом ғарқ шудаанд, эътимод намояд, ки зарари он аз фоидааш бузургтар аст, ба далели ин ки дар он мабҳасҳое аст, ки афкори пасти ғайри мусалмонон аст, ки ба сӯи онҳо нақл шудааст. Ҳангоме ки аз фиқҳи Қуръон ва суннат ва манҳаҷи салафи солеҳ дар фаҳми ин ду рӯй гардонданд. Ва китоб аз они Иззиддин Абдурраҳмон ибни Аҳмади ал-Иҷӣ, қозӣ, ки соли 756 ҳиҷрӣ вафот кардааст, мебошад. Бисёри мардум онро шарҳ доданд, аз ҷумлаи онон Сайид Шариф Алӣ ибни Муҳаммади Гургонӣ, ки соли 816 ҳиҷрӣ вафот кардааст, мебошад. Кашфи зунун 2/1891-1984-ро назар кун!

[3] Сураи Наҷм, ояти:28.

Ва шашум:Албатта ҳар фанро ба аҳлаш супорида мешавад, пас онҳо аҳли иҷмоъи он фан ҳастанд ва онон роҳи мӯъминон дар пайравии он ҳастанд, зеро онон бар он аминанд ва онон ба он чизе ки назди он аст, донотаранд. Оё намебинӣ, ки илми қироат аз ҳафт нафар гирифта мешавад, на аз ғайри онон.[1]

Ва илми фиқҳ аз чор имом[2] гирифта мешавад ва ихтилофи онҳо дар он раҳмат аст ва бар ин иҷмоъи уммат воқеъ шудааст.

Тавзеҳи он:Албатта, ҳаргоҳ қориҳо дар миёнашон ихтилоф карданд, ононро зарар надорад, зеро ин мавзеъи қитоли фанни онҳост ва онҳо аҳли мавридҳо ва машҳадҳои он ҳастанд, ба хилофи ихтилофи ғайрашон зараррасон аст, барои қудрат надоштанашон дар дори онҳо. Ва қавл дар фақеҳон инчунин ва аз он бузургтар аст. Барои мисол овардан:Агар бихонӣ:" ملك يوم الدين"[3] беалиф ва бо алиф. Ва бихонӣ:"وقالوا اتخذ الله ولدا"[4] ба

---

[1] Ин ба эътибори ҳафт қории машҳур ҳақ аст ва ба эътиборе, ки онҷо се қории дигар аст, ки ба онҳо илми қироати даҳгона, ки мутавотир омадааст, пурра мешавад, саҳеҳ намебошад. Дар ин мавзӯъ таълиф карданд, монанди Ҳофиз ибни ал-Ҷазарӣ китоби машҳурашро "ан-Нашр фи-л-қирооти-л-ашр". Ҳамчуноне ки дигар олимон дар ин фан таълиф кардаанд, пас гӯё, ки муаллиф аз се қироати мутавотири дигар ғофил шуда аст.

[2] Мусалмонро маҳдуд кардан ба ин чор мазҳаб лозим намебошад, балки бар ӯ лозим аст, ки аз олимон бипурсад, агар намедонад, ҳамчуноне ки Аллоҳ таъоло мефармояд:**"Пас аз аҳли илм бипурсед, агар шумо намедонед"**. Ва ҳаргоҳ олим ӯро ба далел фатво дод, пас барои ӯ ҷоиз нест, ки дудила шавад, балки ба он чизе ки фатвояш дод, амал намояд ва агарчи мазҳабашро ё мазҳаби аҳли диёрашро хилоф намояд.....то охир. Ва ба ростӣ дар ин рӯзҳо навруидҳои баде омадаанд, ки ба сӯи тақлиди чор мазҳаб даъват менамоянд, ки бар ҳар мусалмон тақлиди чор мазҳаб воҷиб аст! Ва ин хилофи он чизест, ки моро Аллоҳ ва расулаш алайҳис салоту ва салом амр кардааст, балки хилофи гуфтаҳои чор имом аст, балки хилофи гуфтаҳои олимони муҳаққиқ мебошад! Ва рисолаи бародарамон Муҳаммад ибни Ҳодӣ ал-Мадхалӣ дар радди ҳамонанди ин ҷоҳилонро дар китобаш "ал-Иқноъ бимо ҷоа ъан аимматид даъвати минал ақволи фи-л-иттибоъ" назар кун!

[3] Молик ва Ҳамзаи Зайёт ва Абӯамр ибни Ало ва Ибни Касир ва Ибни Омир ва Язид ибни Қаъқоъ "مَلِكِ -Малик" хонданд ва Осим, Яъқуб, Халаф ал-Ошир ва Кисоӣ "مَالِكِ -Молик" хонданд.

[4] Ибни Омир:"قَالُوا" хонд ва боқии қориҳо:"وَقَالُوا"хонд ва он ояти 116-уми сураи Бақара аст. Ва "ал-Муяссар фи-л-қироот-ил-арбаъата ашара"-и Муҳаммад Фаҳд Хоруф саҳифаи (18)-ро муроҷиат кун!

ҳарфи вов ва бевов дар сураи Бақара ва бихонӣ:"تجرى من تحتها الأنهار"[1] ба зиёдати мин ва бе он дар сураи Бароат (Тавба)[2], ба ҷуз ин аз хилоф бо ҳамроҳи ин ки касе ин қироатҳоро манъ кунад, пас ба ростӣ иҷмоъро туҳмат задааст, барои истиноди ҳар якеи ин ду дар фаннаш ба асари илме ки бар ҳақиқати он иҷмоъ воқеъ шудааст. Бо вуҷуди ин ки иҷмоъ шудааст бар ин ки касе дар Қуръон зиёд кунад, ё кам кунад ва агарчи ҳарфе, ё ташдиде, зиндиқ ё девона шуморида мешавад.

Ва инчунин аст ҳукм бо имомҳои мазҳабҳо, зеро онҳо асланд, ба ҳар яки онҳо[3] эътимод мешавад ва сирати онҳо розикунанда ва ақидаҳои онҳо ҳамон ақидаҳои мустафоӣ аст.

Ва тариқати онҳо, пайравии Расул ва чанг задан ба манқул (нақлшуда) ва маъқул аст, зеро масдари бозгашти онҳо асли иттифоқшуда ва ақидаи таҳқиқшуда аст. Ва он масдар Китоби пайравишуда (Қуръон) ва ҳадиси Мустафо аст ва бар ҳамин ду аз ҷониби онҳо иҷмоъ воқеъ шудааст ва аз онон аст асоси онҳо дар иттибоъ (пайравӣ), пас онҳо дар дироят (фаҳму фиқҳ), ҳидоят ва иқтидо монанди ситорагонанд дар роҳнамоӣ[4].

Пас, ҳамаи умури онҳо розикунанда аст, барои таъсиси он бар усули муҳками мақбул аст ва фурӯъи онҳо бар он бино ёфта, пас онҳо барои мардум монанди нуранд дар иқтибос (истифода намудан) ва онҳо дар таъсиси ҳар миқёс асос ҳастанд.

Ва бар қиёси ин олимони калом аз имомони Ислом ҳастанд[5]. Пас албатта онон аз пайравони ин уммати киром ҳастанд ва ба рости дар

---

[1] Ба исботи "мин" танҳо Ибни Касир хонда аст ва бақия ба ҳазфи он хондаанд. "ал-Муяссар саҳ:203".

[2] Сураи Тавба, ояти рақами:100.

[3] Локин онҳо аз тақлидашон беилм ҳазар кунондаанд, пас гоҳо дар чизе иҷтиҳод мекунанд ва савоб дар ғайри он мебошад. Пас огоҳ шав! Ба хилофи даҳ қироат, ё он чизе ки дар он аст аз адо кардан, пас он ба таври мутавотир ҳамагӣ аз ҳамагӣ нақл шудааст.

[4] Дар ин ҳадиси мавзӯъ аст:"Саҳобагони ман монанди ситорагонанд ба кадоми онҳо иқтидо кунед, ҳидоят меёбед". Ва ба ростӣ аз ҳадиси Ҷобир, Ибни Аббос, Умар ибни Хаттоб, Ибни Умар ва Нубайт ибни Шарит Аллоҳ аз ҳамаи онон розӣ бод ба иснодҳои бофта ривоят шуда, арзиши як тангаро надорад. Пас "Силсилат-уз-заифа ва-л-мавзӯъа"-и Албонӣ ба рақами (58, 59, 60, 61, 62) муроҷиат кун!

[5] Дар рӯзе аз рӯзҳо олимони калом имомҳои Ислом набуданд, зеро ки он илми мазамматшуда аст, писандида нест, балки ҳофизон ва имомҳо дар мазаммат ва таҳзири аз он китобҳо таълиф карданд, монанди китоби "Замм-ул-калом"-и

тамҳиди мақсадҳои қоидаҳояшон барои мардум иноят (эҳтимом) намуданд ва лағжишҳои фаҳмҳоро ба далелу бурҳон дур карданд ва он чизе ки дар ваҳмҳо мегузарад ба баён намудан дур карданд ва аз маъракаҳои афкор он чизеро, ки дар он шуъун пӯшида мемонад, фарқ намуданд ва мадорики анзорро дар он чизе ки гумонҳо омехта мешаванд, ҷудо карданд ва ошкор карданд аз паси пардаҳо он чиро ки дар он асрори пурпечутоб буд аз хазинаҳои китоби макнун, он чиро, ки дилҳо ба он ором мегирад ва ба он чашмҳо қарор мегирад ба забти усули он имомҳо дар дин ва дар зинаҳои мақсадҳояшон ба яқин боло рафтанд ва фазлро ба он чизе ки дар он аст аз атрофи маъниҳои он ҳосил намуданд.

Ва ҳафтум:Ин ки дар ақидаҳо ҳосил кардани яқин зарурӣ аст, ба ҳайсияте ки ба сӯи он шубҳа ва шакҳо ва агарчи ба камтарин мартабаҳои назар, роҳ наёбад. Пас, албатта касе бидонад, ки Зоте ки осмонҳо ва заминро офарид ва шабро дар рӯз дохил кард, ҳамон Аллоҳи ягонаи бисёр пирӯзманд аст, дар яқин ва дар эътибораш басанда аст. Пас ин ҳамон ҳаққи маърифат аст, дар он чизе аз тақлид нест.

Ва аз Ҷаъфари Содиқ[1] ривоят аст:"Аллоҳ таъоло ба шикастани ҳиматҳо ва азиматҳо ва оҷизии нафс аз дур кардани воридоти хатоҳо шинохта шудааст".

---

Абӯисмоили ал-Ҳарвӣ, ки соли 481 ҳиҷрӣ вафот кардааст. Пас ба рости дар он хатари ин илмро хеле хуб баён кардааст, ки он айни ҷаҳл аст ва сахт зарар доштани он бар ақидаи исломии софи дурахшон, ки аз китоби Аллоҳ таъоло ва аз ҳадисҳои саҳеҳи Паёмбар алайҳис салоту вас салом гирифта шуда ва бар он чизе ки саҳобагон ризвонуллоҳи алайҳим дар фаҳми ин ду сарчашма буданд, мебошад. Ва инчунин китоби "Савн-ул-мантиқ ва-л-калом ъан феннилмантиқ ва-л-калом"-и Ҳофиз Сиютӣ, ки соли 911 ҳиҷрӣ вафот кардааст, назар карда шавад! Ва шакке нест, ки бузургтарин касе ки саҳми худро дар ин ҷониб гузоштааст, ҳамон Шайхи Ислом Ибни Таймия раҳимаҳуллоҳ дар ҳамаи китобҳояш ва хоссатан дар китоби "Даръ-ут-таоруз"-аш мебошад.

[1] Ӯ Ҷаъфар ибни Муҳаммад ибни Алӣ ибни Ҳусайн ибни Алӣ ибни Абӯтолиб, Аллоҳ аз ӯ ва аз падаронаш розӣ бод, мебошад. Соли 148 ҳиҷрӣ вафот карда, ӯ аз бузургони тобеъин буд, балки аз ӯ Шайхи Ислом Ибни Таймия дар "ал-Фатово" (ҷ/11, саҳ:581) гуфт:"Ӯ ва падару бобояш аз ҷумлаи имомҳо аз рӯи илму дин буданд". Ва гуфт:Бар ягон нафар монанде ки бар ӯ дурӯғ нисбат дода шудааст, дурӯғ нисбат дода нашудааст ва барои ин мақолаҳои ботили бисёр аз

Аъробӣ (бодиянишине)[1] гуфт:"Саргини уштур бар уштур ва асари қадам бар роҳравандае далолат мекунад, пас осмони дорои бурҷҳо ва замини дорои дараҳо, оё бар Аллоҳи латифи хабир (огоҳ) далолат намекунад?!".

Пас шахсе андеша кунад дар муҳтавои ин олам ва халқи он бар ин навъе, ки ақлҳоро дар ҳайрат оварда бо ҳамроҳи он чизе ки бар он манқул (ваҳй) далолат мекунад, ба муттасиф будани офаридгори он ба вуҷуби зотӣ ва ягонагии зотӣ ва мулки пурра ва қудрати бузург ва илми шомил ва ҳикмати расо ҳукм мекунад ва ин ки барои Ӯ сифатҳои камол аст, ки ба он амсол (монандҳо) иҳота надорад ва ин ки Ӯ аз сифатҳои нақс дар Зоташ ва сифатҳояш ва феълҳояш пок аст, **(Монанди Ӯ чизе нест ва Ӯ шунавои бино аст)**.[2]

Пас, ҳаргоҳ ин бароят осон шуд, ошкоро медонӣ ва яқин мекунӣ, ки дар ҳосил кардани ақидаҳои мусалмонон яқин зарурӣ аст. Ва чигуна не?! Ва амале бино намешавад, магар бар ин маъно. Ва маърифати Ӯ таъоло ҳамон аввалин воҷиб[3] аст бар бандагон ва он охирин ғоят аз офариниш аст, бинобар он чизе ки Аллоҳи ҳақ ба он гуфтааст, дар фармудаи Ӯ ҷалла зикруҳу:**"Ва Ман ҷинну инсро наофаридам, магар ки Маро бипарастанд"**.[4] Яъне:Маро бишиносанд, ҳамчуноне ки ба ин маъно тафсир[5] карда

---

суханони исмоилия, зиндиқҳо ва мубтадиъҳо ба сӯи ӯ нисбат дода шудааст. Ва инчунин "ал-Аълом ҷ/2, саҳ:121,-Т:3"-ро назар кун!

[1] Насхкунандаи нусхаи (Нун) бар қавли аъробӣ, ки муаллиф далел овардааст, ба гуфтааш таълиқ кардааст:"Оё ғайри инро наёфтӣ?". Мегӯям:Ба ростӣ ба ин асар Ғазолӣ дар "ал-Эҳё" ва ғайраш далел овардааст, пас эй суфӣ оё ӯро маломат мекунӣ?!.

[2] Сураи Шуро, ояти:11.

[3] Тавҳиди Аллоҳ таъоло ва ба Ӯ ширк наовардан ҳамон аввалини воҷибҳо бар бандагон аст, ҳамчуноне ки Аллоҳ таъоло мефармояд:"Яқинан Мо дар (миёни) ҳар уммате паёмбареро фиристодем, ки Аллоҳи якторо бипарастед ва аз тоғут иҷтиноб кунед", ояти 36-уми сураи Наҳл ва Аллоҳ таъоло фармуд:"Пас ҳар кас ба тоғут куфр варзад ва ба Аллоҳ имон орад, пас ба ростӣ ки ба дастгираи маҳкаме чанг задааст, ки онро гусастан нест ва Аллоҳ шунавои доност", ояти:256-уми сураи Бақара ва оятҳову ҳадисҳо дар мавзӯъ бисёр аст.

[4] Сураи Зориёт, ояти:56.

[5] Ин тафсир саҳеҳ нест, ҳамонгуна ки инро дар таҳқиқ карданам китоби "ар-Рад ала-л-қоилина бивахдат-ил-вуҷуд"-и аллома Алӣ ибни Султони Қорӣ, Аллоҳ

шудааст. Ва инро ҳадис возеҳ намудааст:"Ман канзи пӯшида будам, пас дӯст доштам, ки шинохта шавам, пас халқро офаридам, то шинохта шавам, пас ба Ман манро шинохтанд".[1] Яъне шиносондам онҳоро ба он чизе ки бурҳону ҳуҷҷатро дар нафсҳо ва офоқ қоим намудам, ки бар ягонагии малики бисёр офаринанда далолат мекунад.

Пас, албатта таҳаққуқ ёфтааст аз шариати равшан ба тасдиқ кардани оятҳои таквинӣ (офариниш) ва ба мувофақатии далелҳои ақлӣ ва самъӣ (ваҳй) ва бурҳонҳои шоҳидӣ аз он чизе ки дар мавқеъҳои маҳсури аз Қуръон воридшуда, ба ҳуҷҷатҳои қатъӣ таъйиншуда бар дурустии мазмуни он ва ҳақиқати махфии он далолат мекунад, ба ин ки мурод аз амалҳои бандагон ҳамон аст, зеро аз ҳикмати азим нест, (яъне) аз иодаи халқ ба барангехтани онҳо, магар ҷазои онҳо мувофиқи шоиста будани онҳо, ки ба амалҳои онҳо тааллуқ дорад. Амалҳое ки бар эътиқоди онҳо тартиб ёфта, тобеъи назарҳои онон аст, дар он чизе барои онҳо аз ҳуҷҷатҳову далелҳо ва аломатҳову гумонҳо гузошта аст. Пас касе дар маърифати худ баъди амалӣ шудани баён ва тафсилҳои Қуръон боварӣ ҳосил накунад, пас ба ростӣ фоидаро ба зиён ва ҳидоятро ба туғён (саркашӣ) табдил дода аст.

Ва ин тазмини бузург ва роҳи устувор ва роҳи рост, мавриди он ҳукм ва тамоми он неъматҳост, ҳамчуноне ки аз он фармудаи Ӯ ҷалла зикруҳу хабар медиҳад:**"Ҳароина ин Қуръон роҳ менамояд ба хислате ки дурусттар аст"**.[2]

---

таъоло ӯро раҳмат кунад, дар саҳифаи (68) баён кардам. Ва хулосааш ин ки он чизе ки дар ин мавзӯъ аз Ибни Аббос ривоят шудааст, саҳеҳ намебошад.

[1] Ҳадиси мавзӯъ (бофтаи) дурӯғ аст, асле надорад. Ва ба ростӣ инро дар "ар-Рад ала-л-қоилина биваҳдат-ил-вуҷуд, дар саҳ:20" баён намудам ва инчунин ҳукми Шайхи Ислом Ибни Таймияро дар "ал-Фатово, ҷ:18, саҳ:122-376 назар кун! Ва инчунин мувофақатии Заркашӣ ва Ибни Ҳаҷарро бар ин ҳукм ва мутобаатии ғайри ин ду аз ҳофизонро бар ин ҳукм назар кун! "ал-Мақосид-ул-ҳасана, (838)", "ат-Тазкирату фи-л-аҳодис-ил-муштаҳара, саҳ:136" ва "Танзиҳ-уш-шариъат, ҷ:1, саҳ:148" ва "ал-Ғаммоз ала-л-ламмоз, (207)" ва "Кашф-ул-хафо, (2016)" ва "ад-Дурар-ул-мунтасара, (328)" ва "ал-Асрор-ул-марфуъа, (353)" ва "Тамйиз-ут-тайиби мин-ал-хабис, (1028) ва "Мухтасар-ул-мақосид, (777)" ва "Асна-л-матолиб, (1110) ва "аш-Шазрату фил аҳодис-ил-муштаҳара, (717) ва "Силсилат-уз-заифа, (6023)".

[2] Сураи Исро, ояти:9.

Пас касе баъди ин фоидаҳо таваққуф кунад ва бо Аллоҳ авлиёро дар сахтиҳо шарик созад ва гӯяд:Барои онҳо дар коинот тасарруфҳост ва оятҳои равшане, ки гузашт аз далолатҳояшон сарф намояд, пас ҷавобӣ ӯ, ҳамчунон аст, ки Аллоҳ ҷалла зикруҳу фармудааст:**"Пас ҳар ки бо ту дар бораи Исо баъд аз он чи ба сӯи ту аз дониш омад, (бо ҳуҷҷатҳо) баҳсу муҷодала кунад, пас бигӯ:Биёед, то бихонем фарзандони худро ва фарзандони шуморо ва занони худро ва занони шуморо ва зотҳои худро ва зотҳои шуморо пас мубоҳала (ҳама ба зорӣ дуо) кунем, пас лаънати Аллоҳро бар дурӯғгӯён қарор диҳем"**.[1]

Ба зиндагиям савганд[2], нест он **"магар монанди касе ки ду дасти худро ба сӯи об бикушояд, то ба даҳанаш бирасад"**, ё монанди касе ки ба нардбон (зинапоя) ба сӯи осмон боло рафтанист!!

Пас, оё барои оқил дар шаҳодати Аллоҳ низоъ аст, аз ин ки Ӯ ба ягонагияш беҳила тасарруфкунанда аст, ҳатто ки ба монанди ин ҷароҳат-ҳо муқобила карда мешавад?!

Ва оё ягон нафаре қавли роҷеҳро бар заиф тарҷеҳ медиҳад?!

Нест ин магар чизи тааҷҷубовар, шунида намешавад, магар аз касе ки дар наздаш шак, ё изтироб (дудила) аст. Пас оё шуморо далолат кунам ба тиҷорате ки шуморо наҷот медиҳад? Шаҳодати Аллоҳро ба он чизе ки ба шумо дахл надорад, муқобила накунед. Аллоҳ таъоло моро аз зиштии ин пок созад ва аз тасаввуроти дурӯғин, ки дар он ҳалокат, хавфу хатар аст, паноҳ диҳад.

Ва ба ростӣ дар монанди ин мақсад дар рисолаамон, ки "Сайф-ул-маслул ало ман казаба ала-л-аиммати ва-р-расул"[3] номида шудааст, васеъ сухан намудаем.

---

[1] Сураи Оли Имрон, ояти:61.

[2] Олимон дар ин масъала ихтилоф доранд, оё он ба ин лафз қасам аст, ё не? Ва бар раъйе, ки муҳаққиқон аз ҳамонанди аллома Ҳамоди Ансорӣ-раҳимаҳуллоҳу таъоло- дар рисолааш:"ал-Қавл-ул-мубин фи анна лаъамри лайсат нассан фи-л-ямин" он аз ҷумлаи чизҳоест, ки бар забон ҷорӣ асту қасам намебошад ва ба сӯи ин муаллифи "ал-Маноҳӣ ал-лафзия" (дар саҳ:471) майл карда гуфтааст:"Магар ки иродаи қасм намояд, пас манъ карда мешавад ва ҳамин беягон шак дуруст аст.

[3] Ва то ҳол бар ин рисола даст наёфтам ва аз Аллоҳ таъоло мепурсам, ки ба қариби ин рисоларо (бароям) муяссар гардонад.

Пас, ҳаргоҳ барои ту ин муяссару осон шуд, пас бидон, ки имон ба ҳар ҳол матлуб аст ва тақво ва наҷот дар ҳоли ҳозир ва бозгашт ба он аст. Оё намебинӣ фармудаи Ӯ ҷалла зикруҳуро:**"Алиф, лом, мим, ин китобест, ки ҳеҷ шакке дар он нест, сабаби ҳидояти парҳезкорон аст. Он касоне ки ба ғайб имон меоранд ва намозро барпо медоранд"**.[1]

Ва Аллоҳ шоҳидӣ дод, ки онҳо бар ҳидоятанд ва барои онҳо наҷот аст. Ва имон аз амн аст, зеро он тасдиққунандаро дар амн қарор медиҳад, калимаи имон ба ҳарфи "бо" ва "лом" мутааддӣ мешавад, монанди: "Оманту биллоҳ[2]", (Ба Аллоҳ имон овардам), "Ва мо анта бимӯъминил лано", (Ва ту моро бовар нахоҳӣ кард).[3] Ва дар тасдиқи қалбӣ истеъмол шуда, зеро бар он боваркунанда соҳиби амн мегардад, ба сабаби он мутмаин (ором) аст.

Ва дар шариат:Имон иқрори ҷозим аст ба он чизе ки заруратан даниста шуда, ки он аз дини паёмбарамон Муҳаммад саллаллоҳу алайҳи (ва олиҳи) ва саллам аст, монанди тавҳид, нубувват, барангехтан, ҷазову ҳисоб ва монанди он. Ва оё он дар ин басанда аст, ё изофаи иқрор ба сӯи он барои касе ки қудрат дорад, зарурӣ аст?

Ва аввал раъйи Ашъарӣ[4] ва касе ки ӯро пайравӣ карда аст, мебошад, пас албатта иқрор дар назди ӯ: Маншаъ барои иҷрои аҳком аст.

---

[1] Сураи Бақара, ояти:1-3.

[2] Ин ҷузъе аз ҳадиси саҳеҳ аст, онро Муслим дар рақами (38) ва Аҳмад дар "ал-Муснад" (3/413, 4/385) ва Бағавӣ дар "Шарҳи суннат" (16) аз ҳадиси Суфён ибни Абдуллоҳи Сақафӣ разияллоҳу анҳу ривоят кардаанд. Гуфт:Гуфтам эй Расулуллоҳ, барои ман дар Ислом сухане бигӯ, ки баъд аз Ту аз касе онро напурсам?! Фармуд:Бигӯ:"Ба Аллоҳ имон овардам, сипас мустақим шав".

[3] Сураи Юсуф, ояти:17.

[4] Он Абӯлҳасан Алӣ ибни Исмоил ибни Абӯбишри Ашъарӣ, Ямонӣ, Басрӣ аст, соли 260 ҳиҷрӣ таваллуд шудааст. Мӯътазилӣ буд, сипас аз ин мазҳаб тавба кард ва бар онҳо рад намуд ва дар охири ҳаёташ китоби "ал-Ибона"-ро таълиф кард, дар он аз таъвили сифатҳо (мазҳаби мутакаллимин ва ғайрашон) бозгашт ва ба қоидаи салаф дар сифатҳои Аллоҳ сухан намуд, ҳамонгуна ки Заҳабӣ дар тарҷумаи ӯ дар "Сияри аъломи нубало (15/86)" гуфт. Соли 330 ҳиҷрӣ Аллоҳ таъоло ӯро раҳмат кунад, вафот кард. Ва Аллоҳ донотар аст.

Ва дар гумони муаллиф, ки имон дар луғат тасдиқ аст, назар мебошад. Пас албатта мутародиф будани байни имон ва тасдиқ мутлақан манъ аст, ҳамчуноне ки инро шореҳи "Ақидаи Таҳовӣ" дар (саҳ:380) баён кардааст ва аз ҷумла гуфт: Ва Аллоҳ таъоло фармуд:"Ба Аллоҳ имон дорад ва мӯъминонро тасдиқ

Ва дуввум мазҳаби Абӯҳанифа ва касе ки аз фақеҳон ва ғайри онон ӯро пайравӣ кардааст, мебошад. Ва он ҳаққест, ки аз он ҷои гурез нест[1] ва имон пурра намешавад, магар ба он. Пас албатта ӯ тасдиқу иқрорро барои он ду ҷузъ қарор додааст, ҷуз ин ки иқрор рукнест, ки ба сабаби узр эҳтимоли соқит шуданро дорад, ҳамчуноне ки дар ҳоли икроҳ (маҷбурӣ) ва дарк кардани марг.

Ва амал шарти камоли имон аст, на нисфи он[2]. Пас маҷмӯи он се чиз аст:

1-Эътиқоди ҳақ.

2-Ва ба он иқрор доштан.

3-Ва ба муҷиби он дар назди ҷумҳури муҳаддисон ва фақеҳон ва мӯътазила ва хавориҷ амал кардан аст.

Пас, касе ки танҳо дар эътиқод халал орад, пас ӯ мунофиқ аст ва касе дар иқрор халал орад, пас ӯ кофир аст ва касе ки дар амал халал орад, пас ӯ ба иттифоқ фосиқ аст ва дар назди хавориҷ кофир ва аз доираи имон хориҷ аст. Дар назди мӯътазила дар куфр дохил нест.

Ва фоидатарин баёне, ки дар ин мавзӯъ омадааст ҳадиси саволи Ҷибраил барои Паёмбар саллаллоҳу алайҳи (ва олиҳи) ва саллам, ки дар китобҳои шашгона[3] ривоят шуда аст, ҳатто ки гуфтанд:Албатта он умм-ус-

---

мекунад". (Сураи Тавба, ояти:61). Пас дар байни мутаъадӣ ба "бо" ва мутаъадӣ ба "лом" фарқ гузошта аст, пас аввалро барои хабардодашуда гуфта мешавад ва дуюмро барои хабардиҳанда. Сипас Аллоҳ таъоло ӯро раҳмат кунад, баён намудааст, ки куфр хос ба таксиб (дурӯғ шуморидан) нест, балки куфр ба бад дидан ва душманӣ ва мухолифат кардан бо дурӯғ нашуморидан мебошад. Ва инчунин имон ба тасдиқ ва мувофиқат ва муволот ва итоат кардан аст ва танҳо тасдиқ кофӣ намебошад. Пас ин мавзӯъро дар онҷо назар кун, пас хело муҳим аст. (саҳ:381-384).

[1] Балки ҳақ ҳамон мазҳаби салаф раҳимаҳуллоҳу таъоло аст, ки имон ба забон гуфтан ва ба дил эътиқод кардан ва ба ҷавориҳ амал кардан аст. Пас амал ҷузъе аз имон аст, ба зиёд шудани он зиёд мешавад ва ба кам шудани он кам мешавад. Ва "Шарҳи Таҳовӣ, саҳ:384-394"-ро муроҷиат кун!

[2] Қавли дуруст ин аст, ки амал ҷузъе аз он аст, ҳамонгуна ки гузашт.

[3] Пас ба таҳқиқ Бухорӣ дар Саҳеҳаш (50, 4777) ва Муслим дар Саҳеҳаш (9) ва Тирмизӣ дар Сунанаш (2610) ва Ибни Моҷа (64) ва Насоӣ дар Сунанаш (8/101-102). Пас Бухорӣ ва Муслим аз Абӯҳурайра разияллоҳу анҳу ривоят кардаанд ва инчунин Ибни Моҷа ривоят кардааст. Аммо ривояти Насоӣ аз Абӯҳурайра ва Абӯзар разияллоҳу анҳумо аст ва аммо ривояти Тирмизӣ аз Умар ибни Хаттоб

суннат (модару асоси суннат) аст. Ва албатта илмҳои шариат аз он шоха-шоха мешавад ва он маншаъи ҳамаи хайр аст, аз рӯи илм ва амал, барои он чизе ки дар он аст аз баёни ақдҳои имон аз рӯи ибтидо ва ҳол ва бозгашт. Пас дар ҳадиси имом Умар ибни Хаттоб разияллоҳу (таъоло)[1] анҳу, дар (Саҳеҳи) Муслим[2] ва ғайри ӯ[3] ривоят шудааст, ки ӯ гуфт:"Вақте мо дар назди Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи (ва олиҳи) ва саллам будем, ногоҳ бар мо марде зоҳир шуд, ки ҷомаҳои бисёр сафед ва мӯйҳои бисёр сиёҳ дошт ва бар вай ҳеҷ осори сафарро намедидем. Ва ҳеҷ кас аз мо ӯро намешинохт, пас рӯй оварда, то ки дар пеши Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи (ва олиҳи) ва саллам нишаст ва зонуяшро ба зонуҳои ӯ расонд, пас гуфт:Эй Муҳаммад! Маро аз Ислом хабар деҳ? Пас Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи (ва олиҳи) ва саллам фармуд:"Ислом ин аст, ки гувоҳӣ диҳӣ, ки ҳеҷ маъбуди бар ҳаққе ҷуз Аллоҳ нест ва ба таҳқиқ Муҳаммад фиристодаи Ӯст ва намозро барпо дорӣ ва закот бидиҳӣ ва рӯзаи моҳи Рамазонро дорӣ ва қасди хонаи Каъба кунӣ, агар тавони рафтани онро ёфтӣ. Он мард гуфт:Рост гуфтӣ, пас мо тааҷҷуб кардем, ки аз Паёмбар

---

разияллоҳу анҳу аст. Ва Муслим ва Насоӣ (8/97-101) ва Ибни Моҷа (63) аз Умар разияллоҳу анҳу низ ривоят кардаанд. Ва он дар "Сунани Кубро"-и Насоӣ (6/528) аз ҳадиси Умар ва инчунин (6/528-529) аз ҳадиси Абӯҳурайра ва Абӯзар разияллоҳу анҳум омадааст. ТАНБЕҲ:Қариб буд, ки муаллифро барои нисбат доданаш ин ҳадисро ба китобҳои шашгона мегуфтам хато кардааст, зеро дар ибтидо намедонистам, ки дар "Сунани Абӯдовуд" омадааст, хоссатан муҳаддиси Албониро низ дар "Ирво-ул-ғалил рақами:(3) ин фавт шудааст ва соҳиби "ат-Такмил бимо фота тахриҷуҳу мин Ирво-ил-ғалил" фавт шудааст. Сипас Аллоҳро бар тавфиқ доданаш бисёр сипос намудам, пас дар "Сунани Абӯдовуд (4695) аз ҳадиси Умар ибни Хаттоб разияллоҳу анҳу ёфтам ва ин натиҷае аз натиҷаҳои баҳсу пайравӣ бетақлид аст, пас ҳамду сипоси бисёр барои Аллоҳ аст.

[1] Зиёдати аз нусхаи (Нун) аст.

[2] Саҳеҳи Муслим (8).

[3] Гузашт, ки ин дар Тирмизӣ (2610) ва Насоӣ (ҷ/8, саҳ:97-101) ва Ибни Моҷа (63) аст. Ва инчунин Ибни Манда дар "Имон (1-185, 186)" ва Аҳмад (1/52-53-107) ва Таёлисӣ дар "Муснадаш (ҷ/1 саҳ:5) ва тартиби он (ҷ/1, саҳ:21)" ва Ибни Абӯшайба дар "Мусаннаф (11/44-45) рақами (10478) ва Ибни Хузайма дар Саҳеҳ-аш, ҳадиси аввал ба таври мухтасар, ва Ибни Ҳиббон дар Саҳеҳаш (1/389-391-397-399) ва Байҳақӣ дар "Шуъаб-ил-имон (19)" ва Абдуллоҳ ибни Аҳмад дар "Суннат 901-903-908" ва Байҳақӣ низ дар "ал-Кубро 10/203" ва Дори Қутнӣ дар "Сунан 2/282-283" ривоят аст.

саллаллоҳу алайҳи ва саллам савол мекунад ва Ӯро тасдиқ мекунад. Сипас гуфт:Маро аз имон хабар деҳ!? (Пас имон чист?). Фармуд:Ба Аллоҳи ягона ва малоикаҳои Ӯ ва китобҳои Ӯ ва расулони Ӯ ва ба барангехтани пас аз марг ва ба Ҷаннату Дӯзах ва ба тақдири некӯ бадаш имон биёрӣ. Пас гуфт:Рост гуфтӣ. Сипас гуфт:Пас эҳсон чист? Фармуд: "Ин ки Аллоҳро ибодат кунӣ, чунон ки Ӯро мебинӣ, пас агар ту Ӯро набинӣ, бешак Ӯ туро мебинад". Гуфт:Рост гуфтӣ. Сипас гуфт:Маро аз қиёмат хабар деҳ? Пас фармуд:Дар мавзӯи он пурсидашуда донотар аз пурсанда нест! Гуфт:Рост гуфтӣ. Гуфт:Пас маро аз нишонаҳои он хабар бидеҳ? Фармуд:Ин ки каниззан оқои худро бизояд ва ин ки пойлучон, бараҳнатанон, чаронандагони гусфандонро бубинӣ, ки дар биноҳо ва иморатҳо бар якдигар сабқат ва такаббурӣ кунанд. (Ровӣ) гуфт:Пас он мард рафт, пас баъди се рӯз[1] Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуд:Эй Умар, оё медонӣ, ки ин мард кӣ буд?! Гуфтам:Аллоҳ ва расулаш донотар аст! Фармуд:Ӯ Ҷиброил (алайҳис салом) буд, назди шумо омад, шуморо амри динатонро таълим диҳад".

Пас ба иттифоқи олимон ин ҳадиси азим аст, аз он дида азимтар нест. Пас маърифати он, ҳамон пирӯзӣ ба ҳамаи саодатҳост ва маънои он барои ҳар яки уммат лозим аст, барои дохил шудани имон ба амалҳояш дар он.

Ва Ислом аз (калимаи) таслим аст ва он итоат кардани амрҳо ва ба ҷо овардани он аз рӯи итоат кардан ва мутаҳаққиқ (амалӣ) намешавад, магар ба қабули аҳком ва барои онон сар фурӯ овардан аст ва ин ҳақиқати тасдиқ аст.

Ва дар Қуръон омадааст:**"Пас касоне аз мӯъминонро ки дар он (шаҳрҳои қавми Лут) буданд (пеш аз нузули азоб) берун овардем. Ва ҷуз як хона аз мусалмонон дар он (шаҳрҳо) наёфтем"**.[2]

---

[1] Ин ривояти Ибни Ҳиббон аст ба тозагӣ дар рақами (168) аз "Саҳеҳи Ибни Ҳиббон". Ва Ҳофиз мегӯяд:"Дар ривояти Абӯувона:Пас чан шабе истодем, пас Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам пас аз се рӯз бо ман вохӯрд" ва дар ривояти Ибни Ҳиббон:"баъди сеюм" ва дар ривояти Ибни Манда:"баъди се рӯз". Сипас Ҳофиз аз рӯи нақл кардан аз Нававӣ баён намуд ҷамъи байни ривояте ки соилро дар ҳол хабар дод ва байни ривояти се рӯз, ба ин ки Умар разияллоҳу анҳу бо ҳозирон набуд, сипас Паёмбар алайҳис салоту ва салом баъд аз ин ӯро хабар дод.

[2] Сураи Зориёт, ояти:35-36.

Пас имон аз Ислом ҳукман ҷудо намешавад, пас он ду дар тасдиқ муттаҳиданд ва агарчи ба мувофиқи мафҳум тағйир доранд. Пас имон ҳамон таслими ботинӣ (қалбӣ) аст ва Ислом ҳамон таслими зоҳирӣ аст. Ва ҳар яки он дар дин муътабар аст.

Ва дар ҳадис омадааст:**"Мазаи имонро чашид касе ки ба Аллоҳ аз рӯи Парвардигорӣ ва ба Ислом аз рӯи дин розӣ шуд"**[1].

Ва зикри шаҳодат гузашт, зеро он дар бинои Ислом асос аст ва мадори боқии амалҳо бар он мебошад. Ва аз инҷо рукни имон аст, зеро имон ба он мутаҳаққиқ мегардад.

Ва албатта намоз ва баъди онро хос зикр кард, зеро онҳо асосҳои амалҳои баданӣ ва молӣ аст, ки соири ибодатҳоро талаби табаъият (пайравӣ) мекунад, ғолибан ба сӯи дӯрӣ ҷустан аз маъсиятҳо мехонад. Оё намебинӣ фармудаи Ӯ ҷалла зикруҳуро:**"Албатта намоз (инсонро) аз зиштиҳо ва мункар боз медорад"**.[2]

Ва дар ҳадис омадааст:**"Намоз сутуни дин аст ва закот қантараи (кӯпруки) Ислом аст"**[3].

---

[1] Ҳадиси саҳеҳ аст. Муслим дар Саҳеҳаш (34) ва Тирмизӣ дар Сунанаш (2623) ва Аҳмад дар Муснад (1/208) ва Бағавӣ дар Шарҳи суннат (25) ва Ибни Ҳиббон дар Саҳеҳаш (1694) ва Байҳақӣ дар Шуъаб (198-199) ва Ибни Манда дар Имон (114-115) ривоят кардаанд.

[2] Сураи Анкабут, ояти:45.

[3] Ҳадиси:"Намоз сутуни дин аст". Байҳақӣ дар Шуъаб-ул-имон (3/39) рақами (2807) аз ҳадиси Умар ривоят кард, ки ӯ гуфт:"Марде омада гуфт:Эй Расулуллоҳ кадом амал дар назди Аллоҳ, дар Ислом маҳбубтар аст? Фармуд:"Намозро дар вақташ хондан ва касе ки намозро тарк кунад, пас ӯ дин надорад ва намоз сутуни дин аст". Сипас Байҳақӣ қавли Ҳокимро нақл кард:Икрима аз Умар нашунидааст ва гумон мекунам, ки муродаш аз Ибни Умар нашунидааст мебошад. Ва Зайлаъӣ дар Тахриҷи аҳодиси Кашшоф (1/42) ба ин майл кардааст, ки ин Икрима мавлои Ибни Аббос нест, балки ӯ Икрима ибни Холид ибни Саъид ибни Ос аст. Сипас аз Абӯзуръа нақл намуд, ки ҳадиси ӯ аз Усмон мурсал аст, чӣ гӯӣ аз Умар.

Сипас Зайлаъӣ барои ҳадис шоҳиде аз назди Исфаҳонӣ дар "Тарғибу ва-т-тарҳиб" аз ҳадиси Алӣ ибни Абӯтолиб разияллоҳу анҳу ба таври марфӯъ зикр намуд:"Намоз сутуни Ислом аст ва ҷиҳод қулаи баланди амал аст". Сипас гуфт:Ва Ҳорис хело заиф аст. Ва Ман мегӯям:Балки муттаҳам ба дурӯғгӯӣ аст, ҳамчуноне ки дар "ал-Мизон" (1/435-437) омадааст. Сипас дар назди Дейламӣ дар "Муснад-ул-Фирдавс" нусхаи хаттӣ (ҷ-2/варақи 128/А) аз ҳамин ваҷҳ ёфтам ва дар охираш афзудааст:"Ва закот дар миёни ин аст". Ва инро Забидӣ ба

Ва зеро ки ибодатҳо ё баданӣ аст, ё молӣ, ё мураккаб аст. Пас намозу рӯза ба мувофиқи зоҳир ва ботин баданӣ ҳастанд. Ва закот ибодати молӣ аст ва ҳаҷ аз ин ду (баданӣ ва молӣ) мураккаб аст.

**Ва маънои ба Аллоҳ**, ба ягонагияш имон овардан: Яъне ба вуҷуди Ӯ таъоло тасдиқ намоӣ ва ин ки Ӯ ба зоти яктояш воҷибалвуҷуд аст[1], бар Ӯ адам (нестӣ) ҷоиз намебошад ва ин ки ҳамаи чиз ба Ӯ ниёзманд ҳастанд, қобили фонӣ ҳастанд. Ва Ӯ қадим[2], боқӣ[1], офаридгори ҳамаи махлуқот

---

Абӯнуъайм Фазл ибни Дукайн шайхи Бухорӣ дар "Китоби салот" нисбат дода аст, аз Ҳабиб ибни Сулайм аз Билол ибни Яҳё ривоят аст, ки гуфт:"Марде ба назди Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам омада Ӯро аз намоз пурсид, пас фармуд:"Намоз сутуни дин аст". Ва ин ривоят мурсал омада ва мардонаш мӯътабаранд. Инчунин Забидӣ дар "ал-Иттиҳоф ҷ/8, саҳ:393" гуфтааст.

Алӣ Ризо мегӯяд:Ба хотири ин роҳҳо танҳо бар он дар таҳқиқам Муснади Алӣ разияллоҳу анҳуро (1/405) рақами:2447-2448 ба заиф будан ҳукм кардам. Ва шояд барои ин танҳо ба заиф будан фазилати муҳаддис Албонӣ дар "аз-Заифа (3805)" ва "Заиф-ул-ҷомеъ-ис-сағир" (3565-3567) ҳукм кардааст.

Ва фармудаи Ӯ:"Закот қантараи Ислом аст". Табаронӣ дар "ал-Кабир" ривоят кардааст ҳамонгуна ки дар "Маҷма-уз-завоид" (3/62) ва дар "ал-Авсат"-"Маҷма-ул-Баҳрайн" (3/9) рақами (1337) аз ҳадиси Абӯдардо разияллоҳу анҳу ба таври марфӯъ омадааст. Ва Ҳайсамӣ гуфт:"Ва мардонаш муътамаданд ба ҷуз Бақия, ки мудаллис аст ва ӯ мӯътамад аст"!

Алӣ Ризо мегӯяд:"Фоидаи ӯ мӯътамад аст, чист" ҳаргоҳ ба ан-ана ривоят кунад, пас Ҳасани Басрӣ аз ӯ дида мӯътамадтар аст ва муҳаққиқон ан-ани ӯро қабул намекунанд! Ва ба таҳқиқ муҳаққиқи "ал-Авсат" гумон кардааст, ки Заҳҳок ибни Ҳумра, ки дар иснодаш аст, фақат заиф аст ва дурусташ ин аст, ки хело заиф аст, зеро ӯ ҳадисаш мункар аст, мӯътабар нест. Ва "ал-Мизон" (2/322-323)-ро назар кун! Сипас бар он дар "ал-Комил" (4/1417)-и Ибни Адӣ иттилоъ ёфтам, локин ба зиёдатии (Абон) дар байни Заҳҳок ва байни Ҳиттони ар-Рақошӣ. Ва ба ҳар ҳол ин зиёдатӣ мункар аст.

[1] Ин аз лафзҳо, ё ибораҳои аҳли калом аст ва Аллоҳ субҳонаҳу ва таъоло васф карда намешавад, магар ба чизе ки Ӯ худашро васф карда, ё ба он чиз Расулаш алайҳис салоту вас салом Ӯро васф кардааст.

[2] ал-Қадим аз номҳои Ӯ таъоло нест ва албатта инро мутакаллимон дар номҳои Ӯ дохил кардаанд. Ва ба ростӣ бисёре аз салафу халаф инро бар мутакаллимон инкор карданд, аз ҷумлаи онон Ибни Ҳазм мебошад. Ва номи Ӯ "ал-Аввал" аз қадим накӯтар аст, пас барои Ӯ номҳои накӯтар аст на нек! Ва ин мавзӯи муҳимро дар таълиқи геронбаҳо аз "Шарҳи ақидаи Таҳовӣ" саҳ:114-115-и Ибни Абилиз раҳимаҳуллоҳро назар кун!

дар он ба он чизе ки мехоҳад, тасарруфкунанда дар мулкаш он чиро мехоҳад, мекунад. Барои Ӯ шарик ва монанд нест, ҷисм, ҷавҳар ва араз[2] нест ва ин ки Ӯ ба сифатҳои камол аз илм, қудрат, ирода, калом (сухан кардан), шунидан, дидан, ҳаёт ва таквин (офариниш) мавсуф аст. Ва ин ки Ӯ аз сифатҳои нақс, монанди зидҳои ин сифатҳо аз надонистани чизе, ё оҷизӣ, ё сукут, ё карӣ, ё курӣ, ё марг поку муназзаҳ аст ва аз ин ки дар мулки Ӯ он чизеро ки намехоҳад воқеъ шавад, Ӯ аз ин хело бартару олӣ аст. Пас Зоти Ӯ зотҳоро шабоҳат надорад ва сифатҳои Ӯ сифатҳоро шабоҳат надорад:**"Монанди Ӯ чизе нест ва Ӯ шунавои бино аст"**.[3]

**Ва имон овардан ба малоикаҳо**: Ин ки ба вуҷуди онҳо тасдиқ дошта бошӣ ва ин ки онҳо ҷисмҳои нуронии латифу қодир ба шаклҳои гуногун ҳастанд, мард ва зан намебошанд, соҳиби (қанотҳои дуто-дуто ва сето-сето ва чорто-чорто)[4] ҳастанд.

Ва дар ҳадис омадааст, ки "Ӯ саллаллоҳу алайҳи (ва олиҳи) ва саллам дар шаби Исро Ӯро бурда шуд, Ҷибраилро дид ва Ӯ шашсад бол дошт"[5].

---

[1] Дар ҳадиси Тирмизӣ ривоят шуда заиф аст ва саҳеҳ номи ал-Охир аст, пас огоҳ шав!

[2] Нафйи ба таври тафсиле, ки мутакаллимон бар сифатҳои Аллоҳ таъоло нисбат медиҳанд, аз ақидаи аҳли суннат ва ҷамоат, салафи солеҳ нест, ин ба хотири он аст ки сифатҳои Аллоҳ таъоло, ки дар китобаш омада, ё дар ҳадиси саҳеҳи Паёмбараш Муҳаммад алайҳис салоту вас салом омада, ё ки сифатҳои муфассал аст ва ё нафйи муҷмал ба акси тариқаи аҳли каломи мазамматшуда, пас албатта онҳо ба нафйи муфассал ва исботи муҷмал меоянд. Пас мегӯянд:Ҷисм, пайкар, ҷасад, сурат, гушт ва хун.....нест. Пас ин нафйи холӣ бо вуҷуде ки дар он мадҳ нест, пас дар он адаби бад аст.

[3] Сураи Шуро, ояти:11.

[4] Сураи Фотир, ояти рақами:1, "Ҳамд (ва ситоиш) махсуси Худованд аст, офаринандаи осмонҳо ва замин, (касе) ки фариштагонро расулоне қарор дод, дорои болҳои дугона ва сегона ва чаҳоргона...." то охири оят.

[5] Ҳадиси саҳеҳ аст, Бухорӣ дар Саҳеҳаш (3232-4856-4857) ва Муслим дар Саҳеҳаш рақами (174) ва Тирмизӣ дар Сунан (3277) ва Таёлисӣ (358) ва Аҳмад (1/412-460-395) ва Табаронӣ дар "ал-Кабир" (9054-9055-10423) ва Байҳақӣ дар "Далоил-ун-нубувват" (2/371-372) ва Ибни Хузайма дар Тавҳид (саҳ:203-204) ва Абӯяъло дар Муснад (5337-4993) ва Бағавӣ дар Тафсираш (4/245-246-249) ва Табарӣ дар Тафсираш (27/49) ва Ибни Ҳиббон дар Саҳеҳаш (6427-6428) ва боз Байҳақӣ дар "ал-Асмо ва-с-сифот" (саҳ:547-548) ва Ибни Манда дар Имон (742-745) ҳамаашон аз ҳадиси Абдуллоҳ ибни Масъуд разияллоҳу анҳу ба таври

Ва албатта онҳоро ҳамонгуна ки Аллоҳ васф кардааст бандагои икромшудаанд "шабу рӯз тасбеҳ мегӯянд, сустӣ намекунанд" ва онон ба умуми васфи икром маъсуманд ва ин ки онон аз ибодати Ӯ сустӣ намекунанд ва малолу хаста намешаванд ва **"ҳаргиз Аллоҳро дар он чи ба онон фармон дода нофармонӣ намекунанд ва ҳарчи фармон меёбанд, анҷом медиҳанд"**.[1]

Ва касеро, ки таъйини ӯ собит шуда, мисли Ҷибраил ва монанди ӯ ба он имон овардан, воҷиб аст ва кадоми аз онҳоро ки номашро намедонем, ба он ба таври муҷмал имон меорем.

**Ва анбиё, расулон ва китобҳо инчунин аст**. Ва ба он имон овардан ин аст, ки тасдиқ кунӣ, ки он аз назди Аллоҳ аст ва он чиро, ки дар бар гирифтааст ҳақ мебошад ва ин ки Қуръон насхкунандаи онҳост. Пас имон овардан ба ҳамаи онҳо ҷумлатан фарзи айн аст ва ба Қуръон тафсилан аз ҷиҳате ки мо ба тафсилҳои он парастанда шудаем ва лекин фарзи кифоя аст, зеро ки дар фарзияти он бар айни ҳар кас машаққати ошкор ва дар амри зиндагӣ халаловар аст.

**Ва имон овардан ба расулон** ин аст, ки тасдиқ намоӣ, ки онҳо дар он чизе ки аз Аллоҳ таъоло хабар доданд, содиқанд ва ин ки Аллоҳ таъоло онҳоро ба мӯъҷизаҳое, ки бар сидқи онҳо далолат мекунад, қувват дода аст ва ин ки онҳо рисолаи Аллоҳро расонидаанд ва барои таклифшудагон ба баёни он чизе ки онҳоро амр намуд, баён карданд ва эҳтироми онҳо воҷиб аст ва дар миёни ҳеҷ кадоми онҳо аз назди Одам ва Ӯ аввали онон аст, то паёмбари мо Муҳаммад саллаллоҳу алайҳи (ва олиҳи) ва саллам ва Ӯ охири онон аст, фарқ намегузорем, Аллоҳ ба Ӯ саллаллоҳу алайҳи (ва олиҳи) ва саллам анбиё ва расулонро хатм намуд, ҳамонгуна ки бо фасоҳат фармудаи Ӯ ҷалла зикруҳу баён кардааст:**"Муҳаммад (саллаллоҳу алайҳи (ва олиҳи) ва саллам) падари ҳеҷ як аз мардони шумо нест валекин Расули Аллоҳ ва хотами паёмбарон аст ва Аллоҳ ба ҳар чиз огоҳ аст"**.[2]

Ва нубуввати онон ба сабаби фавтидани онон қатъ намешавад, балки шариатҳоиононро шариати мо насх кард ва он то рӯзи қиёмат боқӣ аст ва ҳамаи онон мутлақан аз гуноҳони кабира поканд ва аз қасдан содир

---

марфӯъ ривоят кардаанд ва дар баъзе ривоятҳои ҳадис зиёдатиҳост аз тариқи накӯ омадааст:"Аз болу параш рангҳои гуногуни дурру ёқут мепошад".

[1] Сураи Таҳрим, ояти:6.

[2] Сураи Аҳзоб, ояти:40.

намудани гуноҳони сағира баъди ба паёмбарӣ фиристода шуданашон[1] ва адади онҳоро ба таври яқин намедонем[2] ва дар Қуръон омадааст: **"(Достони) баъзе аз онҳоро барои ту қисса кардем ва (достони) баъзеро бар ту қисса накардем"**.[3]

Ва онҳо хоссаҳои башаранд ва онҳо аз хоссаҳои малоикаҳо беҳтаранд, мисли Ҷибраил[4] ва касе ки ҳамонанди Ӯст.

---

[1] Шайхи Ислом Ибни Таймия мегӯяд:Қавли ин ки анбиё аз гуноҳони кабира ба ҷуз сағира маъсуманд, ин сухани бештари олимони ислом ва ҳамаи тоифаҳост, ҳатто ки он сухани бештари аҳли калом аст. "ал-Фатово" (4/3). Сипас гуфт:Ва ҳамаи он чизе ки аз ҷумҳури олимон нақл мешавад, ки онҳо аз қарор додан бар гуноҳони сағира ғайри маъсуманд ва бар он қарор дода намешаванд". "ал-Фатово 4/320".

[2] Ибни Ҳиббон дар Саҳеҳаш (6190) ва Ҳоким дар Мустадрак 2/262 ва Табаронӣ дар "ал-Кабир" (7545) ва дар "Авсат" (1/256-257) рақами (405) ва дигарон аз ҳадиси Абӯумома разияллоҳу анҳу ривоят кардаанд, ки:"Марде гуфт:Эй Расулуллоҳ, оё Одам набӣ буд?! Фармуд:"Оре, суханкардашуда аст". Гуфт:Пас байни Ӯ ва Нуҳ чанд сол буд? Фармуд:"Даҳ аср". Ва иснодаш саҳеҳ аст ва инчунин Албонӣ дар "Силсилат-ус-саҳеҳа" (2668) саҳеҳ ҳукм кардааст. Ва дар ҳадис сароҳатан омадааст, ки расулон сесаду понздаҳто аст. Ва Фатҳ-ул-борӣ (7/6-8) ва "Ниъмат-уз-зариъа фи нусрати-ш-шариъа"-и Иброҳими Ҳалабӣ (саҳ:149-241) ба таҳқиқи ман.

[3] Сураи Ғофир, ояти:78.

[4] Шореҳи Таҳовӣ қози Ибни Абилиззи Ҳанафӣ раҳимаҳуллоҳу таъоло зикр кард, ки имом Абӯҳанифа раҳимаҳуллоҳ дар ин масъала ду қавл аст:Бартарии малоика бар башар, сипас бар акси ин қавл гуфт. Ва ӯро қавли сеюм аст, ки шореҳ онро тарҷеҳ додааст ва он дар ин масъала бозистодан аст ва гуфт:Ва ин ҳақ аст, пас албатта бар мо воҷиб аст, ки бар малоика ва паёмбарамон имон биёрем ва бар мо воҷиб нест, ки эътиқод кунем, ки кадоми ин ду гурӯҳ афзал аст, агар ин бар мо воҷиб мешуд, ҳароина барои мо ба далел баён карда мешуд. "Шарҳи ақидаи Таҳовӣ " (саҳ:338-339) локин Шайхи Ислом Ибни Таймия қавли бартар будани солеҳони башар ва анбиёро бар малоика тарҷеҳ дод, ҳамин мазҳаби салаф аст ва дар миёни худ инро беинкор мегуфтанд, сипас барои ин қавл ба ҳуҷҷатҳои бисёре далел овардааст. Пас ал-Фатово (4/350-392)-ро назар кун! Локин ӯ бар ҳақиқати масъала огоҳ намудааст ва он ин аст, ки бартарӣ барои башар ба эътибори камоли ниҳояти онон аст, дар Ҷаннатҳои Парвардигорашон ба назар кардан ба ваҷҳи карим лаззат мебаранд ва малоикаҳо ба амри Парвардигорашон дар хидмати онон ҳастанд. "ал-Фатово (4/372)". Ва аммо охири ибораи муаллиф:"Ва авоми башар беҳтар аз авоми малоика аст",

Ва хоссаҳои малоикаҳо аз авомми башар афзал ҳастанд ва авомми башар аз авомми малоика афзал аст.

**Ва имон овардан ба барангехтан** ин аст, ки тасдиқ намоӣ ба зинда гардонидани пас аз марг ва он чизе ки дар он аст, аз ҳисоб, (пули) сирот, мизон, хондани китобҳо, шаҳодати аъзои бадан, ҳавз, Ҷаннат ва Дӯзах ва ин ки ҳоло ин ду вуҷуд доранд, фонӣ намешаванд ва азоби қабр ва савоби он ва саволи Мункару Накир ва ҳамаи ин зикршудаҳо ба ҳуҷҷатҳои воридшудаи қатъӣ собит ҳастанд.

**Ва имон овардан ба тақдири хайр (нек) ва бади Ӯ**, ба ин ки ҳардуро ва иродаи онро Аллоҳ таъоло меофаринад. Пас он чиро хоҳад, мешавад ва он чиро нахоҳад, намешавад. Пас куфру маъсиятҳо ва иродаи онро Аллоҳ таъоло меофаринад, зеро ҷуз Ӯ холиқе нест. Аллоҳ ҷалла зикруҳу фармуд:**"Аллоҳ офаридгори ҳамаи чиз аст"**.[1]

Ва **"Оё офаридгоре ҷуз Аллоҳ ҳаст?"**.[2]

Ва **"Ҳамаи чизро ба тақдир офаридаем"**.[3] Яъне ҳамаи чиз ба тақдири Мо ва офаридани Мо ва иродаи Мо офарида шудааст, зеро иродаи Ӯ таъоло ҳамаи коинотро дар бар гиранда аст, зеро Ӯ таъоло эҷодкунандаи онҳост, пас Ӯ иродакунандаи онҳо мебошад.

Ва аз ҷумлаи коинот:Башар, маъсият ва куфр аст. Пас албатта амале ки ба касби банда воқеъ мешавад, махлуқи Аллоҳ таъолост. Ба тоат ва маъсият ба нисбати он ба сӯи касби банда ва қасди ӯ васфшуда аст ва он ба савоб, иқоб ва эҳсон тааллуқ дорад. Паёмбар саллаллоҳу алайҳи (ва олиҳи) ва саллам онро ба ду мақом, олитар ва пасттар[4] тафсир карда ва мурод ба он дар амалҳо ихлос доштан ба ин ки банда қалбашро дар ибодати Ӯ аз ғайри Ӯ таъоло нигаҳ дорад, гӯё ки ӯ дар ибодаташ Парвардигорашро мушоҳида менамояд ва ин ба сарфи банда тавоноияшро дар барпо намудани воҷибҳо ва аз ҳаромҳо иҷтинобу парҳез намудан аст,

---

пас агар ба ин солеҳони башар мақсуд бошад, пас он ҳамонгуна ки Ибни Таймия гуфтааст, ки ба эътибори камоли ниҳоят аст. Ва Аллоҳ донотар ва ҳакимтар аст.

[1] Сураи Зумар, ояти:62.

[2] Сураи Фотир, ояти:3.

[3] Сураи Қамар, ояти:49.

[4] Ба ҳадиси муттафақун алайҳ аз имон ва эҳсон ишора мекунад ва ба қариби гузашт.

ҳамчуноне ки дар фармудаи Ӯ ҷалла зикруҳу аст:**"Пас то (ҷое, ки) метавонед аз Аллоҳ битарсед"**.[1]

Ва барои бандагон дар тақвояшон мартабаҳост.

Пас баъзе аз онон касест, ки дар шуъуни Ӯ таъоло дар ибодатҳояш ва муроъоти ҳуқуқи Ӯ дар тоатҳояш фурӯ меравад, ба ин ки чизе аз хузӯъ, хушӯъ ва ихлосашро боқӣ намегузорад.

Ва баъзе онҳо касест, ки бар шартҳо ва аркон кутоҳ мекунад ва аз инҷост, Паёмбар саллаллоҳу алайҳи (ва олиҳи) ва саллам аз як мақом ба мақоми дигар нақл намуд, зеро ки тақво чанд мақом аст. Ва мартабаҳои он сето аст:

Якум:Риояи тоат ба шартҳо ва рукнҳо ва аз гуноҳони кабира парҳез кардан аст.

Ва дуюм аз ҳамаи феъл, ё тарке ки дар гуноҳ ворид месозад, дӯрӣ ҷустан, ҳатто аз гуноҳони хурд ва анҷоми тоат бо лаззат бурдани ба он бо ҳамроҳи риояи он аз ҳамаи ҷиҳат ба мувофиқи тавоноӣ аст.

Ва сеюм ин ки сиррашро аз ҳамаи он чизе ки ӯро аз Ҳақ таъоло машғул месозад, пок менамояд ва ба тамоми ҳастияш дил ба Аллоҳ мебандад ва ин ҳамон тақвоест, ки ба он амршуда аст дар фармудаи Ӯ ҷалла зикруҳу:**"Эй касоне ки имон овардаед! Аз Аллоҳ онгунае, ки шоистаи тарсидани Ӯст аз Ӯ битарсед"** то охири оят.[2]

Ва аз Ибни Масъуд (разияллоҳу анҳу) дар ин мавзӯъ ривоят аст, ки "Тақво ин аст, ки Ӯ итоат карда шавад ва бефармонӣ карда нашавад ва ёд карда шавад ва фаромуш карда нашавад ва шукр карда шавад ва ба Ӯ куфр варзида нашавад"[3]. Ва ба ростӣ ба таври марфуъ омадааст.

---

[1] Сураи Тағобун, ояти:16.

[2] Сураи Оли Имрон, ояти:102.

[3] Асари саҳеҳ аст. Табарӣ аз чанд тариқ азЗабиди Айёмӣ аз Мурра ибни Шароҳил аз Ибни Масъуд разияллоҳу анҳу ривоят кардааст. "Тафсири Табарӣ" (4/27-28) ва инчунин инро Қосим ибни Салом дар "ал-Носихва-л-мансух" рақами (475) ривоят кардааст ва Ҳоким дар Мустадрак (2/294) ва Ибни Муборак ва Абдурразоқ ва Фирёбӣ ва Абд ибни Ҳумайд ва Ибни Абишайба ва Ибни Мунзир ва Ибни Абиҳотим ва Нуҳос ва Табаронӣ ва Ибни Мардавайҳ, ҳамчунон дар "ад-Дурр-ул-мансур" (2/105). Ва Ҳоким бар шарти Бухорӣ ва Муслим саҳеҳ ҳукм кардааст ва ӯро Заҳабӣ мувофиқат кардааст ва он ҳамчуноне ки гуфтаанд. Аммо ривояте ки ба таври марфӯъ аст, онро Ҳоким дар Мустадрак низ ривоят карда, ҳамонгуна ки Ҳофиз Ибни Касир дар Тафсираш (2/72) яқин намуда, локин ӯ гуфт: Зоҳиртар ин аст, ки асари мавқуф аст ва исноди ривояти мавқуфро (2/71) ба

Ва барои ин мартабаҳо мақомҳост, дар он соҳибонаш гуногунанд ба мувофиқи дараҷаҳои истеъдодашон, ки бар онҳо ба сабаби миннати илоҳӣ файз мебахшад ва ниҳояти он, он мақомест, ки анбиё алайҳимус салоту вас салом ба он расидаанд. Ва аз ин ҷо дар байни ду риёсат ҷамъ оварданд:Нубувват ва вилоят (валигӣ) ва онҳоро омехта шудани масли-ҳатҳои халқ аз фурӯ рафтани дар шуъуни ҳақ боз надошт, ба хилофи ғайрашон. Пас фармудаи Ӯ саллаллоҳу алайҳи (ва олиҳи) ва саллам:**"Пас, агар ту Ӯро набинӣ, Ӯ туро мебинад"**[1] барои фарқ гузоштан дар байни итқони ибодатҳо ва ихлоси он, баён аст.

Яъне агар аз аҳли дидани маънавӣ дар фурӯ рафтан дар шаъни Ӯ таъоло набошӣ, пас аз касоне бош, ки эътиқод дошта бошӣ, ки Ӯ амалҳои ту ва ақидаҳои қалбӣ туро мебинад. Ва фармудаи Ӯ:"Қиёмат кай мешавад?" ва ҷавоби Ӯ:"Пурсидашуда аз он донотар аз пурсанда нест" ба ин ишора намуд, ки илми қиёмат аз ҷумлаи он чизест, ки Аллоҳ онро дар назди Худ қарор додааст, барпо шудани қиёматро ба ҷуз Аллоҳ касе намедонад. Пас мардум дар нафйи илми он баробаранд ва фарқ байни набӣ ва мутанаббӣ нест, ки вақти омадани онро ба ҷуз Аллоҳ касе намедонад. Ва дар ривояти Бухорӣ изофа намудааст[2]:**"Панҷ чиз аст, ки онҳоро ба ҷуз Аллоҳ касе намедонад".** Сипас Паёмбар саллаллоҳу алайҳи (ва олиҳи) ва саллам ин оятро тиловат намуд:**"Албатта илми (замони) қиёмат дар назди Аллоҳ аст"**, [3] то охири оят.

Ва фармудаи Ӯ:"Аморатҳо" яъне аломатҳои он. "Ва ин ки каниззан мавлояшро таваллуд намояд". Ва ишора ба бисёрии каниззанҳо дорад, вақте ки модар гӯё, ки барои писараш каниз мегардад, аз ҳайсияте ки он мулки падараш аст ва ин ки каниззан мулук (шоҳон) таваллуд мекунанд, пас писараш малик мегардад, пас модараш аз ҷумлаи зердастонаш мебошад, ё ишора ба сӯи фасоди замон аст, то ки мард ҳароина модар-ашро дар хидмат монанди каниз истеъмол мекунад. Ва мартабаҳои ҳамбистаронашро бар ӯ боло медонад. Ва ин муносибтар аст барои

---

таҳқиқ саҳеҳ гуфтааст ва низ онро ба Ибни Мардавайҳ ба таври марфӯъ нисбат дода ва Сиютӣ дар "ад-Дурр-ул-мансур" (2/105) нисбат додааст.

[1] Баёни саҳеҳӣ ва тахриҷи он гузашт.

[2] Дар Саҳеҳаш рақами (50) ва ба рости баёни ин гузашт ва инчунин он дар рақами (4777) омадааст.

[3] Сураи Луқмон, ояти:34.

фармудаи Ӯ:**"Ва ин ки пойлучон ва бараҳнагон чупонҳоро мебинӣ, ки дар бунён фахрфурушӣ мекунад"**. Бунён-хонаҳо.

Ва мурод ин ки замон наздик мешавад, вақте ки мардумро фурумояҳо ва ҷоҳилони онҳо раисӣ менамоянд.

**Ва аз ҷумлаи эътиқод ин аст, ки Ӯ таъолоро мӯъминон дар рӯзи қиёмат мебинанд**. Ва дар Қуръон омадааст:**"Он рӯз чеҳраҳое тоза (ва шодоб) аст, ба сӯи Парвардигораш менигарад"**.[1]

Пас аввал ба зоди мӯъҷама аз изоат (дурахшидан) аст ва он неъматҳои накӯст.

Ва дуюм ба зои баланди мӯъҷама аз назар кардан ба сӯи ваҷҳи муқаддаси Аллоҳ таъоло бекайфият ва беҷиҳат[2] мебошад.

Ва номҳои Ӯ таъоло тавқифӣ аст, яъне равона кардани исме бар Ӯ таъоло ҷоиз нест, модоме ки дар шариат наомадааст, ки он аз номҳои Ӯ таъолост. Пас лафзи:Ориф, ё фақеҳ, ё табиб, ё оқил ва монанди он аз чизе ки дар таъзим ваҳми халал, ё сабқат кардани ҷаҳл меорад, монанди ин исмҳоро бар Ӯ таъоло равона карда намешавад.

Ва баъзе аз суфиёни ҷоҳил касест, ки бар Ӯ таъоло:(Абӯлфараҷ) мегӯяд!

**"Пас касоне ки бо фармони Ӯ мухолифат мекунанд, бояд битарсанд аз ин ки фитнае гиребони онҳоро бигирад. Ё азоби дарднок ба онҳо бирасад"**.[3]

Пас касе сирри (қалби) ӯ ба ҳақиқати имон шод шавад, зафар ва наҷот ёбад ва касе ба ғалат мубтало шавад, роҳи ӯ каҷ бошад.

Пас пок аст Зоте ки ба фазлаш касеро хост барои он чизе хост иршод ва роҳнамоӣ намуд ва ба адлаш касеро хост ба он чизе хост гумроҳ кард.

Ва хулоса, пас ниҳояти камол дар итоат кардан ва бар амалҳои нек рӯй овардан ва тарки баҳсу ҷидол ва қилу қол аст.

---

[1] Сураи Қиёмат, ояти:22-23.

[2] Агар мақсади муаллиф нафйи улув ба нафйи ҷиҳат бошад, пас ин хато аст, зеро ки Аллоҳ таъоло дар осмон аст, ҳамчуноне ки дар Саҳеҳи Муслим (537) аз ҳадиси Муовия ибни Ҳаками ал-Суламӣ разияллоҳу анҳу омадааст. Ва ин он маъноро надорад, ки ҷиҳатҳо Ӯ таъолоро иҳота мекунад, Ӯ субҳонаҳу ва таъоло аз ин олию бузург аст, балки Ӯ дар улуви мутлақ аст аст. Ин мавзӯи муҳимро дар "Шарҳи Таҳовия, саҳ:313-328" назар кун!

[3] Сураи Нур, ояти:63.

Ва ғояти илм амал аст, зеро он самараи илм ва фоидаи умр ва тушаи охират аст. Ва ҳамаи чиз ба хотири он омода шуда аст, пас касе ба он зафар ёбад некбахт шавад ва касе онро аз даст диҳад, зиён бинад. Ва ин он чизест, ки дар ин мақом муяссар шуд ва салом.

# ФАСЛИ СЕЮМ ДАР МАВЗӮИ КАРОМОТИ АВЛИЁ

Ва авлиё ҳамон мӯъминони парҳезгор, орифони Аллоҳ ва сифатҳои Ӯ, бар тоатҳо рӯй оранда, аз лаззатҳо рӯй гардонандаанд. Пас барои инҳо гоҳо каромот рӯх медиҳад, Аллоҳ онҳоро ба он икром мекунад, аз рӯи таъйиди тақвои онон барои ҳикмате, ки аз ҷумлаи он ҳикматҳо:Ҳуҷҷат барои дин, ё барои ҳоҷати мусалмонон мебошад. Ва барои онон ин икром ҳосил нашуд, магар ба баракати пайравии беҳтарини халқ, бар Ӯ аз ҷониби Аллоҳ беҳтарин салот ва салом нозил бод, мебошад.

Ва он (каромат) амри берун аз одати башар аст, монанди мӯъҷиза, ғайри ин ки он ба даъвои нубувват (наздик) якҷо намебошад ва на ба мубориза даъват кардан ва на дар он қасд аст, ба ҳайсияте ҳаргоҳ хоҳад воқеъ шавад, зеро ки он аз оятҳост ва он бар мувофиқи иродаи Ӯ таъолост. Аллоҳ ҷалла зикруҳу мефармояд:**"Мӯъҷизаҳо танҳо дар назди Аллоҳ аст"**.[1] Ва барои махлуқ дар он тасарруфе нест ба он чизе ки хоҳад ва кадом вақте хоҳад ва ин ки хилофи шариати равшан набошад.

Ва ба ростӣ дар умматҳои гузашта рӯх дод, монанди қиссаи Марям[2] ва Осиф ибни Бархиё[3] ва дар ин уммат бисёртар аст, аз ин ки шуморида шавад.

Ва ба сифатҳои зикршуда аз мӯъҷиза ва истидроҷ ҷудо шуд. Ҳамчуноне ки барои баъзе золимон ва фосиқон ва ҷоҳилон воқеъ меша-

---

[1] Сураи Анъом, ояти:109.

[2] Дар фармудаи Ӯ таъоло:"Ҳаргоҳ Закариё вориди меҳроб (ва ибодатгоҳи) ӯ мешуд, назди ӯ ғизо ва ризқе меёфт, (Закариё) мегуфт:"Ин аз куҷо барои ту омадааст?" (Марям) мегуфт:"Ин аз ҷониби Аллоҳ аст, ки Аллоҳ ба ҳар кас бихоҳад бешумор рӯзӣ медиҳад". Сураи Оли Имрон, ояти рақами:37.

[3] Ӯ котиби Сулаймон алайҳис салоту вас салом буд, ки ривоят мешавад, ки мақсад дар фармудаи Ӯ таъоло:"Касе ки донише аз китоби (илоҳӣ) дошт, гуфт:Ман пеш аз он ки чашм бар ҳам занӣ, онро назди ту меорам". Сураи Намл, ояти рақами:40 аст. Инро Муҳаммад ибни Исҳоқ аз Язид ибни Румон ривоят кардааст, ки ӯ сиддиқ буд номи аъзамро медонист ва ин иснодест, ки на фарбеҳ мекунад ва аз гуруснагӣ бениёз намекунад. Пас албатта байни Язид ибни Румон ва байни Сулаймон алайҳис салом саҳрои васеъ аст, ки дар пеши он гарданҳои шутурон қатъ мешавад!! (Яъне байни ин ду чандин асрҳост). Тафсири Ибни Касир ҷ/6, саҳ/202-ро назар кун!

вад, балки гоҳо аз кофирон[1] аз рӯи истидроҷи онон ва аз рӯи афзудан дар гумроҳии онон воқеъ мешавад.

Ва дар Қуръон омадааст:**"Пас чун он чиро ба онҳо ёдоварӣ шуда буд, фаромуш карданд, дарҳои ҳамаи чизро ба рӯи онҳо кушодем, то вақте ки ба он чи дода шуданд, шод гаштанд, ногаҳон онҳоро гирифтем"**,[2] то охири оят.

Ва дар ҳадис омадааст:**"Ҳаргоҳ дидӣ, ки Аллоҳ ба банда он чизеро дӯст медорад, ато мекунад ва ӯ Аллоҳро бефармонӣ мекунад, пас албатта ин истидроҷ аст"[3].** Сипас қироат намуд: **"Пас чун он чиро ба онҳо ёдоварӣ шуда буд, фаромуш карданд, дарҳои ҳамаи чизро ба рӯи онҳо кушодем..."**,[4] то охири оят.

Ва дар ҳадиси дигар омадааст:**"Албатта Аллоҳ золимро муҳлат медиҳад..."[5]**, то охири ҳадис.

Ва аз маъунат (ёрӣ додан) мутамайиз (ҷудо) шуд, ҳамчуноне ки барои баъзеи авом ва мӯъминони ҷоҳил дар назди зарари онҳо аз рӯи халос

---

[1] Китоби "ал-Қодирия" ва "ал-Рифоъия"-и бародарамон Абдурраҳмони Димишқиро назар кун, то бидони аҷоибҳои амали ҷин ва шайтонҳоро бо ҳамроҳи ин суфиҳо, ки бузиҳо дар ин дурӯғ ва ҷоду яъне аз задани ба шамшерҳо ва ханҷарҳо ва ғайра аз онон бартарӣ ёфтанд!

[2] Сураи Анъом, ояти:44.

[3] Ҳадиси саҳеҳ аст, инчунин муҳаддис Албонӣ дар "ас-Саҳеҳа (413)" гуфт, баъде ки ба Аҳмад дар Муснад (4/145) ва ғайрашро аз ҳадиси Уқба ибни Омир разияллоҳу анҳу ба таври марфӯъ нисбат дод. Ва ба ростӣ дар онҷо ҷаноби ӯ мутобаати бар ин ҳадисро зикр кард, ки ба он ҳадис саҳеҳ мешавад, пас агар бихоҳӣ муроҷиа кун!

[4] Сураи Анъом, ояти:44.

[5] Ҳадиси саҳеҳ аст, онро Бухорӣ дар Саҳеҳаш (4686) ва Муслим дар Саҳеҳаш (2583) ва Тирмизӣ дар Сунан (3110) ва Насоӣ дар ал-Кубро (6/365) рақами (5/112) ва ибни Моҷа дар Сунан (4018) ва Бағавӣ дар Шарҳи суннат (4162) ва дар Тафсир (2/401) ва Табарӣ дар Тафсир (7/12/114) ва Байҳақӣ дар ал-Кубро (6/94) ва дар "ал-Асмо вас сифот" ва Ибни Ҳиббон дар Саҳеҳаш (5175) ривоят кардаанд. Ҳамаашон аз ҳадиси Абӯмусои Ашъарӣ разияллоҳу анҳу ба таври марфӯъ ривоят кардаанд:"Албатта Аллоҳ ба золим муҳлат медиҳад, ҳатто ҳаргоҳ ӯро муҷозот кунад, ӯро раҳо намекунад". Гуфт:Сипас қироат намуд:"Ва инчунин аст гирифтани Парвардигорат, ҳангоме ки шаҳреро гирад, ки мардуми он ситамгор бошад, бегумон муҷозот ва гирифтани Ӯ дардноки сахт аст". Сураи Ҳуд, ояти:102.

шудани онҳо аз тангӣ ва бало, аз рӯи лутф намудан ба онон ва устуворӣ барои онон ва аз рӯи икроми паёмбарашон ва динашон воқеъ мешавад.

Ва аз сеҳр (ҷоду) мутамайиз шуд, зеро ба оят онро қасд карда мешавад.

Ва аз шаъваза (ҳилагарӣ, найрангбозӣ) мутамайиз шуд ва он бобҳои найрангбозӣ аз тахайюлот мебошад.

Ва аз он чизе ки шайтонҳо бо гушанишинон ба кашидани номҳо мекунанд[1], ҷудо шуд. Пас баъзеи онҳо дар ҳаво бардошта мешавад[2] ва баъзеи онҳо касест, ки молҳои дуздидашуда ба ӯ оварда мешавад ва баъзеи онҳо касест, ки бар дуздӣ ба руқияҳое далолат мекунад, то ба гирифтани молҳои мардум ба (даъвои) валигӣ ҳилла намояд ва он чизе ки ҳамонанди ин аст аз найрангу ҳиллаҳо, пас онро каромот меноманд. Ва аз хабар додани ба ғайби оянда ва монанди он аз чизҳое ки шариати равшанро дар дурӯғ шумоhad мухолифат намуд, пас монанди ин каромат намебошад, балки он аз хабар додани шайтонҳо ва васвасаҳои онҳост. Пас ба Аллоҳ аз васвасаҳои шайтонҳо паноҳ бибар! Пас, албатта авлиёи Раҳмон (Аллоҳ):**"Барои онон дар зиндагии дунё ва дар охират башорат аст"**.[3]

Ва аз ҷумлаи башоратҳои онҳо ин аст, ки Аллоҳ онҳоро ба кароматҳо ба сабаби баракати камоли пайравии онҳо ба паёмбараш ва динаш икром мекунад.

Ва он (каромат) дар ҳақиқат аз асари мӯъҷизаҳои Ӯ саллаллоҳу алайҳи (ва олиҳи) ва саллам аст ва он шуморида намешавад, монанди ду пора шудани моҳ[4] ва омадани дарахт[1] ва нолаи кундаи дарахти хурмо[2]

---

[1] Монанди он номҳои пиндошта барои ҷин, ё малоика, ё........то охир ва ба таҳқиқ ҳилагарон дар он чизи бисёре навистаанд, то гумроҳ шаванд ва мардумро аз роҳи Аллоҳ таъоло гумроҳ созанд.

[2] Бар сабили мисол он чизеро, ки Шайхи Ислом Ибни Таймия дар ин мавзӯъ дар ал-Фатово (11/286-288) навистааст, нигоҳ кун!

[3] Сураи Юнус, ояти:64.

[4] Ҳадиси саҳеҳ аст. Бухорӣ дар Саҳеҳаш (3636-4864-4865-3869-3871) ва Муслим дар Саҳеҳаш (2800-2801) ва Тирмизӣ дар Сунан (3285-3287-3288) ва Аҳмад (1/377-447) ва Табарӣ дар Тафсир (27/84-87) ва Байҳақӣ дар ал-Кубро (2/264) ва дар Далоил-ун-нубувват (2/262-268) ва Абӯяъло дар Муснад (4968) ва Табаронӣ дар Мӯъҷам-ул-кабир (9996-13473) ва ибни Ҳиббон дар Саҳеҳаш (6495) ва Таёлисӣ дар Муснад (1891) ва Бағавӣ дар Тафсир (6/272-273) ва Аҳмад низ (4/81-82, 3/165, 1/413) ва инчунин Бухорӣ (4866-4867) ҳамаашон инро аз Паёмбар

ва сухани сусмор[3] ва тасбеҳи сангреза[1] ва бисёр шудани таом ва шароб чанд борҳо[2] ва берун омадани об аз ангуштонаш[3] ва боз гардондани

---

саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам ривоят кардаанд. Пас баъзеаш аз Анас ва баъзеаш аз Ибни Умар ва баъзеаш аз Ибни Масъуд ва баъзеаш аз Ҷубайр ибни Мутъим разияллоҳу анҳум аҷмаъин ривоят кардаанд. Ва ба таҳқиқ инро Ибни Касир раҳимаҳуллоҳу таъоло дар Тафсираш (7/447-450) баён кардааст, сипас онро дар "Далоил-ун-нубувват"-и Исфаҳонӣ дар рақами:6, 7 ёфтам ва ба таҳқиқ муҳаққиқаш дар тахриҷи он зиёд ва тулонӣ сухан кардааст.

[1] Ин дар Саҳеҳи Муслим (3006) дар ҳадиси тулонии Ҷобир омада ва дар он (30112) омадааст:"Пас инҳангом ду дарахте, ки дар ҷониби водӣ буд, пас Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам ба сӯи якеи онҳо рафта аз шохае аз шохаҳои он гирифт, пас гуфт:Ба амри Аллоҳ маро итоат кун....сипас барои он дигараш инчунин гуфт, сипас фармуд:Ба амри Аллоҳ барои ман ҷамъ оед!" саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам.

[2] Ин дар Саҳеҳи Бухорӣ (449-2095-3584-3583) ва Муснади Аҳмад (3/300) ва Ибни Абишайба дар Мусаннаф (11/485/11797) ва Абӯнаъим дар Далоил-ун-нубувват (2/513-303) ва инчунин Байҳақӣ дар Далоил-ун-нубувват (2/560-556-557-558) ва (6/66) ва Бағавӣ дар "ал-Анвор фи шамоил-ин-набий-ил-мухтор" (1/134/145) ва Лолакоӣ дар Шарҳи усули эътиқоди аҳли суннат ва ҷамоат (1469-1470) ва инчунин Байҳақӣ дар "ал-Кубро" (3/196) ва Абӯлқосими Исфаҳонӣ дар "ал-Ҳуҷҷа фи баён-ил-маҳаҷҷа" (2/134/122) ва дар "Далоил-ун-нубувват" (29-30-31) омадааст. Ҳамаашон аз Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам ривоят кардаанд, пас баъзеашон аз Ҷобир ва баъзеашон аз Ибни Умар ва баъзеашон аз Анас разияллоҳу анҳум ҷамиъан ривоят кардаанд. Ва ба ростӣ ривоятҳояшро Мусоъид ибни Сулаймон ал-Ҳумайд тахриҷ ва таҳқиқ кардааст, пас инро нектар анҷом додааст.

[3] Ҳадиси мавзӯъ (сохта)аст. Онро Байҳақӣ дар Далоил-ун-нубувват (6/36-38) ва Табаронӣ дар "ал-Мӯъҷам-ул-сағир" (2/64) ва дар "ал-Мӯъҷам-ул-авсат" Маҷмаъ-ул-Баҳрайн рақами (3541) ва Ҳоким дар "ал-Мӯъҷизот" ҳамчунон дар "Далоил-ун-нубувват" ва Абӯнаъим дар "Далоил-ун-нубувват" (2/134-135) ва Ибни Адӣ ва ибни Асокир ҳамчуноне ки дар "ал-Хасоис"-и Сиютӣ (2/65) аст, ҳамаашон аз ҳадиси Умар ибни Хаттоб разияллоҳу анҳу ривоят кардаанд. Ва ҳадис ботил аст, ҳамонгуна ки Заҳабӣ дар тарҷумаи Муҳаммад ибни Алӣ ибни Валиди Суламӣ Басрӣ аз "Мизон" (3/651) қотеъона гуфтааст. Ва гуфт:Абӯбакри Байҳақӣ ҳадиси сусморро аз тариқи хеш ба исноди тоза ривоят кард, сипас Байҳақӣ гуфт:Дар ин бар Суламӣ ҳамл шудааст. Гуфтам:Ба Аллоҳ савганд, Байҳақӣ рост гуфт, пас албатта ин хабари ботил аст.

Алӣ Ризо мегӯяд:Забидӣ чизе нагуфт, вақте ки гумон кард ки ривояти имомҳо ин ҳадисро заиф мегардонад на мавзӯъ! "Иттиҳоф-ус-содат-ил-муттақин" (2/206).

чашми Қатода[4] ва шифо додани пои Муҳаммад писари Маслама[1] ба қапидани дасташ, замоне ки шикаста буд.

---

Ва ба таҳқиқ Ҳайсамӣ дар "Маҷмаъ-уз-завоид" (8/292-294) сухани Байҳақиро қатъӣ гуфтааст ва онро иқрор кардааст.

[1] Ҳадиси саҳеҳ аст, инро Табаронӣ дар "ал-Авсат" Маҷмаъ-ул-Баҳрайн (3520) ва Базор дар "Муснад"-аш, Кашф-ул-астор (3/135) рақами (2314) ва Абӯнаъим дар "Далоил-ун-нубувват" (2/555) рақами (338) ба иснoди саҳеҳ аз ҳадиси Абӯзар разияллоҳу анҳу ривоят кардаанд. Ва инчунин иснодашро Ҳайсамӣ дар "Муҷмаъ-уз-завоид" (5/179) саҳеҳ ҳукм кардааст ва инчунин муҳаққиқи "Далоил-ун-нубувват"-и Исфаҳонӣ (1/409) саҳеҳ ҳукм карда ва бар иллати баъзе дигар тариқҳо сухан карда, пас нек анҷом додааст.

[2] Бисёр шудани таъом саҳеҳ аст, назди Муслим дар Саҳеҳаш (27) аз ҳадиси Абӯҳурайра разияллоҳу анҳу (44) ва аз ҳадиси Абӯҳурайра, ё Абӯсаъиди Худрӣ разияллоҳу анҳумо дар рақами (45) низ омадааст.

[3] Ин саҳеҳ аст, дар Саҳеҳи Бухорӣ (3576-5639) ва Саҳеҳи Муслим (1484) ва дар ғайри ин ду аз ҳадиси Ҷобир разияллоҳу анҳу аст. Ва аз ҳадиси Анас разияллоҳу анҳу дар назди Бухорӣ (169-200-3574-3573-3575) ва дар Муслим (1783) омада, саҳеҳ аст.

[4] Аз ду ваҷҳи хело заиф ривоят шудааст. Дар ваҷҳи аввал Яҳёи Ҳимонӣ аст ва ӯ таркшудаю муттаҳам аст ва дар ваҷҳи дуюм Абдулазиз ибни Имрон аст ва ӯ инчунин таркшудааст. Аввалро Байҳақӣ дар "Далоил-ун-нубувват" (3/99-100) аз тариқи Абӯяъло дар Муснад (1549) ривоят карда ва инчунин онро Ибни Асир дар "Асад-ул-ғоба" (4/371) ва Ибни Адӣ дар "ал-Комил" (4/1594) ривоят кардаанд.

Ва инчунин дуюмро Байҳақӣ дар "ад-Далоил" (3/100) ва Базор дар "Муснад"-аш, Завоидаш дар рақами (1771) ва Табаронӣ дар "ал-Кабир" (4535) ва дар "ал-Авсат" Маҷмаъ-ул-Баҳрайн (2751) ва Ибни Асир дар "Асад-ул-ғоба" (4/371) ривоят кардаанд ва Ҳоким иснодашро дар Мустадрак (3/232) саҳеҳ гуфтааст! Ва Заҳабӣ ӯро ба гуфтааш рад намуд:(Мегӯям:Абдулазизро заиф ҳукм намудаанд).

Сипас бар дигар тариқҳо иттилоъ ёфтам, дар он касоне ҳаст, ки Ҳайсамӣ дар "ал-Муҷмаъ" (6/113-114-109) онҳоро муаррифӣ накардааст. Инро Табаронӣ дар (19/8-9) дар рақами (12-13-14) ривоят кардааст. Ва инчунин Ибни Исҳоқ дар "ас-Сират" (2/82) ривоят кардааст:Маро Осим ибни Умар ибни Қатода ба таври мурсал ҳадис гуфт ва онро Абӯнаъим дар "Далоил-ун-нубувват" (2/174) пайваста аст ва дар он иллате нест, ҷуз тадлиси Муҳаммад ибни Исҳоқ ва барои ин иснoди ҳадис заиф асту бас.

Ва ба рости Абӯнаъим (2/174) аз Табаронӣ аз тариқе ки баъзе мардонашро Ҳайсамӣ муаррифӣ накардааст (нашнохтааст) ривоят кардааст. Ва барои ман маълум шуд, ки онҳо маъруф нестанд, якум:Абдуллоҳ ибни Фазл ибни Осим

Ва барои саҳобагонаш пас аз Ӯ кароматҳо буд, шуморида намешавад, монанди тасбеҳи лаган дар пеши Салмон ва Абӯдардо[2] ва онҳо таом мехӯрданд ва Аббод ибни Бишр ва Усайд ибни Ҳузайр вақте аз пеши Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи (ва олиҳи) ва саллам дар шаби торик баромаданд, пас тарафи қамчин барои онҳо рушноӣ дод, вақте ҷудо шуданд, рушноӣ бо онҳо ҷудо шуд ва Абӯбакри Сиддиқ вақте се меҳмони Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи (ва олиҳи) ва салламро бурд, луқмаеро намехӯрд, магар ки мисли он зиёд мешуд, пас вақте сер кардан, аз пештара бисёр буд, пас онро ба назди Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи (ва олиҳи) ва саллам бурд, пас мардуми бисёре омада, аз он хӯрданд.

Ва Умар (разияллоҳу анҳу) вақте лашкарро бо ҳамроҳи Сория фиристод ва онҳоро душман мулоқот кард ва Умар дар Мадина бар

---

ибни Умар ибни Қатода ибни Нуъмони Ансорӣ ва дуюм:Падараш Фазл ибни Осим. Инчунин Алоӣ ба ин ишора кардааст, ки онҳо шинохта нашудаанд ва инро Ҳофиз дар "Лисон-ул-мизон" (6/295) рақами (9087) иқрор намудааст. Сипас баъде ки инро навистам бар дигар тариқҳо иттилоъ ёфтам, онҳоро муҳаққиқи "Далоил-ун-нубувват"-и Исфаҳонӣ дар рақами (167) аз (ҷ:3/1031-1043) зикр кардааст. Ва ҳамаи ин тариқҳо ба ҷаҳолат ва пайваста набудани санад иллатдоранд, бо ҳамроҳи ихтилофи дар санад ва матн ва барои ин муҳаққиқи китоб ба заъфи ҳадис тасмим гирифтааст ва он ҳамонгуна аст, ки ӯ гуфтааст, иншо Аллоҳу таъоло.

**Танбеҳ**:Шайхи Ислом, Ибни Таймия дар "ал-Фатово" (11/275) қиссаи Қатодаро қотеъона гуфтааст ва дар онҷо (Абӯқатода) воқеъ шудааст. Ва ба ростӣ заиф буданашро донистӣ!

[1] Инро Шайхи Ислом, Ибни Таймия дар "ал-Фатово" (11/275) зикр карда гуфт: "Вақте Муҳаммад ибни Маслама барои куштани Каъб ибни Ашраф фиристода шуд, пас афтоду пояш шикаст, пас онро масҳ кашид, пас соз шуд!".

Алӣ Ризо гуфт: Ба рости инро Байҳақӣ дар "Далоил-ун-нубувват" (3/190-192) қиссаи куштани Каъб ибни Ашрафро ривоят кард. Ва албатта касе ки ҷароҳат бардошт Убод ибни Бишр дар рӯяш, ё пояш буд. Ва чизе аз масҳ кашидани Паёмбар алайҳис салоту вас салом барои пояшро зикр накарда аст, бо ҳамроҳи ин ки иснод мӯъзал (навъе аз ҳадисҳои заиф аст) аст аз ривояти Мусо ибни Уқба аст. Сипас онро (3/199) ба иснοди мурсал ривоят карда ва мардро ном бурдааст, ки Ҳорис ибни Авс аст ва ин ки Паёмбар алайҳис салоту вас салом бар ҷароҳаташ туф кард.

[2] Инро Абӯнуъайм дар "Ҳулят-ул-авлиё" (ҷ:1, саҳ:224) ба исноде ривоят карда аст, дар он касоне аст, ки тарҷумаашонро намедонам.

болои минбар буд, пас ӯро нидо кард:Эй Сория! Кӯҳ баро, ду бор такрор кард. Пас Сория ӯро шунид ва ӯ дар Ироқ буд ва ба кӯҳ паноҳ бурд ва пирӯзиро ба даст овард.

Ва нозил шудани сакина ва дар он малоикаҳо монанди соя барои қироати Усайд ибни Ҳузайр[1].

Ва малоикаҳо ба Имрон ибни Ҳусайн салом медоданд[2].

Ва Хубайб ибни Адӣ асири мушрикон буд, ангур оварда мешуд, онро мехӯрд ва дар Макка ангур набуд[3].

Ва Умми Айман вақте бетушаву об ба муҳоҷират баромад ва рӯзадор буд, пас вақте бегоҳ шуд бар вай сатили пур аз об аз осмон поён шуд, пас то сероб шудан нушид ва дар боқии умраш ташна нашуд[4].

Ва Сафина мавлои Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи (ва олиҳи) ва салламро шер пеш омад, пас гуфт:Ман мавлои Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи (ва олиҳи) ва саллам ҳастам, пас шер ҳамроҳаш рафт, то ӯро ба ҷои мақсадаш расонид[5].

Ва Баро ибни Молик ҳаргоҳ бар Аллоҳ қасам мехӯрд, Аллоҳ қасами ӯро вафо мекард[6] ва боре дар лашкаре буд, пас онҳоро душман вохӯрд,

---

[1] Баёни саҳеҳ будани он гузашт ва ин ки онро Бухорӣ (5018) ва Муслим (796) аз ҳадиси Усайд ибни Ҳузайр разияллоҳу анҳу ривоят кардаанд.

[2] Ин дар Саҳеҳи Муслим (1226) рақами (167) ва он дар Муснади Аҳмад (4/427) ва Табақоти Ибни Саъд (4/290) ривоят омадааст.

[3] Ин дар Бухорӣ (3045-3989-4086-7402) омада, саҳеҳ аст.

[4] Инро Ибни Саъд дар "Табақот-ул-кубро" (8/224) ба исноди мунқатеъ ривоят кардааст.

[5] Табаронӣ дар "ал-Кабир" (6432) ривоят кардааст. Ва онро Ҳоким дар Мустадрак (3/606) саҳеҳ ҳукм намуда ва ӯро Заҳабӣ мувофиқат кардааст! Ва албатта он ҳасан аст аз рӯи Усома ибни Зайди Лайсӣ.

Ва инчунин инро Абдурразоқ дар Мусаннаф (20544) ривоят карда ва иснодаш саҳеҳ аст, дар он пӯшидагие нест, ҷуз он чизе ки муҳаққиқои "Сияри аълом-ин-нубало" (3/173-174) ба роҳбарии Шуъайби Арноут! Аз ин ки Муҳаммад ибни Мункадир шуниданаш аз Сафина собит нашудааст!! Ва ин чизе нест, зеро онҳо аз ӯ аслан нашуниданашро зикр накарданд, балки ривояти ӯро аз вай Миззӣ ва Ибни Ҳаҷар ва дигарон иқрор кардаанд!!.

[6] Ҳадиси саҳеҳ аст. Инро Тирмизӣ дар Сунан (3854) аз ҳадиси Анас ибни Молик разияллоҳу анҳу ба таври марфӯъ ривоят кардааст:"Чӣ бисёр мӯжулида, ғуборолуд, соҳиби ду либоси кухна ба ӯ аҳамият дода намешавад, агар бар

пас бар Аллоҳ ба зафар ёфтан ва шаҳодат қасам хӯрд, пас шаҳид шуд ва душман шикаст хӯрд[1].

Ва Холид ибни Валид қалъаеро муҳосара намуд, пас гуфтанд:Ислом намеорем, то ки ин заҳрро бинӯшӣ, пас онро нӯшид ва ӯро зарар накард[2].

Ва Саъд ибни Абӯваққос мустаҷоби дуо буд[3] ва ӯ касест, ки лашкарҳои Кисророро шикаст дод ва Ироқро фатҳ намуд[4].

---

Аллоҳ қасам хӯрад, ҳароина қасами ӯро вафо мекунад, аз ҷумлаи онҳо Баро ибни Молик аст". Ва иснодаш ҳасан аст.

Ва онро Бағавӣ дар Шарҳи суннат (14/190) аз дигар ваҷҳ аз Анас ривоят кардааст, ва дар он касе аст, ки ба ҳадисаш дар мутобаот эътибор дода мешавад, пас ҳадис саҳеҳ мешавад ва ҳамду сипос махсуси Аллоҳ аст. Ва ба зуди барои он тариқи дигар меояд.

[1] Инро Ҳоким дар Мустадрак (3/291-292) аз тариқи сеюм аз Анас ибни Молик разияллоҳу анҳу ва дар он ҳадиси ҳозир зикршуда бо ҳамроҳи қиссаи Баро дар лашкар аст. Ва инро Ҳоким саҳеҳ ҳукм намуда ва ӯро Заҳабӣ мувофиқат кардааст, бо вуҷуде ки дар он Муҳаммад ибни Азиз аст ва дар вай заъф аст ва дар дурустии шунидани ӯ аз аммакаш Салома ибни Равҳ сухан аст, ҳамонгуна ки дар Тақриб (617) омадааст. Ва ба ҳар ҳол, ҳадис бешак саҳеҳ аст, локин қисса ба ин иснод заиф аст ва Аллоҳ донотар аст.

[2] Аз Холид ибни Валид аз ду ваҷҳ ривоят шудааст:Аввалро Табаронӣ ва Абӯяъло ривоят кардаанд, ҳамонгуна ки дар "Маҷмаъ-уз-завоид" (9/350) ва гуфт:Ва яке аз иснодҳои Табарониро мардонаш мардони саҳеҳ аст ва он мурсал аст. Ва мардонашон муътабаранд, ҷуз ин ки Абӯсафар ва Абӯбурда ибни Абӯмусо аз Холид нашунидаанд ва Аллоҳ донотар аст.

Ва дуюмро Ибни Саъд ва Ибни Абӯдунё аз Хайсама ба исноди саҳеҳ ривоят кардаанд, гуфт:Назди Холид ибни Валид марде бо зарфи шароб оварда шуд ва Яҳё ибни Одам аз Абӯбакр ибни Айёш гуфт:Сирко дар бадали асал. Заҳабӣ гуфт: Ва ин шабеҳтар аст, пас гуфт:Эй Аллоҳ инро асал гардон, пас асал шуд. Сияри аъломин нубало (1/376) ва ал-Исоба (3/73)-ро назар кун!. Ва ин низ мунқатеъ аст, пас шояд он ба ваҷҳи дигар ҳасан хонда шавад. Ва Аллоҳ донотар аст.

[3] Ин саҳеҳ аст дар Сунани Тирмизӣ (3752) аз ҳадиси Саъд разияллоҳу анҳу омада аст, ки Расулуллоҳ алайҳис салоту вас салом фармуд:"Эй Аллоҳ Саъдро иҷобат кун ҳаргоҳ Туро дуо кунад". Ва иснодаш саҳеҳ аст ва онро Ибни Ҳиббон дар рақами (2215) ва Ҳоким (3/499) саҳеҳ гуфта ва ӯро Заҳабӣ мувофиқат кардааст.

[4] Тарҷумаи Саъд ибни Абӯваҷосро дар "Сияри аълом-ин-нубало" (1/92-124) назар кун!

Ва Абӯмуслими ал-Хавлонӣ вақте ӯро Асвади Ансӣ, ки иддиои паёмбарӣ карда буд, даъват намуд. Пас ба ӯ гуфт: Оё гувоҳи медиҳӣ, ки ман расулуллоҳ ҳастам?! Пас дар ҷавоб гуфт: Намешунавам.

Гуфт: Оё гувоҳи медиҳӣ, ки Муҳаммад расули Аллоҳ аст?!

Гуфт: Оре. Пас амр кард, ки оташ афрӯхта шавад, пас дар он партофта шавад. Пас ӯро диданд, ки дар миёни оташ росто намоз мехонад ва ба ростӣ оташ барои ӯ сард ва саломат гаштааст[1].

Ва барои ӯ каниззанаш дар таомаш заҳр гузошт, пас онро хӯрд ва ба ӯ зарар нарасонд[2].

Ва Сила ибни Ашям[3] аспаш дар ғазва фавтид, пас гуфт:Эй Аллоҳ, барои махлуқе барои ман миннат қарор мадеҳ. Пас Аллоҳ аспашро барои ӯ зинда гардонид, то ки ба манзилаш омад, сипас гуфт: Эй писарам! Зини аспро бигир, пас албатта он орият аст, пас зини аспро гирифт, пас асп фавтид.

Ва боре назди ӯ шер омад, дар ҳоле ки ӯ дар замини васеъе намоз мегузорид, пас вақте салом дод, гуфт: Ризқатро дар ғайри инҷо талаб кун, пас шер аз ҷояш гашта рафт[4].

Ва Саъид ибни Мусайиб дар айёми Ҳарра[5] аз қабри Паёмбар саллаллоҳу алайҳи (ва олиҳи) ва саллам азонро мешунавид ва масҷид холи буд, дар он ба ҷуз ӯ касе боқӣ намонда буд[6].

---

[1] Дар қисса ирсол аст, яъне мунқатеъ аст, ҳамчуноне ки Заҳабӣ дар "Сияри аълом-ин-нубало" (4/8-9) тасмим гирифтааст ва инчунин "Асад-ул-ғоба"-и Ибни Асир (6/283)-ро назар кун!

[2] Ба ин Шайхи Ислом дар ал-Фатово (11/279) қатъ намудааст.

[3] Тарҷумаашро дар Ҳулят-ул-авлиё (2/237-242) назар кун!

[4] Инро Абӯнуъайм дар ал-Ҳуля (2/240) ривоят кардааст ва дар он Ҳамод ибни Ҷаъфар ибни Зайд аст, ҳадиси ӯ лайин (заиф) аст ҳамчуноне ки дар Тақриб (1500) омадааст. Ва барои ин тариқи дигар аст, дар он ҷаҳолат аст, бо ҳамроҳи андаке ихтилоф. Ва Шайхи Ислом Ибни Таймия ба ин қисса ва ғайраш дар "ал-Фатово" (11/280) тасмим гирифтааст.

[5] Воқеъаи Ҳарра аз ҷумлаи сахттарин воқеъот аст, ки Язид писари ҳазрати Муовия ба сӯи Мадина лашкаркашӣ намуда ва Мадинаро хароб ва табоҳ кард. (Мутарҷим)

[6] Инро Доримӣ дар Сунанаш (94) ривоят карда гуфт:Ба мо Марвон ибни Муҳаммад аз Саъид ибни Абдулазиз хабар дода гуфт:Пас онро ба маънояш зикр кард, локин гуфт:"Ва буд намоз намехонд, магар ба ҳамҳама (овозе), ки онро аз қабри Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва саллам мешунавид".

Ва ҳангоме ки Аҳнаф ибни Қайс фавтид, кулоҳи марде дар қабри ӯ афтод, пас худро хам кард, то онро бигирад, пас қабрро дид, ки ба таҳқиқ ба андозаи биноӣ васеъ шудааст[1].

Ва Иброҳими Таймӣ як моҳ ду моҳ иқомат мекард, намехӯрд ва наменӯшид[2].

Ва Утбат-ул-ғулом[3] аз Парвардигораш овози зебо ва оби дидаи фаровон ва таоми бемашаққат пурсид. Пас ҳаргоҳ қироат мекард, мегирист ва мегирёнид ва оби дидааш тули ҳаёташ ҷорӣ буд ва ба сӯи манзилаш мегашт, пас таомашро меёфт ва намедонист, ки аз куҷо барояш меояд[4].

Ва Омир ибни Қайс ба пеши корвоне гузашт, ки онро шер манъ намудааст. Пас назди шер омад, шер барои ӯ тавозӯъ кард, пас пояшро бар гардани ӯ гузошт ва корвон гузашт ва гуфт:Ман аз Аллоҳ таъоло шарм медорам, ки аз ғайри Ӯ битарсам[5] ва Парвардигорашро дуо намуд, ки

---

Мегӯям:Иснодаш дар байни Саъид ибни Абдулазиз ва байни Саъид ибни Мусайиб мунқатеъ аст ва якум пеш аз маргаш аралаш мекард, пас иснод бешак заиф аст. Ва "Таҳзиб-ут-таҳзиб" (2/32)-ро назар кун! Ва дар "Табақоти ибни Саъд" ҷ/5, саҳ:132 ба ду иснод ривоят шуда якеаш аз дигареаш заифтар аст.

[1] Инро Заҳабӣ дар "Сияри аълом-ин-нубало" (4/95-96) зикр кардааст ва дар он касе аст, ки тарҷумаашро намедонам ва Шайхи Ислом ба ин хабар дар ал-Фатово (11/281-282) қотеъона овардааст.

[2] Инро Заҳабӣ дар "Сияри аълом-ин-нубало" (5/61) зикр карда аст ва дар он тадлиси Аъмаш аст, пас албатта ӯ ба шуниданаш аз Иброҳими Таймӣ ошкор накарда аст, ва ӯ Нахаъӣ нест.

[3] Инро Абӯнуъайм дар "Ҳулят-ул-авлиё" (6/236) ривоят карда аст ва дар санади он Яҳё ибни Рошид ва маълум аст, ки ӯ Мозанӣ аст ва ӯ заиф мебошад. Ва Абдуллоҳ ибни Мубашир аз валади Тавбаи Анбарӣ барояш тарҷумае наёфтам, магар ин ки Мадинӣ бошад, пас вай мӯътабар аст, ҳамонгуна ки дар "ал-Ҷарҳ ва-т-таъдил" (5/177) омадааст.

[4] Тарҷумаи Утба ибни Абони Басриро дар "ас-Сияр" (7/62-63) назар кун!

[5] Абӯнуъайм инро дар "ал-Ҳуля" (2/92) ривоят карда аст, локин дар он:"Ман шарм медорам....." то охираш нест, балки гуфт:Ин саге аз сагҳост, пас ба пеши ӯ гузашт, то ки дар либосаш даҳони шер расид". Ва дар санади он Амора ибни Абӯшуъайб аст ва ба таҳқиқ ӯро Ибни Абӯҳотим дар "ал-Ҷарҳ ва-т-таъдил" (6/366) ба ривояти ду нафар аз ӯ овардааст ва дар ӯ ҷарҳ ва таъдилеро зикр накардааст. Сипас бар иборaи ӯ:"Албатта ман аз Аллоҳ азза ва ҷалла шарм медорам, ки ҷуз Ӯ аз чизе битарсам" иттилоъ ёфтам, инро инчунин Абӯнуъайм дар "ал-Ҳуля" (2/89) дар қиссаи дигар, ки ба сӯи он муаллиф ишора кардааст оварда аст ва дар санади он касе аст, ки низ тарҷумаашро намедонам. Ва

бар ӯ таҳоратро дар зимистон осон гардонад, пас барояш об оварда мешуд, ки бухор дошт[1] (яъне гарм буд).

Ва Парвардигорашро дуо намуд, ки қалбашро дар намоз аз шайтон ҳифз кунад, пас шайтон бар васвасаи ӯ қудрат надошт[2] (шайтон ӯро васваса карда наметавонист).

Ва Ҳасани Басрӣ аз Ҳаҷҷоҷ пинҳон шуд, пас ба назди ӯ шаш бор даромаданд, пас Аллоҳ таъолоро дуо кард, пас ӯро ягон кас надид[3].

Ва ин боби васеъ аст дар ин уммат, барои касе ки Аллоҳ таъоло ӯро икром намояд.

Ва каромат гоҳо ба мувофиқи эҳтиёҷи аҳли он мебошад. Ин (ишора ба зикршудаҳои боло) ва гоҳо баъзеашон хаёл мекунанд дар қавли Муҳаммад ибни Фазл[4] дар назми ӯ дар бораи каромат:

من قطع ذي مسافة في ساعة      وطي أيام على المجاعة
والمنطق الناجع في الــقلــوب      والنظر النافـع للكــروب
وسرعة الإدراك بالفـــراســة      ورقية الأملاك بالكياسة

Аз қатъи масофаи дур дар соате ва тай кардани рӯзҳо бар гуруснагӣ ва кашфи он чизе ки дар дилҳост ба мантиқи нофеъаш ва ба душвориҳо назари нофеъ намудан ва ба фиросат зуд дарк кардан ва ба заковат амлокро дидан.

Баъзеҳо хаёл кардан, ки дар ин исботи тасарруф аст ба он чизе ки валӣ мехоҳад аз қатъ намудани масофаҳои дур бар тайи муродаш ! Ва

---

инчунин "Сияри аълом-ин-нубало" (4/17) ва "ал-Фатово" (11/279-280)-ро назар кун!

[1] Инро Абӯнуъайм дар "ал-Ҳуля" (2/92) ривоят кардааст. Ва ба он Шайхи Ислом Ибни Таймия дар "ал-Фатово" (11/280) қатъӣ гуфтааст. Мегӯям:Дар он тадлиси Қатода аст ва ӯ ба ҳадис гуфтан ошкор накардааст, пас иснод заиф аст. Ва Амр ибни Осим ҳамон Кулобӣ аст, ростгӯ аст дар ҳифзаш нақс аст, ҳамонгуна ки дар Тақриб (5090) омадааст.

[2] Инро Заҳабӣ дар "ас-Сияр" (4/17) зикр кард ва дар ин низ тадлиси Қатода аст ва бо ҳамроҳи ин Шайхи Ислом дар "ал-Фатово" (11/280) қотеъона ҳарф задааст.

[3] Тарҷумаи васеъи ӯ раҳимаҳуллоҳу таъолоро дар "Табақоти Ибни Саъд" (7/156-177) ва "Сияри аълом-ин-нубало" (4/563-588) назар кун!

[4] Шояд ӯ Муҳаммад ибни Фазли суфӣ воизи Балх бошад, Заҳабӣ дар "Сияри аълом-ин-нубало" (14/523-526) тарҷумаи ӯро зикр кардааст.

маънои:**"Ҷуз ин нест, ки мӯъҷизаҳо танҳо назди Аллоҳ аст"**[1]-ро тарк намуда аст.

Ва ин ки валӣ он чиро ки дар дилҳост ба мантиқаш кашф менамояд! Ва маънои: **"(Оё ин бутҳо беҳтаранд) ё касе ки (дуои) дармондаро иҷобат мекунад, чун Ӯро бихонад"**[2]-ро тарк карда аст.

Ва ин ки валӣ мулкҳоро мебинад! Ва маънои **"Ба ғайб имон меоранд"**[3]-ро тарк карда аст.

Ва ин ки валӣ аз ин умур ба фиросат ва законат хабар медиҳад, зеро ки хаёлҳои ӯ аз маъдани илҳоми хафӣ (пӯшида) хабар медиҳад! Ва намедонад, ки ин аз ҷумлаи ширки хафӣ (пӯшида) аст.

Ва албатта мақсади нозим баёни ҳақиқати каромат аст ва ин ки он бар шартҳои зикршуда ҷоиз аст, аз рӯи рад кардан бар касе ки кароматро инкор мекунад, монанди Абӯисҳоқ[4] ва мӯътазила.

Пас он назмро ба гумонаш бар исботи тасарруф ва кашф ҳамл намуда ва роҳи касеро пеш гирифта аст, ки валиро аз набӣ афзал медонад[5].

Ва гуфт: Албатта валӣ ба илҳом ва ақл хабар медиҳад, пас аввал (яъне валӣ) бевосита хабар медиҳад, пас дар наздашон валӣ бар набӣ дар хабар додан роҷеҳ гашт[6]!

---

[1] Сураи Анъом, ояти:109.
[2] Сураи Намл, ояти:62.
[3] Сураи Бақара, ояти:3.
[4] Ӯ Абӯисҳоқи Исфаройинӣ, Иброҳим ибни Муҳаммад лақабаш Рукниддин аст ва ба ростӣ Заҳабӣ дар "Сияри аълом-ин-нубало" (17/353-356) тарҷумаи ӯро зикр кардааст. Ва Заҳабӣ дар онҷо аз Абӯлқосими Қушайрӣ аз Абӯисҳоқи Исфаройинӣ нақл кардааст, ки ӯ каромоти авлиёро инкор мекард ва онро ҷоиз намешуморид. Заҳабӣ мегӯяд:Ин лағжиши калон аст.
[5] Монанди шайхи кофиртар (!) Муҳйиддин-балки мумитиддин!- ибни Арабии мулҳид ва тоифае аз асҳоби ваҳдат-ул-вуҷуд ва ба ростӣ се рисолаи нофеъро ба амру иродаи Аллоҳ таъоло дар радди онҳо таҳқиқ кардам:
Якумаш: "ар-Рад ала-л-қоилина биваҳдат-ил-вуҷуд"- аллома Мулло Алӣ Қорӣ.
Дуюмаш: "Тасфиҳ-ул-ғабӣ битабриати ибни Арабӣ"-и аллома Иброҳими Ҳалабӣ.
Сеюмаш: "Неъмат-уз-зариъа фи нусрат-иш-шариъа" низ аз имом Иброҳими Ҳалабӣ аст.
[6] Каломи мулҳид ибни Арабиро дар "Фусус-ул-ҳикам" (63) ва радди бар ӯро дар гуфтаи аллома Иброҳими Ҳалабӣ дар "Неъмат-уз-зариъа" (37-40) назар кун!

Ва аз инҷо гуфтанд: Ба қатъ шудани нубувват ба сабаби фавтидан ба ҷуз валӣ[1]! Ва барои арвоҳи онҳо тасарруфро исбот карданд, зеро онҳо боқӣ ҳастанд[2]!

Ва ба гумонашон гуфтанд он чиро ки Аллоҳ ба он ҳуҷҷате нозил накардааст аз рӯи дурӯғ бастан ба Аллоҳ ва байни каромоти Раҳмон барои авлиёаш ва талбисҳои шайтон аз душманонаш фарқ накарданд ва ҳақиқатҳои имонро тарк карданд ва аз нусуси Қуръон рӯй гардонданд!

**"Фардо хоҳанд донист чи касе дурӯғгӯи худписанд аст"**.[3]

**"Ва касоне ки зулм карданд, ба зуди хоҳанд донист ба чи бозгаштгоҳе боз мегарданд"**.[4]

Ва шояд ки аз роҳ каҷшуда барои таассуб, ё ҳасад ба надидани мақсад ҳайрон ва дудила шавад, пас албатта барои ҳақиқат ҳақ аст, ки пайравӣ карда шавад.

Ва беҳтарини роҳнамоӣ дар канорагирӣ кардан аз беқарории сахт аст. **"Ва (аммо) касе ки дар ин (дунё аз дидани ҳақ) нобино будааст, пас ӯ дар охират (низ) нобино аст"**.[5]

Ва шак дар ақидаҳои аҳли дин монанди яқин нест! Пас касе машаққат кашад ва таманно кунад. Ноил шавад он чиро ки некӯ намесозад.

Ва касе дақиқона назар кунад ба мақсади мӯътабар бипайвандад!

Ва касе беусул чизе гирифт, шояд ки бар ӯ манқул ихтилоф кунад!

Пас, ҳаргоҳ шахс қоидаҳоро мустаҳкам намояд, барои ӯ фоидаҳо пай дар пай ояд!

Пас устувор кардани имон дар ин боб ҳамон мағзу хирад аст! Пас аз роҳи ғайр ҳазар кун-ҳазар, пас албатта ман дар он чизе ки бароят зикр кардам, сахтгириро қасд накардам, балки огоҳ кардан бар ҳудудро ба таҳдид қасд намудам! Пас албатта қадами касе лағжид, дар соҳаи пушаймонӣ меафтад!

Ва касе ки ҳудуд ва он чиро ки дар он аст таҷовуз кунад, ба оташе, ки дар он ҷовидон аст, ҷазо дода шавад!

---

[1] Ба ин ибни Арабӣ дар "ал-Фусус" (134-135) ошкор намудааст ва радди шофӣ бар ӯро дар "Неъмат-уз-зариъа" (114-117) назар кун!

[2] Нақл аз баъзе олимони ҳанафӣ гузашт ба ин ки касе гӯяд:"Арвоҳи шайхҳо ҳозиранду медонанд, кофир мешавад". "ал-Баҳр-ур-роиқ" (5/124)-ро назар кун!

[3] Сураи Бақара, ояти:26.

[4] Сураи Шуро, ояти:227.

[5] Сураи Исро, ояти:72.

Пас дур бош, сипас дур бош аз лағжиши қалами насхкунандагон, пас албатта он зебоиро дар хати олимони устувор мепӯшад!

Пас аз ин ҷост, ки барои ту дар ин шаън эҳтимом додам ва барои ту захираҳои бурҳонро ошкор намудам ва инро бар хатти аниқ дар ғояти таҳқиқи олӣ тартиб додам.

Ва муроди ман ба ин осон шудани роҳ ва равшан шудани далел барои ҳар касе ки дари қалбашро барои кушодан бикубад ва асоси афкорашро хитоб намояд ва чизҳои арзишманди ҳифзшудаашро ба даст орад ва беҳтарини некӯиҳояшро истифода барад ва ба абрешимҳои захираҳояш худро зиннат диҳад ва дар баҳрҳояш барои ҷамъоварии ҷавҳарҳои он дохил шавад, хоссатан ва ба ростӣ асарҳо аз байн рафта ва мансуру манзуми он маҳв шуданд. Ва пешво аз миён рафта ва нокасон дар ҷои ӯ қоим шудан ва матлаб сахт шуд ва идора кардани лиҷом душвор шуд, ба ҷуз шахсе ки Аллоҳ ӯро ба иноят қувват бахшид ва ӯро ба сипари ҳидоят сатр намуд, пас касест, ки чизи гувороро ба даст овард ва ба мақсад расид.

Ва аз Аллоҳ тавфиқ ва ҳидоятро ба сӯи росттарини роҳро чашм медорам ва Ӯро аз лутфу марҳаматаш саломат мондани дар ду ҳол, ҳоли ҳозир ва оқибату поёни онро мепурсам ва аз фазли Ӯ хотимаи нек ва иззатеро, ки монанди он дар рӯзи қиёмат нест, талабу дархост мекунам. Ва Аллоҳ бар касе ки баъд аз Ӯ набӣ нест ва бар оли Ӯ ва ҳамсуҳбатону лашкари Ӯ салот фиристад.

Ва ин охири он чизест, ки аз фазли Аллоҳ муяссар шуд дар чизе ки: "Сайфуллоҳ ало ман казаба ало авлиёиллоҳ" номида шуд, мебошад.

Муаллифаш гуфт: Таълифи ин китоб дар Макка, дар охирҳои моҳи ҷимодус сонӣ, соли 1117 (ҳиҷрӣ) ба итмом расид.

Ва Аллоҳ бар паёмбарамон Муҳаммад ва хонаводаи Ӯ ва ҳамсуҳбатони Ӯ салоту салом фиристад[1].

---

[1] Нусхабардорӣ аз ин рисолаи ягона дар рӯзи якшанбе 19/3/1419 аз ҳиҷрати набавии муборак бар соҳиби он беҳтарини салот ва поктарини салом фиристодан бод дар шаҳри Фаруқи маъруф Истанбул тамом шуд. Ва алҳамду лиллоҳ таҳқиқи он асри бегоҳи ҷумъа 26/5/1419 аз ҳиҷрати набавии муборак бар соҳиби он беҳтарини салот ва поктарини салом фиристодан бод дар шаҳри Халилуллоҳ Муҳаммад саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам ба поён расид. Ва субҳонакаллоҳумма ва биҳамдика ашҳаду ал ло илоҳа илло анта астағфирука ва атубу илайк.

Тарҷумон мегӯяд: Тарҷумаи ин китоб дар Мадинаи Мунаввара, дар соати 8:26, дар 16-уми моҳи ҷимодус сонӣ, соли 1438 ҳиҷрӣ мувофиқ ба 15 марти 2017 мелодӣ ба фазлу раҳмати Аллоҳ таъоло ба поён расид. Аз Аллоҳ таъоло дархост менамоям, ки ин амалро дар мизони ҳасанотам, дар рӯзе ки бо Ӯ таъоло вомехӯрам қарор диҳад, ҳамоно Ӯ шунавои биност.

Ба қалами: ШАҲОБИДДИН СОЛИҲ

**ФЕҲРАСТ**

Фасли аввал: Дар радди он ифки бузург ва ширки азиме, ки иддио доранд......16
Фасли дуввум: Дар эътиқоди беҳтаринҳо, ки аз оташ наҷотдиҳанда аст......55
Фасли сеюм: Дар мавзӯи кароматӣ авлиё аст......82